20
солагии
Донишгоҳи технологии
Тоҷикистон

Шарифов И. У.

# ФАЛСАФА

## ДАСТУРИ ТАЪЛИМӢ - МЕТОДӢ ДАР НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАЪЛИМ



**БАХШИДА БА «СОЛИ МАОРИФ ВА ФАРҲАНГИ ТЕХНИКӢ» ВА 20-СОЛАГИИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН**

ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА САНОАТИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ
ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН
Кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва рушди шахсият

# ФАЛСАФА

## ДАСТУРИ ТАЪЛИМӢ - МЕТОДӢ ДАР НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАЪЛИМ

Дастури мазкур аз нигоҳи татбиқи ғояҳои соли 2010 эълон гардидани Соли маориф ва фарҳанги техникӣ таҳия гардида, ба 20-солагии таъсисёбии Донишгоҳи технолгии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Душанбе
Ирфон
2010

**ББК 87. 3+87.3 (2 тоҷик)**
**Ш - 30**

*Бо қарори Шӯрои илмӣ-методии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба чоп тавсия шудааст. Суратмаҷлиси № 6 аз 30 май соли 2010*

**Муқarrизон**

***Содиқова Н. Н.*** – доктори илмҳои фалсафа
***Ниёзов Ё. Б.***- номзади илмҳои фалсафа, устоди кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва рушди шахсияти ДТТ

**Муҳаррир**

**Восиев Қ. В.** – доктори илмҳои филология, профессор, мудири кафедраи «Забони давлатӣ ва маданияти суханварӣ» - и ДТТ

**Ш-50**
**Фалсафа** - Шарифов И. У. (дастури таълимӣ-методӣ дар низоми кредитии таълим)-Душанбе: «Ирфон», 2010.

Воситаи таълимии мазкур дар асоси Стандарти давлатии оид ба барномаи таълиме, ки Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, навишта шудааст. Дар китоб баъзе масъалаҳои таърихи фалсафа, ҳастишиносӣ, назарияи маърифат, инсоншиносии фалсафӣ, фалсафаи иҷтимоӣ, ҷаҳоншумулият ва масъалаҳои ҷаҳони муосир баррасӣ шудаанд. Ҳамзамон, муаллиф кӯшиш кардааст, ки таълими фанни фалсафаро дар асоси низоми кредитии таҳсил бо овардани саволномаҳои тестӣ – санҷишӣ, барномаи кори таълимӣ (Силлабус) пешкаши донишҷӯён намояд.

Ин китоб барои донишҷуён, дӯстдорони фалсафа ва омаи васеъи хонандагон пешниҳод карда мешавад.

*Дар ҷаласаи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва рушди шахсияти Донишгоҳи технологии Тоҷикистон муҳокима гардида, ба чоп тавсия шудааст. Суратмаҷлиси № 7 аз 20 май соли 2010.*

ш $\frac{0301020000 - 192}{м501\ (12) - 2010}$ 2010 ББК 87. 3+87.3 (2 тоҷик)

© Шарифов И. У. 2010

## Сарсухан

Тахаввулоти бузурге,ки дар охири қарни XX ва ибтидои садаи XX1 дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуҷуд омад, дар системаи ягонаи таълимии мактабҳои олӣ боиси дигаргуниҳои куллӣ гардид. Ин раванд бештар ба илмҳои ҷомеашиносӣ, алалхусус фалсафа таъсири назаррас расонд. Дар чунин вазъият таълифу интишори китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ, ки ҷавобгӯи замон бошанд, аҳамияти хосса пайдо мекунад.

Зарурияти навиштани дастури таълимӣ аз фанни Фалсафа аз як тараф тақозои замони нав ва ташаккули тафаккури нави фалсафӣ бошадаз тарафи дигар, набудани китоби ягонаи дарсӣ барои донишҷӯён мебошад, ки дар бахшҳои гуногуни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таълим гирифта, касбҳои гуногуни замонавиро аз худ менамоянд.

Дастури таълимӣ, ки пешкаши донишҷӯён ва шавқмандони илми Фалсафа мегардад, бо назардошти мушкилиҳо ва мураккабиҳое, ки дар ҷараёни таълими фалсафа ба миён омадааст, мувофиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Маълумоти олӣ" ва барномаи нави таълимӣ аз фанни фалсафа таҳия шудааст.

Ба мақсади кӯмак расонидан ба донишҷӯён дар охири дастури таълимӣ силабус ё барномаи кории омӯзиши фанни фасафа дар низоми таҳсили кредитӣ оварда шудааст, ки дар он талаботи омӯзиши фан, рӯихати адабиёти навин, маҷмӯи корҳои мустақилона ва сиёсати меъёри баҳогузорӣ, ҳамчунин дар охири китоб луғати мухтасари фалсафӣ, мафҳум ва категорияҳои асосии фалсафа гирд оварда шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки муаллиф даъвои ҳамаи масъалаҳои мураккаби имрӯзаи таълими фалсафаро ҳаллу фасл кардан

надорад.Вай танҳо кӯшиш намудааст таҷрибаи пешқадами таълими фалсафаро дар мактабҳои олии Ҷумҳурӣ омӯхта, онро бо назардошти шароиту имконияти таълим дар донишгоҳи технологии Тоҷикистон амалӣ гардонад.

Муҳаррири масъул ба омӯзгорон, донишҷӯён ва умуман шахсони алоҳида муроҷиат намуда, эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки дар мавриди шиносоӣ ва истифодабарии дастури мазкур фикру мулоҳиза ва эродҳои ҷолиб пайдо шаванд онҳоро ба унвони кафедра ё худ таҳиягари дастури таълимӣ ирсол намоянд. Албатта фикру мулоҳизаҳои пешниҳод шуда, дар рафти ба нашри навбатӣ омода кардани датури таълимӣ ба инобат гирифта мешаванд.

***Самиев Абдусамад Ҳасанович доктори илмҳои фалсафа, профессор.***

# 1. ФАЛСАФА ВА ПРЕДМЕТИ ОН.

## 1.1 Ҷаҳонбинӣ, моҳият ва шаклҳои таърихии он.

**Фалсафа** аз калимаи юнонӣ **фило-** дӯст доштан ва **софия** -ҳикмат гирифта шуда, маънояш дӯст доштани ҳикмат аст. Ин истилоҳ бори аввал дар Юнони Қадим аз тарафи Пифагор (580-500 то м) истифода шудааст. Яъне, ӯ чунин назар дошт, ки ҳикмат хоси Худост ва инсон танҳо дӯстдори ҳикмат буда метавонад.

Мафҳуми фалсафа одатан дар се маънӣ ба кор мервад:

Фалсафа ҳамчун як шакли ҷаҳонбинӣ.

Фалсафа ҳамчун илми махсусе, ки предмети омӯзиши худро дорад;

Фалсафа ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ.

Саравал бояд ҷаҳонбиниро таъриф намуд.

**Ҷаҳонбинӣ** - маҷмӯи ақидаҳои умумӣ роҷеъ ба воқеият, табиат, ҷамъият, мақоми инсон дар ҷомеа, тазоҳури ақидаҳои мазкур дар рафтору амалиёти онҳо мебошад.

**Ҷаҳонбинӣ** - умуман чун фишурдаи худшиносӣ ва ҳастишиносии инсон иборат аз маҷмӯи назарҳо, эътиқодҳо, арзёбиҳо, меъёрҳо, хостҳо ва армонҳоест, ки муносибати инсонро ба ҳастӣ - ҷаҳон муайян намуда, роҳнамои ҳамарӯзаи зиндагии вай мебошад.

ҷаҳонбинӣ дорои ду меъёр аст:

-васеъ;

-маҳдуд;

Маҳдуд ё васеъ будани ҷаҳонбинӣ вобаста ба замон ва макони зиндагии фарди муайян аст. Аз нуктаи назари равоншиносӣ (психология) ҷаҳонбинӣ ба **ду қисм** ҷудо мешавад:

ҷаҳонбинии ҳисси - равонӣ;

ҷаҳонбинии ақли - маърифатӣ;

- ба ҷаҳонбинии ҳисси-равонӣ шодӣ, ғамгинӣ, хушбахтӣ, бадбахтӣ ва ғайра дохил мешавад.
- дар ҷаҳонбинии ақлӣ - маърифатӣ бошад, мавқеи асосиро донишҳо ва арзишҳо муайян мекунанд.

Аз нигоҳи геносиологӣ (маърифатӣ) бошад, ҷаҳонбинӣ ба ду қисм тақсим мешавад:

1. ҷаҳонбинии рӯзмарра (ё фалсафаи ҳаёт);
2. ҷаҳонбинии назариявӣ;

- **ҷаҳонбинии рӯзмарра** - хоси бештари мардум буда, тассавуроту арзишҳоеро, ки аз гузаштагон мерос гирифтаанд, фаро мегирад;
- **ҷаҳонбинии назариявӣ** - хоси олимон ва файласуфон аст, ки бештар ба илм ва мантиқ такия карда, тавассути хулосабарориҳои илми - назариявӣ, мушаххас дар бораи инсон ва ҳастӣ ба вуҷуд оварда мешавад.

Таркиби ҳама гуна ҷаҳонбинӣ иборат аст, аз:

-таҷассуми тасвири олам вобаста ба давраи муайяни таърихӣ;

- арзёбии зиндагӣ;

- низоми арзишҳо.

Башарият (инсоният) се типи таърихии ҷаҳонбиниро аз сар гузаронидааст:

асотир;

дин;

фалсафа.

**- Асотир** калимаи арабӣ буда, маънояш афсона, қисса, ривоят аст. Асотир шакли соддатарини ҷаҳонбинӣ буда, дар он ходисаю падидаҳои олам, муносибати инсону ҳастӣ

ба таври афсонавӣ таҷассум меёбад. Яке аз хусусиятҳои асотир дар он аст, ки ба тамоми ҳодисаю воқеаҳо хислати инсонӣ медиҳад. Дар ҷаҳонбинии асотирӣ Худою (худоҳову) қаҳрамонон мавқеи асосиро ишғол мекунанд.

- **Ҷаҳонбинии динӣ** нисбат ба ҷаҳонбинии асотир мураккабтар буда, дар он қиссаву афсонаҳо ба низоми муайян дароварда мешавад. Асоси ҷаҳонбинии диниро, Худо (худоён) ва эътиқоду имон бо ӯ ташкил медиҳанд. Дар ҷаҳонбинии динӣ омӯзиши ҷаҳон ба ду қисм тақсим кардани он сурат мегирад:

**Индунёӣ; Ондунёӣ.**

Инчунин ақидаю аҳкоми диниро тавассути ақлу мантиқ исбот кардан нашояд.

-**Ҷаҳонбинии фалсафӣ** типи охирин ва мураккби ҷаҳонбиниро ташкил медиҳад, ки шомили ҷаҳонбинии назарявӣ аст. Ҷаҳонбинии фалсафӣ баракси ҷаҳонбинии динӣ бештар ба илму мантиқ такя карда, тасвири воқеии оламро инъикс менамояд.

### 1.2. Фалсафа ҳамчун илм. Предмет ва методҳои фалсафӣ.

Фалсафа - *илмест, ки дар бораи қонунҳои умумитарини инкишофи табиат, ҷамъият ва тафаккури инсонӣ баҳс мекунад.*

Аз ин рӯ предмети фалсафа метавонад инсон, табиат, ҷамъият ва дар маҷмӯъ тамоми ҳастӣ бошад. Фалсафа ҳамчун илми универсалӣ (куллӣ) ба ҳамаи илмҳои дигар робитаи бевосита дорад, яъне ба илмҳои табиӣ, башарӣ (гуманитарӣ) ва техникӣ. Ҳар кадоме аз ин илмҳои мазкур предмети муайяни омӯзиши худро дошта, хулосаи муайяне дар ин ё он масъала мебароранд, пас онро фалсафа барои таҷассуми воқеии олам истифода мебарад. Таърихан дар

тақсимбандии илмҳо, фалсафаро илми илмҳо ё шоҳи илмҳо номидаанд.

## 1.3 Мафҳумҳо, категорияҳо ва методҳои фалсафӣ

Ҳар илм мафҳум ва категорияҳои хоси худро дорад, ки илмияти он таввасути онҳо баён мегардад. Азбаски фалсафа илми куллӣ аст, мафҳум ва категорияҳои фалсафа ҳам дар илмҳои дигар ва ҳам дар гуфтугӯзорҳои ҳамарӯза истифода мешавад. Мафҳумҳо ва категорияҳои фалсафа инҳоянд: *ҳастӣ, материя (модда), инсон, ҷамъият, шуур, ҳаракат, замон, макон, моҳият, зуҳурот, шакл, мазмун, сабаб, натиҷа, зарурат, тасодуф, эҳтимолият,инсон,инкишоф,маърифат,арзиш ва г.*

Методҳои маърифати фалсафӣ хело зиёданд. Зеро худи фалсафа ба ҳайси методологияи илм эътироф шудааст. Аммо таърихан ду методи асосии маърифати фалсафӣ вуҷуд дорад:

1) **методи метафизикӣ** - тавассути ин метод ҳодисаю воқеаҳо бе дар назардошти робитаҳои мураккабашон бо предмету ашёҳои дигар мавриди омӯзиш қарор мегиранд.
2) **методи диалектикӣ** - ҳодисаю падидаҳо бо тамоми робитаҳои мураккабашон мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

## *1.4. Масъалаи асосии фалсафа*

Баҳси ғоявӣ ва масъалаҳои асосии фалсафа аз муносибати шуур ба ҳастӣ бавуҷуд омада, дорои ду ҷиҳат аст.

1. **ҷиҳати онтологӣ (ҳастишиносӣ)-** и масъалаи асосии фалсафа аз аввал, будуни шуур ё материя ба вуҷуд омада,

вобаста ба ҷавоби ин савол файласуфон ба ду гурӯҳ тақсим мешавад:

- **идеалистон** - онҳо ақида доранд, ки шуур аввал буда, баъд аз он материя аз тарафи шуур сохта шудааст.

- **материалистон** - онҳо ақида доранд, ки материя аввал буда, шуур дар зинаи олии инкишофи материя дар инсон ба вуҷуд омадааст.

Материализм ва идеализм дорои шаклҳои гуногун мебошанд. Метавон се шакли материализмро баррасӣ намуд:

- материализми соддалавҳонаи антиқӣ (Фалес, Гераклит, Демокрит);
- материализми метафизикӣ (Бекон, Фейрбах);
- материализми диалектикӣ (Маркс, Энгелс).

Ду навъи идеализм мавҷуд аст:

- идеализми объективӣ (Афлотун, Гегел)
- идеализми субъективӣ (Ҷорҷ Беркли, Девид Юм, Иммануэл Кант).

Гурӯҳи аввал ба ҳайси мабдаъ шуури объективиро ("олами мафҳумҳо"-и Афлотун ё "идеяи мутлақ"-и Гегел) эътироф мекунанд.

Гурӯҳи дуввум бошад, мабдаъ шуури субъектро медонанд. Ҷ. Беркли мегӯяд: "Ҷаҳон маҷмӯи эҳсосҳои ман аст".

Идеализми объективӣ бештар ба маърифати мантиқӣ такя намуда, идеализми субъективӣ бошад, нақши маърифати ҳиссиро мутлақ мегардонад.

**2. Ҷиҳати гиносологии** ин масъала чунин аст, ки оё ин ҷаҳон донисташавандааст ё не? Оё мағзи инсон қудрате дорад, ки ҷаҳонро чуноне, ки ҳаст, бишиносад ё на? ва

вобаста ба ҷавоби ин масъала файласуфон ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

- **агноситсизим (лоадрия)** - инҳо файласуфоне мебошанд, ки пурра дониста шудани оламро аз тарафи инсон инкор мекунанд;

- **скептисизм (шаккокия)** - инҳо файласуфоне мебошанд, ки бевосита дониста шудани оламро инкор накунанд ҳам, вале дар дониста шудани он шубҳа доранд;

- **оптимизм (назари мусбат ба зиндагӣ ва ҷаҳон доштан)** - ин гурӯҳи файласуфон чунин ақида доранд, ки инсон ба кӯшишу ҷадал кардан метавонад оламро пурра биомӯзад.

## 1.5 Вазифаҳои фалсафа ва мақоми он дар низоми фарҳанг

Мақоми фалсафаро дар низоми фарҳанг пеш аз ҳама вазифаҳои (функсияҳои) иҷтимоии он муайян мекунад. Вазифаҳои иҷтимоии фалсафа иборат аст, аз:

**-вазифаи ҷаҳоибиниии фалсафа**, ки фаҳмиши назариявию муҷарради оламро баррасӣ менамоянд;

**-вазифаи методологии фалсафа** - дар он аст, ки фалсафа чун таълимоти куллӣ ба ҳайси методологияи илм қарор гирифтааст;

**-вазифаи интиқодии фалсафа** - баъзе аз омилҳои нодурусту шахшудаи маърифатиро танқид менамоянд;

- **вазифаи аксиологии фалсафа** (Юн. Axios -арзиш) ҳар низоми фалсафӣ арзишҳои муайянеро дорост, аз қабили арзишҳои ахлоқӣ, зебоишиносӣ, идеологӣ ва ғайра.

**-вазифаи футурологии фалсафа** - ҷараёни раванди воқеиятро баррасӣ намуда, минбаъд чӣ гуна инкишоф ёфтани онҳоро пешгӯӣ менамоянд;

**-вазифаи назариявии фалсафа** - чун мактаби назариявӣ, тафаккури назариявӣ ва ё ҳикматро инкишоф медиҳад.

Ҳамаи вазифаҳои фалсафа миёни худ робитаи диалектикӣ доранд.

## 1.6. Таркиби фалсафа

Таркиби илмҳои фалсафаро ҳанӯз Арасту ба ду тақсим карда буд:

**Фалсафаи назарӣ; Фалсафаи амалӣ.**

- таркиби фалсафаи назарӣ аз чунин илмҳо иборат аст: мантиқ, таърихи фалсафа, ҳастишиносӣ ва маърифат (онтология ва генесология), ҳастишиносии инсон ё инсоншиносии фалсафӣ (антропология), фалсафаи ичтимоӣ (сотсиолигия), фалсафаи дин ё диншиносии фалсафӣ, арзишшиносӣ (аксиология), ояндабинӣ (футурология).

- Фалсафаи амалӣ иборат аз: илми ахлоқ (этика), илми зебоишиносӣ (эстетика), фалсафаи ҳуқуқ, фалсафаи сиёсат.

## Пурсишномаҳои санҷишӣ

**Баъди хондани матни лексия ҳар як хонанда худро бо ин саволҳо бисанҷад.**

1. Ҷаҳонбинӣ чист?
2. Таркиби ҷаҳонбинӣ аз чӣ иборат аст?
3. Типҳои таърихии ҷаҳонбинӣ кадомҳоянд?
4. Фалсафа ҳамчун шакли ҷаҳонбинӣ чиро мефаҳмонад?
5. Масъалаҳои асосии фалсафа кадомҳоянд?
6. Категорияҳои фалсафа?
7. Таркиби фалсафа?
8. Функсияҳои фалсафа?
9. Методҳои таҳлили фалсафӣ?
10. Фалсафа як шакли махсуси шуур?

**Тестҳои санҷишӣ:**

**1. Философия чиро меомӯзад?**

A. Хамчун шакли ҷаҳонбинӣ буда, ба дарки ҳодисоти табиат фардро равона мекунад.

B. Маърифатпазирии ҳодисоти оламро инъикос менамояд.

C. Илмест, ки дар бораи қонунҳои умумитарини инкишофи табиат, ҷамъият ва тафаккури инсон баҳс мекунад.

D. Илм дар бораи низоми қонунҳои ҷамъият аст.

E. Илми табиатшиносӣ аст.

**2. Масъалаи асосии фалсафа кадом аст?**

A. Дарки муаммои ҳаёт.

B. Фаҳмиши моҳияти инсон.

C. Муносибати тафаккур ба ҳастӣ, шуур ба материя, рӯҳ ба табиат.
D. Фарқандозии байни олами инсонӣ ва ҳайвонӣ аст.
E. Ҷанг ва сулҳ.

**3. Кадом равияи фалсафӣ донистанашаванда будани оламро рад мекунад?**
A. Агноститсизм (Лоадрия) .
B. Дуализм.
C. Реализм.
D. Шаккокия.

**4. Ҷаҳонбинӣ чист?**
A. Маҷмӯи эҳсосоти одамон аст.
B. Маҷмӯи низоми ақидаҳо, назарҳо, фикрҳо дар бораи ҳодисоти олам ва мақоми инсон дар он мебошад.
C. Ҷаҳонбинӣ моҳияти ҷаҳонфаҳмӣ ва ҷаҳондарккунист.
D. Ҷаҳонбинӣ даркӣ воқеиятӣ объективӣ аст.

**5.Таърифи дақиқи фалсафаро ҳамчун илм нишон диҳед.**
A. Фалсафа – дӯст доштани ҳикмат
B. Фалсафа – ин фишурдаи улуми замон аст. (О.Кант)
C. Фалсафа – илм дар бораи қонунҳои умумитарани инкишофи табиат, ҷамъият ва тафаккури инсонист.

**6. Кадоме аз шаклҳои шуури ҷамъиятии зикршуда ба типҳои таърихии фалсафа мансубанд.?**
A. Шуури оммавӣ
B. Асотир, Дин,Фалсафа
C. Шуури ҳуқуқӣ
D. Шуури эстетикӣ

**7. Ба назари Шумо фалсафа аз дин чи фарқ дорад?**

A. Объекти асосии омӯзиши инсон ва мақоми он дар ҷаҳон.

B. Илмият

C. Кӯшиши маърифати олам аз ҷониби инсон.

D. Офаридгор

**8. Кадоме аз муҳокимаҳои мазкур танҳо ба материализм хос аст?**

A. Ҷаҳон берун аз шуури инсон вуҷуд дорад

B. Ҳамаи воқеият дар шуур аст.

C. Модда новобаста аз шуури инсон вуҷуд дорад.

D. Модда ва шуур ду ҷанбаи ҳастианд.

# 2. ФАЛСАФАИ БОСТОН

## 2.1.Таърихи фалсафа

Таърихи фалсафа қисмати таркибии фалсафа буда, раванди ташаккули тафаккури фалсафии башариятро дар тули замони мавчудият мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад. Ҳангоми омӯзиши таърихшиносии фалсафа тавaччӯхи моро на танҳо ивазшавии номҳои низомҳои муайяни фалсафӣ дар ҳар давр, балки хусусиятҳои хоси ҳар типпи таърихӣ, мантиқи мавчудияти он ва тағйирпазириву дигаршавии типпи муайяни таърихӣ ва дар мачмӯъ мантиқи ташаккули донишҳои фалсафиро мушоҳида менамоем.

Дар ҳар давраи таърихӣ типи муайяни тафаккури фалсафӣ инкишоф меёбад, ки он марбут аз пешрафти иқтисодию ичтимоии минтақаи муайян буда, фарогири замони муайян аст

Таърихи фалсафа ба чунин давраҳо тақсим мешавад:

| | *Типҳои таърихии фалсафа* | *Минтақае, ки типи мазкур инкишоф ёфтааст.* | *Замони Мавчудият* |
|---|---|---|---|
| 1 | *Фалсафаи дунёи қадим* | *Юнони Бостон* | VI то м. - IV м. |
| 2 | *Фалсафаи асрҳои миёна* | *- Империяи Рим*<br>*- Шарқи мусалмонӣ* | IV – XIV .<br>VII – XIII . |
| 3 | *Фалсафаи замони Эҳё* | *Италия* | XIV – XVI . |
| 4 | *Фалсафаи замони нав* | *Англия* | XVII . |
| 5 | *Фалсафаи маорифпарварӣ* | *Франция* | XVIII . |
| 6 | *Фалсафаи классикии Олмон* | *Германия* | XVIII – XIX |
| 7 | *Фалсафаи маркисистӣ* | *Германия* | XIX –XX . |
| 9 | *Фалсафаи муосир* | *Аврупо, ИМА* | XX – XXI. |

## 2.2. Фалсафаи Ҳинд

Фалсафа дар Ҳинд дар асри VIII-VI то м. ба вуҷуд омадааст. Қадимтарин ёдгории фалсафаи Ҳинд китоби **ведҳо** мебошад (Вед-дониш), ки доир ба одаму олам ва муносибати ахлоқии одамон, баъзе маълумотҳо додааст. Ҳамаи ҷараёни фалсафӣ ҳиндиро вобаста ба муносибаташон ба ведҳо ба ду қисм ҷудо кардан мумкин аст:

- маъмул;
- гайримаъмул;

- Мактабҳои маъмулӣ мактабҳое мебошанд, ки нуфӯзи ведҳоро эътироф менамоянд ва ба ин ҷараён чунин мактабҳо дохиланд;

а) ведантӣ;

б) сангхия;

в) йога;

г) няя;

д) миманса;

е) вайшешика;

- мактабҳои ғайримаъмулӣ, ки нуфӯзи ведҳоро эътироф намекунад, ба ин ҷараён чунин мактабҳо шомиланд:

а) чорвака;

б) ҷайния;

в) буддоия;

Мактабҳои мазкур то андозаи характери материалистӣ доранд.

Дар Ведҳо аввалин тасаввуроти динию фалсафӣ: ваҳдат (монизм) дар ҳастӣ ва нахустали ҳастӣ баён шуда аст. Тибқи эътиқоди ҳиндувони давраи ведантӣ «Браҳмо» холиқу офаридагори олам ва ҳамчунин тамоми Худоён

аст. «ҳама аз ӯянд ва оқибат низ ба ӯ бозмегарданд». Чунон ки шир ба чурғот ва об ба ях табдил мешавад, ҳамин тавр «Браҳмо» шакли худро дигар мекунад.

Дар охири асри XIт.м., замони пайдоиши чайния ва буддоия аз дидгоҳи фалсафаи таърих тамаддуни башар мебошад.

Асосгузори чаянизм Маҳавира (599-527т.м) буда, номи асосиаш Натапутта Вардҳамана аст. Асли таълимот ва фалсафа ва ахлоқи чайния рӯи пояи чустучӯи роҳи начот аз ранчи «карма» ва расидан ба сарманзили саодату висол, яъне «макшо»асос ёфтааст.

Тибқи фалсафаи чайния «модда», ки ҳочоби нури ботин аст, бояд ба тарки лаззатҳои чисмонӣ мағлуб гардад, то чанбаи маънавии мо, ки чанбаи ҳақиқии вучиди мост, қувват гирад.

Дар атрофи таълимоти Буддо ақидаҳои гуногунанд: як гурӯҳ донишмандон онро фалсафаи соф, дигарон навъи дини баркамол меҳисобанд. Дар таълимоти Буддо баҳсҳои худошиносию космологӣ вучуд надоранд ва умуман барои ӯ таълимот оид ба фавқуттабиат (ё моваруттабиат)ва метафизика бегона аст. Вазифаи асосии ӯ нишон додани роҳи начот аст.

Буддоия вучуди мустақили олами моддиро инкор мекунад ва онро зуҳури олами рӯҳонӣ меҳисобад. Ҳамаи мавчудоти олам натичаи ҳаракати бениҳояти дхарма-зарроти рӯҳонии ғайримоддӣ (феноменалӣ) мебошад.

Дар таъбиру тафсири «Нирвона»зиёд навиштаанд, ки раҳоӣ ёфтан аз шарри фардият ва маният ва пайвастан ба кул, бозгашт ба чараёни мулоими рӯди ҳастӣ аст. Нирвона нопадид шудани нӯри шамъ дар баробари нӯри хуршед аст.

Нирвона ин хомуш гардидани хостҳои дурӯғин аст, на ҳама гуна нестиву фаност.

Дар ҳудуди асрҳои IVт.м- VII м., дар сарзамини Ҳиндустон, як қатор мактабҳои соф фалсафӣ ба вуҷуд меоянд. Маъруфтарин мактабҳои фалсафии ҳиндӣ инҳоянд, ки одатан ҷуфт-ҷуфт номурда мешаванд:

-ҷорвака-локоята;

-няя-вайшешика;

-санкхя-йога;

-миманса веданта.

Мактаби материалистии **чорвака-локоята** асосгузораш Брихпастӣ ва шогирди ӯ Чорвака ном доштанд. Ба сифати нахустунсури ҳасти чаҳор унсури моддӣ.

-замин; -об; -ҳаво;-оташро қабул доштаанд, ҳаёти пас аз маргро инкор мекарданд.

Чаравакҳо гароиши илҳодӣ-худошиносӣ доштанд ва таълимоти диниро масхара мекарданд. Лакоятҳо низ ақоиди шабеҳи чорвакҳоро доштаанд.

Мактаби няя дар асри IVт.м. аз тарафи Готама таъсис ёфтааст. Сарчашмаи асосии он китоби «Сутра няя» мебошад. Фалсафаи няя бештар ба масъалаҳои назарияи маърифат ва мантиқ баҳс кардааст. Няя чаҳор манбаи мустақили маърифатро қабул дорад:

*идрок; *хулоса; *қиёс; *исбот.

Фалсафаи санкхия ба сифати нуқтаи оғози ҳамаи ҳаводиси олам нахустҳаюло ё нахустмоддаро асосӣ донистаанд. Санкхия ду воқеияти мабдаъро эътирофмекунад: практики (иллати моддӣ) ва пруша («Ман» рӯҳ шуур). Пруша практиро аз ҳодати карахтиюсукунат бароварда, ба дарки эҷоди олами модди водор месозад.

Системаи ойга, ки асосгузораш Патанҷали мебошад, дар масоили фалсафаи табиат ва назарияи маърифат бо санкхя шарик аст. Сарчашмаи асосии он «Йога-сутра» мебошад. Мактаби йога як системаи комили дастёби ба ҳолати гарқихудшавии шуур (медитатсия)ва зӯҳдро иборат аз хашт зина ба вуҷуд овардааст ва он системаи зӯҳди ирфонӣ аст.

## 2.3. Фалсафаи Чин

Кишвари Чин ба таърихи тамаддуни башарӣ саҳми босазое дорад. Инсоният дар таърих аз рӯзе, ки чашм ба олам кушодааст, Чинро кишвари мутамаддин дидааст. Пайдоиши илми риёзӣ, харита, компас ва қоғазу борут низ авалин маротиба дар Чин сурат гирифта аст. Хусусияти асосии фалсафаи Чин дар он аст, ки чиниён зиндагиро болотар аз дин мегузоранд.

Се ҷараёни фалсафи дар Чини қадим мавҷуд будааст:

- Конфусюс
- Мотсӣ
- Лоатсӣ

Конфусюс аввалин файласуфи Чин, поягузори таълимоти ахлоқию сиёсӣ ва инсонгароӣ мебошад. Ин ҷараён аз номи асосгузори он Конфутсӣ (551 то мелод - 484 таваллудаш) гирифта шуда аст. Сарчашмаҳои динию фалсафии конфутсия ду навъанд:

1.Яке панҷкитоб (утзин);       2.Чоркитоб (сушу).

Таълимоти Конфусюс асосан масоили ахлокӣ, сиёсӣ ва тарбиявии як инсони комилро фаро мегирад. Конфутсӣ пеш аз ҳама муаллими ахлокӣ аст. Усули ахлоқии ӯ бар пояи қоидаи умумии “Ли” марбут аст. Истилоҳи лиро ба маънои гуногун истифода кардааст. Аз ҷумла ба маънои

покиву таҳорат, адабу инсоният, ташрифот ва расму ибодати динӣ...

Тамоми таълимоти ахлоқии Конфусюсро метавон чунин хулоса кард:

1. "Ли" омили асоси дар назму тартиби корҳо ва робитаи инсонӣ, ки иборатанд аз 5 то:

- робитаи султон ба раият;
- робитаи падар ба фарзанд;
- робитаи шавҳар ба зан;
- робитаи бародари бузург ба бародари хурдӣ;
- робитаи дӯст ба дӯст;

2. Суннатҳои номбурда ҳамон вақти "Ли" амалӣ мегирад, ки дар саросари давлат эътидол бошад:

3. Таъкид мешавад, ки тамоми одоби ташрифоти ичтимоӣ тибқи усули "Ли" мутобиқи расму одатҳо ва суннатҳои гузаштагон анчом дода шавад.

**Маотсӣ** аввалин мутафаккире ҳаст, ки зидди ақоиди идеалии Конфутсӣ баромада аст. Вай бо пайравонаш кӯшиш мекард, ки категорияҳои ҳастӣ, **фазо, вақт, сифат, ҳастӣ ва сабабу натичаро** маънидод намояд, чараёни маърифатро чун чараёни ошкор намудани сабабият тавсиф менамояд.

Ба ақидаи Лаотсӣ табиату одамонро иродаи осмонӣ не, балки **дао** (чиз,ашё) идора кард. Ба ақидаи ӯ хама чиз дар ҳоли ҳаракату тағйирот аст. Асосгузори ин чараён Лао-сезӣ (604 то милод) мебошад.

## 2.4. Фалсафаи Эрони бостон

Мактабҳои аввалини фалсафаи Эрони бостон чанбаи динӣ доштанд ва масъалаи ҳастию чамъиятро аз диди ахлоқ баррасӣ менамоянд. **Хайру шарро** ду мабдаи ҳастӣ (ибтидо) медонистанд. Ба гузашти замон баъзе аз ин

чараёнҳо хусусияти моддигарой мегирад. Аз ҷумла зурвония, тобоия ва даҳрия. Вале сарфи назар аз ин тафаккури ғолиби фалсафии Бостонии тоҷикро тафаккури динии рӯҳгаро ташкил медиҳад.

### 2.4.1. Зардуштия

Таълимоти динию фалсафиест, ки аз маъруфтарин адён (динҳо) ва оини халқҳои эронинажод мебошад. Ин мактаби дини - фалсафӣ бо номи асосгузораш Зардушт ном бурда шудааст.

Зардушт қадимтарин мутафаккири шинохташудаи Эрони Бостон аст. Он бо номи "ҳикмати муғон ва маздайӣ" низ машҳур аст.

Арасту мегӯяд, ки ҳикмати муғон (зардуштия) кӯҳантар аз ҳикмати мисриён аст. Асоси фалсафаи Зардуштро китоби ***Авасто***, ки тақрибан дар ҳазораи дуюми то мелодӣ ба вуҷуд омадааст, ташкил медихад.

Тамоми таълимоти ҷаҳонбинии зардуштӣ, дуалистӣ буда, тибқи ақоиди он дар ибтидо ду чабҳа: хайр ва шар ё Аҳуро ва Аҳриман вуҷуд доштанд, ки онҳо зидди якдигар мебошанд. Аз назарияи зардушт инсон офаридаи Ахурамаздост. Аз ин рӯ бояд дар ҷануби Аҳурамаздо қарор бигирад то дар олам хайр хукумрон бошад.

Бояд гуфт, ки аз 23 китоби "Авасто"-и давраи Сосониён фақат як китоби - Вандидот дар шакли ибтидоиаш боқӣ мондааст. Готҳо - қадимтарин қисмати Авесто аст, ки тақрибан асрҳои XII-X то милод таълиф шудааст. Ҳамаи он аз 17 боби Ясно иборат аст, ки маҷмӯаи 896 байт сурудхои манзуми порча - порча ва хар порча шомили якчанд банд мебошад. Мундариҷаи Готҳо бештар ҳодисаҳои иҷтимоии давраи Зардуштро ифода мекунад.

### 2.4.2. Монавия

Асосгузори ин мактаб Монӣ (215-217 то м.) мебошад. Таълимоти Монӣ аз ду қисм иборат аст:

**Илоҳиёт; Низомот;**

Монӣ ба он бовар аст, ки олам мураккаб буда, аз ду асл иборат аст:

**1. Нур; 2. Зулмот.**

Ва нуру зулмат абадиянд ва беоғозу анҷоманд. Ба ибораи дигар фалсафаи манови руи ду асл ва се лаҳза устувор аст.

**се лаҳза:**

**1. Гузашта; 2. Ҳол; 3. Оянда**

### 2.4.3. Маздикия

Маздакияро метавон гуфт, ки охирин таълимоти динӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии Эрониёни қабл аз ислом аст, ки таъсири амиқе дар афкори халқи тоҷик гузошта аст. Ин мазҳаб низ номи худро аз номи асосгузораш Маздак (460-525 милодӣ) гирифта аст. Маздакия ба назариёти монавия хеле монанд буда, тафовуташ дар он аст, ки Нур ҷавҳари бошуур ва соҳиби эҳсосу ирода аст. Зулмат бошад кӯр, нодон ва бешуур аст.

Монӣ офариниширо аз рӯи нақшаҳои қаблӣ медонад, Маздак бошад, омезиши Нуру Зулмот ва бавуҷудоии Ҳастиро танҳо тасодуф мешуморад.

### 2.5. Фалсафаи Антиқа (Юнон)

Оғози фалсафа дар Юнон аз асри VI п. аз м. дар Юнон аввалин шуда, фалсафа дар шакли холиси он ташаккул ёфта буд. Фалсафаи Юнонию Румӣ ҳудуди 1000 сол (VII – V-и то м. ва то асри IV м.) - ро дар бар гирифта, ба 4 давра тақсим мешавад.

1. Пайдоиш ва ташаккул (VII - VI то м.)

2. Камолот ва шукуфой (V - то м.)

3. Таназули фалсафаи Юнонӣ ва огози фалсафаи Румӣ, дар давраи ҷумҳурии Рим (III-I то м.)

4. Заволу интиҳо дар империяи Рим (I-IVто м.)

## Мактабҳои асосии фалсафаи Юнон

1. Мактаби Милет - Фелес, Анаксимандр, Анаксимен, Гераклит, Анаксагор

2. Таълимиён ё Пифагориён - Пиффагор, Гиппас, Алкмеон.

3. Элиёниён (Итолияи ҷанубӣ) Аноксагор, Ксенофон, Парменид, Зенон, Эмпедокл.

4. Софсатоиён (суфостоён) - Протогор, Гогий, Гиппий, Продик, Антифонт.

5. Сукрот

6. Афлотун

7. Арасту

8. Атомгароён - Левкипп, Демокрит, Эпикур.

9. Равоқиён - Зенон, Саниеа, Аврелӣ.

10. Колбиён - Диоген.

11. Навафлотунӣ (неоплатонизм) -( Фило, Платон.)

### 2.5.1. Мактаби Миллет

Он файласуфоне, ки асоси ашё (ҳастӣ) - ро ин ё он унсури табиии об, оташ, ҳаво ё маводи дигар мешумориданд ва бахсҳое дар мавриди табиат ва пайдоиши он кардаанд, ватани онҳо дар Осиёи Хурд дар кишвари Ион воқеъ аст. Асосгузори ин мактаб Фалеси Миллетӣ (640-550 пм.) буд. Фалес тамоми дониши худро аз Осиё ва Африко; Бобул, Финиқия ва Миср омӯхтааст.

Фалес ҳамчун файласуф яке аз уламои маъруфи Юнонии ин давра ба ҳисоб меравад. Фалес ба гуфтаи Арасту мабдаи аввали ҳама чизро об донистааст. Об асоси ҳама ашёст, дар он ҳама, аз ҷумла замин низ шино мекунад. **Об** - оби сода нест, балки дорои ақл аст ва оқил аст. Ҳикмати Фалес чунин аст: *"Бисёргуӣ нишонаи боақлӣ нест"*.

**Анаксмандр** (610-540 п. м.) пайрави мактаби Фалес буда, ақидааш чунин буд, ки ҳама ашё аз нахустасли номаҳдуди ҷовид ба инсони ношинос "**Аперон**" ба вуҷуд омадааст.

**Аниксимен** (509-428 п.м.) дар бисёр масоил ақидаи ӯ ба ақидаи Аниксимандер як аст, танҳо тофовут дар он аст, ки ӯ нахустмабдаъ ҳаворо медонист.

**Гераклит** (520-486 т.м.) дар Осиёи Хурд мезист ва аз наҷибзодагон буд. Асли назарияи фалсафаи Гераклитро назарияи ҳаракат ташкил медиҳад. Ҳаракат асли ашё ва ҷавҳари он оташ аст. Космогония Гераклит низ дар асоси оташ бунёд ёфтааст. Гераклит аз намояндагони диалектикаи содалавҳона аст. Суханони ӯст, ки гуфтааст:

***"Мо наметавонем, ки дар як рӯдхона ду бор фурӯ равем, зеро ки мудом обҳои тоза рӯ ба бадани мо мерезад. Хуршед ҳар рӯз нав аст. Ҳама чиз дар ҷараён аст".***

## 2.5.2Мактаби Пифагор

Пифагор (580 п. аз м.) дар ҷазираи Самоси Осиёи Хурд таваллуд шудааст. Пифагор аз бузургтарин файласуфони пеш аз Суқрот аст. Вай соли 532 то м. ба шаҳри Карошони Итолияи ҷанубӣ ҳиҷрат намуда, ҷамъияти Пифагориёнро таъсис дод. Ташкилоти ӯ дорои раванди хос ва муқарраротӣ сахт буд. Пифагорро падари риёзиёт низ

меномиданд. Чунки ӯ дар боробари ҳалли бисёр аз масоили илмӣ назарияи риёзиро истифода намуда аст.

Мувофиқи ақидаи пифагориён усули риёзиёт ба тамоми мавҷудоти олам тасдиқ мешавад, зеро асли риёзиёт ададҳо мебошад. Ададро асоси ҳамаи мавҷудоти ҳастӣ мешуморанд ва шабоҳати онро бо ашё баштар аз обу хоку оташ медонистанд.

### 2.5.3. Мактаби Элиниён

Намояндаи аввалини ин мактаб Ксенафон (576 п. аз м.) мебошад. Асоси фалсафаи Ксенофанро Худои ягона ташкил медиҳад. Зеро, то ин замон худоҳои бисёр вуҷуд дошт ва худоҳои шабеҳи инсон буданд. Ксенофон аввалин нафарест, ки Худои ягонаро таблиғ мекунад ва ба назари ӯ Худо ба инсон монанд нест.

**Парменид** (охирҳои асри VI ва авали асри V п. аз м.) намояндаи дигари мактаби элиён. Метавон гуфт, ки аз файласуфони то Суқрот дар баёни масоили фалсафӣ ва тафаккури файласуфӣ касе ба пояи Парменид нарасидааст, ӯ системаи файласуфи худро ба шеър тасвир кардааст. Муҳимтарин масъалае, ки баён кардааст, масъалаи ҳастӣ мебошад.

Тибқи ин назария ҳеҷ ***чиз аз ҳастӣ на ҳаст мегардад ва на нест мешавад***. Чунки ҳарчи ҳаст шуданист ва аз рӯи зарурат бояд ё аз ҳастӣ ё аз ноҳастӣ бавуҷуд ояд, аммо на аз ин ва на аз он вай ба вуҷуд омада наметавонад, чунки вай аллакай ҳаст ва вуҷуд дорад. Аз ноҳастӣ (нестӣ) ҳеҷ чиз ба вуҷуд намеояд, чунки барои ба вуҷуд омадан, ягон нахустмоя (субстансия, ҷавҳар) вуҷуд надорад.

Намояндаи дигар **Зенон (490 то м.)** яке аз шогирдони Парменид аст ва аз осори ӯ ҳеҷ чиз боқӣ намондааст. Зенон зиддиятҳои баёни маълумоти мушоҳидавӣ ва

таҳлили фикрию мантиқии онҳоро дар масъалаи ҳаракат ошкор карда аст, бо номи апорияҳо (муаммо) ифода намудааст.

Барои он ки масофаи нуқтаи А то нуқтаи В тай гардад, бояд нисфи ӯро аввал тай кард. Ва барои ин нисф нисфро бояд тай кард. Ва боз охирин нисфро то ҳадди нуқтаи А, ки нуқтаи А намеҷунбад, яъне ҳаракат аз нуқтаи А ба нуқтаи В имконнопазир аст. **Ё муамои дигар**: тири аз камон ҷаста, сокит ва беҳаракат аст, зеро мақсад аз оромӣ ва беҳаракатӣ ишғоли фазои мусовӣ ба ҷисм аст, на чун ҷисми дар ҳаракат. Дар ҳар лаҳза фазоеро баробар дар худ ишғол мекунад. Пас, тир дар ҳар қитъае аз хати ҳаракати худ ором аст. Яъне мутаҳаррик нест. Зенон муътақид буд, ки маҷмӯи ҳамаи ҳаракатҳо беҳаракатист.

Зенон аввалин файласуфест, ки тафаккури мантиқиро барои исбот ё радди ҳукм истифода намудааст.

Намояндаи дигари ин мактаб **Анаксагор** (500-449 то м.) нахустин ҳакими Юнонист, ки сабабҳои гирифтани офтоб ва моҳро кашф кардааст ва тарзи нафасгирии моҳиён ва набототро баён намудааст. Муҳимтарин ақидаи Анаксагор дар бораи пайдоиши ҳастӣ чунин аст: ***"Ҳеҷ чиз бавуҷуд намеояд ва ҳеҷ мавҷуд ҳам нест намешавад, балки ашёҳое, ки мавҷуданд ба ҳам меомезанд ва ҷудо мешаванд"***.

## 2.5.4. Мактаби Атомгароён

Пайдоиши таълимоти атомгароён ба номи Левкипп ва Демокрит (408-380) вобаста аст. Дар бораи ҳаёт ва таълимоти Левкиппягон маълумот вуҷуд надорад. Танҳо маълум аст, ки Демокрит шогирди ӯ будааст, назарияи Демокрит чунин аст. Ҳастӣ аз ду асли азалӣ: **атом (эйдост) ва холигӣ (холо)** иборат аст.

**Атом** - зарраи тақсимнашаванда ва тағйирнопазирии бетағйир ва бехолигӣ буда, аз якдигар бо шакли зоҳирӣ бо андозаи худ фарқ мекунад ва аз ҷобаҷошавии онҳо дар холигӣ ҳастӣ ба вуҷуд меояд.

## 2.5.5. Мактаби Суқрот (469-399 то м.)

Суқрот яке аз се барҷастатарин файласуфи Юнонӣ ба ҳисоб меравад, ки дар таърихи фалсафа ва фарҳанги ҷаҳонӣ нақши босазое гузоштааст. Суқрот озодандеш ва мунаққиди гузаро будааст. Суқрот **вазифаи ҳикматро дар мувозинату адолат медонист. Вай ақида дошт, ки беадолатиро набояд ба беадолатӣ, балки бо адолатпешагӣ ҷавоб дод.**

Суқрот аввалин поягузори фалсафаи одамият аст. Ба назари ӯ ҳадафи ғоявии ҳастӣ ҳамин инсон аст. Аз ин рӯ ахлоқи ҳаққонӣ барои инсон донистани ҳарчи барои инсон манфиатбахш ва саодатмандкунанда аст, зарур аст.

## 2.5.6. Мактаби Афлотун

Афлотун (Платон с 427 то м.) дар хонаводаи ашрофӣ ба дунё омадааст. Афлотун яке аз шогирдони Суқрот буда, назди ӯ таълим гирифтааст. Аввалин нафаре, ки академия ташкил кардааст, Афлотун мебошад, ки ин академияро ба номи ӯ гузоштаанд, ки 1000 сол фаъолият дошт.

Осори Афлотун иборат аст аз: рисолаҳои “Дифои Суқрот”: “Парменидс”, (“Мусул”), “Федон”, “Суфастоиён”, “Навомис” “(қонунгузорӣ)”... ва китобҳояш “сиёсат (адолат)” ва “ҷумҳурият”.

Назарияи Афлотун ба ақидаи устодаш Суқрот, ки дониш фитрӣ, яъне одамӣ ҳангоми зодан билкува дорои маърифати илмӣ аст, содиқ монд. Мувофиқи ақидаи ӯ *рӯҳ*

*қабл аз ҳулул ба бадан ва вуруд ба олами моддӣ, яъне он чи қобили ҳис аст, дар олами ақлонӣ ё маъқулот ба сар мебурд.*

Афлотун ба Демокрит фаҳмиши идеалистии ҳастиро муқобил медонист. Афлотун мисли элиниён ҳастиро ба сифати човиду тағйирнопазир муаррифӣ кард ва маърифаташро аз ҷониби идроки ҳиссӣ не, балки танҳо аз тарафи хирад мумкин медонад. Агар Демокрит ҳастиро ба сифати атоми ҷисмӣ фаҳмида бошад, Афлотун онро ҳамчун падидаи маънавӣ фаҳмид. Аз ин рӯ Афлотунро сардафтари фалсафаи идеалистӣ мегӯянд.

Воҳид, менависад Афлотун ба ҳеҷ сабаб худ ба худ ҳастӣ нест, балки вай аз ҳастӣ боло аст ва шарту шароити он идеяҳо мебошад. Чунон ба назар мерасад, ки Афлотун баҳси тағирпазирӣ ва тағирнопазирии ҳастиро, ки қаблан мавриди баҳси мактабҳои Юнонӣ буд, (махсусан тағирпазирии ҳамешагии олам дар осори Гераклит ва тағирнопазирӣ ё беҳаракатӣ дар ақоиди Элиниён) ҷамъбаст намуда, **кисми тағирнопазири ҳастиро бо идея ва қисми тағирпазири ҳастиро моддиёт ё сояи идея ифода менамояд.**

## 2.5.7. АРАСТУ (АРИСТОТЕЛ - ARISTOTELES)

Арасту аз бузургтарин олимон ва файласуфони асри худ, шогирди Афлотун буд, ки аз устоди худ дар бисёре аз масоили фалсафии илмӣ пеш гузашта, дар таърихи фалсафа бо номи муллими аввал шӯҳрат ёфтааст. Вай нахустин бор усули мантиқро танзим кардааст ва шояд дар шарҳ онро ба унвони "абзори фикри саҳеҳ" ба ихтиёри ҷӯяндагон дониш ва муҳаққиқони баъдӣ қарор додааст.

Таваллуди ӯ дар соли 384 т.м дар шаҳри Стагира (Stagira)-и Мақдуния буд. Падараш табиб ва дӯсти наздики подшоҳи Макдуния Филип-бобои Искандар буда, Арасту дар сини 7 - 8 солагӣ падаршро аз даст медиҳад.

Мувофиқи ривоятҳо дар 17 (ё 27) солагӣ Арасту ба шаҳри Афина ва академияи Афлотун меравад ва дар он ҷо ба шогирдии Афлотун медарояд. Мувофиқи ахбори расида байни 10 то 20 сол дар мактаби Афлотун касби дониш карда, баъдан дар шаҳри Ассос (Assos) як дабистони фалсафӣ ва илмие мекушояд ва соли 343 т.м. бо тавсияи ҳокими он шаҳр ба вазифаи муаллими писари 13 солаи подшоҳи Макдуния Филипи дувум, Искандар (Александр) мерасад ва то замони ба ҳокимият расидани Искандар то соли 335 ё 336 т.м. дар ин самт мемонад.

Пас аз ҷонишини падар гардидани Искандар Арасту ба Отин бозгашта, онҷо дар маҳалли Лукиюн (Lukeion) мактаби маъруферо кушод, ки баъдан бо номи мактаблитсейи машшоия (peripatetikos) маъруф гардидааст. Сабаби ба ин ном маъруф гаштани ӯ он буд, ки Арасту ба шогирдони худ дар боғи ин мактаб роҳравон дарс мегуфтааст. Аз ин рӯ онро мактаби перипатетикҳо ва муродифи арабии он машоия (аз калимаи арабӣ машо-роҳ рафтан) ва умуман пайравони Арастуро машоиён номидаанд. Арасту баъд аз марги Искандар (323 т.м.) мавриди таъқибу хатар қарор мегирад ва дар соли 322 т.м. дар синни 63-солагӣ дар шаҳри Калсис ин ҷаҳонро падрӯд гуфтааст.

**ОСОРИ АРАСТУ** мувофиқи табақабандии мавзӯӣ иборат аст аз:

Органон (олат, афзор) шомили ҳама осори Арасту, ки афзору асбоби фикр кардан ва фалсафидан аст, ҷамъоварӣ шуда чун, "Категорияҳо", "Оид ба тавзеҳот", "Аналитикаи аввал", "Аналитикаи дуввум", "Топико" ва "Дар бораи истидлоли софистӣ", **Метафизик** ё фалсафаи уло; **Физик** ва илмҳои табиӣ; **Равоншиносӣ** (илми нафс); **Ойини кишвардории отиниҳо ва Пулитико (Сиёсат) Ахлоқ-**

Ахлоқи Никомах, Ахлоқи Эвдемӣ. Дар бораи хитоба ва илми шеър, **"Риторика" ва "Поэтика"**

Фалсафаи Арасту аз коркарди илми мантиқ, ҳамчун ҳунар ва равиши дуруст фикр кардан ё афзори дуруст фикр кардан шурӯъ мешавад ва ӯ аввалин шахсе буд, ки ин донишро ба пояи илмӣ гузошт.

Дуввумин иқдоми Арасту табақабандии илмҳост. Тибқи табақабандии ӯ фалсафа-ҳикмат ба назарӣ, амалӣ ва шеър тақсим мешавад. Фалсафа ё ҳикмати назарӣ шомили баҳсҳо (ҳисматхо)-и худошиносӣ, ҳастишиносӣ, риёзиёт, физик, равоншиносӣ аст ва ҳикмати амалӣ шомили ахлоқ, сиёсат, ва табдири манзил аст ва ҳикмати шеър ба пояи ҳунар ва зебоӣ устувор аст.

## Усули фалсафаи Арасту

Арасту назарияи файласуфони пеш аз худро дар бораи ин, ки олам аз чаҳор унсур ё ҷавҳари аслӣ дуруст шудааст пазируфт. Он чаҳор унсури аслӣ иборатанд, аз: **хок, об, оташ, ва ҳаво,** вале чигунагии ташаккули ашё аз ин чаҳор унсур маълум нест. Зоҳиран файласуфони юнонӣ ва аз он ҷумла Арасту аз роҳи мушоҳидаи таркиби ашё ин чаҳор аносирро қабул кардаанд, чун дидаанд, ки об ба сурати ях, моеъ ва бухор дармеояд ва ё мушоҳида кардаанд, ки дар холи сӯхтан чуб ба сурати дуд, оташ ва хокистар зоҳир мешавад. Ин ҳама мушоҳидаҳо шояд Арастуро ба эътирофи нахустунсурии ин чаҳор модда водор кардааст.

## Ҷавҳар ва араз

Моҳият, ки ҳадду андозаи ҳастии вуҷуд аст, амри эътиборӣ ва фарзӣ аст, ки аз бурида шудани вуҷуд дар ҳадди муайян фарз мешавад ва бар ду қисм аст, ё худаш мустақилан вуҷуд дорад, яъне дар марҳилаи вуҷуд, бениёз

аз мавзӯъ мебошад, ки ин чунин моҳиятро ҷавҳар гӯянд ва ё эхтиёҷ ба мавзӯъ дорад ва вуҷудаш баста ба он мавзӯъ аст, ки онро араз мегӯянд.

Ҷавҳар ба маънои хос чизест, ки на дар чиз ёфт мешавад ва на зери чизест, балки зот ва худи он чиз аст. Масалан, мегӯем: "Ин инсон. Ин асп". Дар маънои дигар ҷавҳар навъ ё ҷинс аст, масалан мегӯем инсон, ки ҳам мурод навъи инсон аст ва дар айни ҳол ин маҳкум баёни ҷинси он чиз хаст, ки ҳайвон аст. **Ҷавҳар он аст,ки дар чиз нест, балки худи чизест. Масалан, як инсон метавонад ҷавон, пир, бемор, тандуруст ... бошад аммо ҳамеша ҳамон инсон аст.** Ҷавҳар ҳам ба ду қисм аст ё муҷаррад аст монанди ақл ва нафс ва ё моддӣ аст монанди ҷисм, ки мураккаб аст аз хаюло ва сурат.

Арасту ҷавҳарро унсури нахустини ҷаҳон фарз мекунад ва аз фалсафаи Афлотун алалхусус назарияи "мусул"-и ӯ эрод мегирад, мегуфт, ки дар фалсафаи Афлотун робитаи миёни куллиёт ва ҷузъиёт равшан нест. Афлотун гоҳе падидаҳои хиссиро, партаве ё инъикосе аз куллиёт фарз мекард ва гоҳе онҳоро ба монанди тасвирҳое, ки ба тақлид аз куллиёт ба вуҷуд омадаанд, дар назар мегирифт. Дар хар сурат мафҳуми "мусул" робитаи миёни чизи ҷузъиро бо мафҳуми куллӣ равшан намекунанд. Зеро: умури эҳсосшаванда ва чизи ҷузъӣ ҳамеша дар холи тағйир ва табдил аст, маъмулан, мафҳуми куллӣ баъд аз мушоҳидаи ҷузъиёт ба вуҷуд меоянд, дар ҳоле, ки Афлотун эътиқотманди хилофи ин амр буд ва бо таваҷҷӯҳ ба ин мушкилот Арасту вуҷуди ашёро ҳақиқӣ фарз мекард.

Арасту оламро қадим ва азалӣ мепиндоштааст ва аз тарафе муҳаррики аввалро, ки Худост (Демиург) низ азалӣ ва қадим медонист, бинобар ин тарзи тафаккури санавият "дугонагӣ" дар хастишиносии ӯ (дуализм) дида мешавад

### 2.5.8. Мактаби илмию фалсафии Искандария

Искандар с 331 т.м. ш. Искандарияро дар Миср бино кард. Шаҳрҳои Афина (Отан) ва дигар шаҳрҳои Юнонӣ, ки аҳамияти илмию фалсафии худро аз даст дода буданд, ин аст, ки Ботолиса (асосгузори ин сулола Батлимус Сотер 323-282) ҳамаи чораҳоро меандешид, то Искандарияро ба маркази илму маърифат табдил диҳад.

Маъруфтарин олимони ин мактаб: Уқлидис (Евклид) тав. с 330 т.м. риёзидон - математики машҳури Бостон. Аристрахус (310 т.м) ҳамчун риёзидони бузург ва ба истилоҳ Коперники аҳди қадим, Архимед (287 т.м.) Батлимус ... мебошад.

### Флутин (Плотин)

Флутин асосгузори фалсафаи навафлотунӣ ба шумор меравад. Ғайр аз ӯ ба ин мактаб файласуфон Номенюс, Аммониус Саккас тааллуқ доранд. Флутин (204-269 м.), ки мусалмонон ӯро бо номи "шайхи Юнонӣ" хондаанд, охирин файласуфи бузурги аҳди қадим буд.

Ҳикмати Флутин илтиқотӣ (эклектикӣ) - омехтае аз ҳикмати Афлотун, фалсафаи Арасту ва афкору усули динҳои шарқӣ мебошад. Ориф ва файласуфи илоҳии маъруфи масеҳӣ Августинӣ Қуддус гуфтааст,(354-430) Флутин касест, ки Афлотунро дар вуҷуди хеш зинда кардааст.

## Пурсишномаҳои санҷишӣ

**Баъди хондани матни лексия ҳар як хонанда худро бо ин саволҳо бисанҷад.**

**1. Моҳияти мактабҳои фалсафии Ҳинд аз чӣ иборат аст?**

2. Моҳияти мактабҳои фалсафии Чин?

3. Моҳияти мактабҳои фалсафии Эрони Бостон?

4. Пайдоиши фалсафа ва мактабҳои фалсафӣ дар Юнон?

5. Намояндагони мактаби Миллет ва афкори фалсафии он?

6. Моҳияти мактаби Пифагориён ва таълимоти Пифагор?

7. Моҳияти мактаби элениён, Ксенафония, Парменид, Зенон?

8. Таълимоти Суқрот?

9. Таълимоти Афлотун?

10. Таълимоти Арасту?

11. Моҳияти мактаби Искандария?

**Тестҳои санҷишӣ:**

1. **Асосгузори назарияи атомӣ кадом файласуф аст?**
   A. Арасту.
   B. Демокрит.
   C. Гераклит.
   D. Абӯбакри Розӣ.

2. **Падари ҳикмати юнон кадом ҳаким аст?**
   A. Ибни Сино.
   B. Суқрот.
   C. Ибни Халдун.
   D. Пифагор.

**3. Кадом файласуф обро мабдаи нахустини олам медонад?**

А) Гераклит.

В) Декарт.

С) Гоббс.

D) Фалес.

**4. Мактабҳои фалсафии Эрони бостонро номбар кунед?**

А) Милет, Демокрит, Арасту.

В)Зарвония, даҳрия, табоия, асҳоби ҳаюло, зардуштия, монавия, маздакия.

С) Калом, маорифпарварӣ.

D) Машшоъ, исмоилия.

**5. Кадоме аз таълифоти хаттии Юнониро гузариш аз асотир ба фалсафа донистан мумкин аст?**

А) «Теогония»-Геосид

Б) «Илиада»- и Гомер

С) «Суруд дар бораи Гилдмеш »

**6. Равияи Афлотун - ин ?**

А) материализм

В) идеализм

С) Дуализм

D) Плюрализм

**7. Кадоме аз файласуфони Юнонӣ бори аввал илмҳоро тақсимбандӣ намудааст?**

А) флотун

В) Анаксимен

С) Арасту

D) Афлотун

**8.Хусусияти асосии фалсафаи антикӣ кадом аст?**

А) Теосентризм

В) Космосентризм

С) Натурфалсафа

Д) Диалектикаи соддалавҳона.

# 3. ФАЛСАФАИ АСРИ МИЁНА

## 3.1. Хусусияти фалсафаи асри миёна

Фалсафаи Юнонӣ бо динҳои бисёрхудоӣ вобаста буд ва хислати космологӣ дошт (табиат асоси ҳама чиз). Афкори фалсафаи асри миёна бошад, бо дини якахудой (монотеизм) вобаста буд ва характери теосентрикӣ (асоси тамоми мавҷудот, на табиат, балки худо) дошт. Фалсафаи асри миёна аз асрҳои IV милодӣ аз замони дини давлатии империяи Рим эълон шудани масеҳият то асри XIV, яъне то замони эҳё ё ренисанс давом мекунад.

Назариёти офариниш дар ҳастишиносии (онтологияи) асри миёнагӣ ваҳӣ ва офариниши Худованд ташкил медиҳад. Ва ба ҷои дуализми антиқӣ дар асри миёна ақидаи монистӣ танҳо як ибтидои мутлақ - Худо аст. Ҳамаи дигари мавҷудот офариниши вай аст. Инсон ҳокими табиат набуда, балки рамзи худост.

**Августин** (534-430) баёнгар фалсафаи динии схоласткаи асри миёнагӣ буда, Худоро ба ҳасти айният медод ва таъкид мекард, ки олами офаридашуда мустақил набуда, вобастаи Худост. Аз диди ӯ Худо маърифатнашаванда буда, танҳо тариқи ваҳӣ тавассути китоби муқаддас ба инсон ошкор мегардад. Августин ҳукмронии мутлақи колисоро тарғиб мекард, яъне тамоми соҳаҳои иҷтимоиро колисо танзим намояд. Дар бораи инсон кӯшидааст, то собит намояд, ки олами ботинии инсон сӯи холиқ равона аст.

**Фомаи Аквинӣ** (1225-26-1274) аз барҷастатарин чеҳраҳои фалсафаи динии асримиёнагӣ буда, шогирди Илоҳиётшинос ва табиатшинос Албертини бузург (1193-1280) мебошад. Фома ба таълимоти Арасту такя карда,

кӯшидааст, то усулҳои асосии теологияи насрониро собит бисозад.

Фома ҳастиро мабдаи аз ҳама олӣ номида аст. Фома мавҷудияту моҳиятро аз ҳам фарқ кунад, ҳам бе ҳеҷ ваҷҳ онҳоро ба якдигар муқобил нагузошта, кӯшида аст, то бунёди муштараки онҳоро баён намояд. Ба ақидаи Фома моҳият (зот) ё ҷавҳар (субстансия) дар ҳастӣ дорои мустақилият аст ва ӯ меандешад, ки фақат фард вуҷуди ҳақиқист, вай зуҳуроти шахс буда, ҳамаи хусусиятҳои дар он ниҳонанд. Ин ақида хоси (ҳастишиноси) онтологияи Фома буда, оиди мавзӯъҳои "моҳиятҳои пинҳонӣ"-и фард, яъне нафс, рӯҳ Флутин ақидаҳо меронад.

Таълимоти Фома дар асрҳои миёна дорои нуфузи зиёд буд ва аз ҷониби колисои католикӣ ба расмият дароварда шуд. Таълимоти мазкур дар асри XX бо номи "неотомизм" машҳур аст.

Дар фалсафаи асри миёна дар мийни равияҳои реализму наминализм мубориза тӯлонӣ вуҷуд доштааст.

**Фаҳмиши реализм (воқеъгарой)** - и асри миёна бо фаҳмиши имрӯзаи он яксон нест. Тахти мафҳуми реализм имрӯз воқеияти айниро мефаҳманд. Дар асри миёна бошад, онро ба маънои таълимоти бунёдии воқеии мафҳумҳои куллӣ, яъне унверсалиятҳо истеъмол мекарданд. Ба ақидаи реалистон фақат мафхумҳои куллӣ дорои воқеъияти айнӣ буда, дигар тамоми аҷсоми ҷузъӣ аз он маҳруманд, зеро онҳо бастаи фикру суханони инсонанд. Аз таҳлили ақоиди реалистон ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки онҳо ба афлотония робитаи қавӣ доранд,

**Фаҳмиши номинализм** дар баробараи реалистон ҷараёни дигар номинализм (номхо) муқобил меистод. Рушди номинализм ба асрҳои XIII-XIV мувофиқ меояд

намояндагони машҳури ин ҷараён: Улям Оккам (1285-1349) ва Николай Отрекурӣ (асри XIV) мебошад. Ба ақидаи номиналистон офариниш маҳсули иродаи Худост. Муҳимтарин хислати номиналистонро **таҷриба** ташкил медиҳад.

Номиналистон дар мавриди маърифату ақл дорои назарияи нав мебошанд. Номиналистон истеъдоди назариро аз хислати онтологиаш маҳрум намуда, ақлро дар сарсилсила маротиби мавҷудот қарор намедиҳанд. Яъне номиналистон баръакси реалистон мафҳумҳои ҷузъиро, яъне номи ҷузъҳоро Худованд баъд аз офариниш гузаштааст ва ягона чизе, ки воқеъӣ вуҷуд дорад ин ҷузъ аст ва мафҳумҳои куллӣ фақат дар нафси мудрик (одам) ба вуҷуд меояд.

## 3.2. Фалсафаи тоҷик дар асри миёна

### 3.2.1. Хусусияти фалсафаи асримиёнагии Шарқ

Аз асри VII сар карда, дар мафкураи халқҳои Шарқи Наздику Миёна таълимоти нав ба вуқуъ омад ва ин таълимот ба номи Ислом ба ҷои динҳои кӯҳна зуҳур кард, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиро дар зери итоити худ даровардa буд. Маҳз дар ин давра асрҳои VII-VIII барои пайдоиши мактабҳои фалсафӣ ва динию фалсафӣ заминаҳои муайян бавуҷуд омадаанд.

Асрҳои IX-XV чун давраи тараққии пуравҷи илму фалсафа ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, фалсафаи асҳоби ҳаюло, Машоъ, Калом, Ишроқ, Тасаввуф ва дигар мактабҳои фалсафаӣ хеле ривоҷ ёфтанд ва намояндагони бузурги онҳо ба камол расиданд.

### 3.2. 2. Фалсафаи асҳоби ҳаюло

Аз рӯи маълумоти сарчашмаҳои мӯътамади фалсафӣ таълимоти **Асҳоби Ҳаюло** ҳикматест, ки аҳли он ба азалияту абадияти ҳаюло (модда) макон ва замон муътақиданд . Ин фалсафаро дар асрҳои IX-X Эронишаҳрӣ, Ибни Ровандӣ (816-897) ва Абубакри Розӣ ҷонибдорӣ кардаанд ва тавсия бахшидаанд.

Ибни Ровандӣ намояндаи фалсафаи даҳриён ва табоиюн аст. Дар ибтидои фаъолияти илмию фалсафиаш ба ҷараёни муътазилия майл дошт. Сониян, ба фалсафаи ислом - калом рӯ овард, аз он ҳам мутмаъин нашуда, ба радди усули онҳо шурӯъ кард ва ба ҷиҳати афкори илҳодии худ ба номи Аҳмади Зиндиқ шӯҳрат ёфт.

Ибни Ровандӣ беш аз 114 китоб навиштааст.

Усули асосии ақоиди Равандӣ чунин аст:

1. Ибни Равандӣ чуи зурвониён, даҳриён табоиён ба қадим будани олам қоим аст ва ҳастии офаридагорро эътироф намекунад ва дар «Китобутточ» **ҳудус (сохтани) - и оламро инкор мекунад ва собит менамояд, ки асар далолат бар муассир ва феъл далолат бар фоил, надорад;**

2. Ибни Равондӣ хеҷ яке аз динҳои маъмулиро эътироф надошт, дар «Наҳҷулҳикмат» ном асараш навишта буд: **"Худое, ки бандагони худро ба беморию заифӣ гирифтор карда ва онҳоро ба назари раҳмат наменигарад ҳаргиз ҳаким нест. Ҳар касе, ки бандаи худро то абад дар оташ сузонданист, ҳаргиз набувад ҳакиму олим бошад";**

3. Азбаски Ибни Равандӣ ба **ақоиди динӣ боварӣ надошт, китобҳои динро китобҳои муқаддас намешумурд,** дар асараш «Китобуддимоғ» Қуръонро на китоби муқаддаси осмонӣ, балки китоби пурзиддият ва далелҳояш ба ақл носазо шумаридааст.

Пайрави дигари ин **мактаб Абӯбакр Муҳаммад Ибни Закариё ибни Яҳё Розӣ** (865 - 925) аст. Розӣ низ шаклҳои ҳастии ҳаюло: *макон, замон ва ҳаракатро* азалию абадӣ мешумурд. Назарияи маърифати Розӣ аз ҷиҳати моҳияти худ ба назарияи инъикос наздикӣ дорад. Ӯ дониши ҳиссиро натиҷаи таъсири ашё ва ҳодисаҳо ба аъзои ҳисси инсон медонад. Розӣ муътақид буд, ки инсон ба донистани ҳама чизҳо қобил аст, ва дар олам чизе нест, ки ақли инсон онро донист натавонад.

Закариёи Розӣ баъд аз солҳои зиёд дар бемористони Бағдод хизмат намудан ва соҳиби тахаллуси "табиби мористонӣ" шудан ба зодгоҳаш бамегардад.

Закариёи Розӣ дар илми фалсафаи асри миёнагӣ мавқеи хосаеро дорад. Шеваю ақидаи фалсафии ӯ бештар дар асарҳои "Сирати фалсафӣ": "Тибби рӯҳонӣ": "Исбот ул-маод" "Китобуллаззат" инъикос ёфтааст.

### 3.2.3. Фалсафаи машшоъ

Сардафтари фалсафаи машшоия Абулюсуф Яъқуб ибни Исҳоқ Алкиндӣ (800-897) мебошад. Мактаби машоия пайравони таълимоти Арасту мебошад. Азбаски Арасту бо шогирдонаш баҳсҳоро дар боғ, қадамзанон мегаштанд, аз ин рӯ пайравони ӯро ба арабӣ машшоиён мегӯянд, дар лотинӣ бошад препатетик мегӯяд.

Авҷи фалсафаи машшоъро асрҳои IX-XV ташкил медиҳад. Баъд аз Алкиндӣ Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ Ибни Сино, Хоҷа Насриддини Тусӣ,Умари Хайём Ибни Рушдӣ Андалусӣ ин таълимотро идома додаанд.

**Абу Наср Муҳаммад ибни Муҳаммад Форобӣ** (874-951), на танҳо дар мавзӯъҳои фалсафӣ, балки роҷеъ ба ҷамъият, сиёсат ва ахлоқ низ як қатор асарҳои нодир навиштааст.

Масъалаи ҳастӣ ва мабдаи он яке аз масъалаҳои муҳими фалсафаи Абунасри Форобӣ мебошад. Ҳалли муаммои олам ва вуҷуди ӯ, кашфи асрори офариниш ва маърифати зоти офаринандаи ҷаҳон мавриди тавҷҷӯҳи мутафаккирон дар ҳар давру замон будааст.

Абӯнасри Форобӣ байни дину фалсафа ин муаммои вуҷудро ҳал карда назариёти Арастуро оиди ин масъала тағйир дод. Дар маънии фалсафӣ ва усули исломӣ ба таҳқиқи судури мавҷудоти ҷаҳон пардохта дар ин боб назарияи хосе изҳор намудааст.

Абӯнасри Форобӣ назарияи худро дар асоси хилқати ибтидои олам қарор дода, судури мавҷудотро аз роҳи файз тавҷеҳ мекунад. Ба ақидаи мутафаккир **ибдоъ иборат аст, аз судури мавҷудот ва иллатнома (сабабият).**

Ба ақидаи Абӯнасри Форобӣ судури мавҷудот аз мабдаи аввал, на аз роҳи қасду идора ва на аз тариқи табиат буда, балки сирфан аз зоти бори таъало ба зоти хеш, ки ақли маҳз ва хайри мутлақ аст ношӣ шудааст.

Навафлотуниён, ки усулан фалсафаи худро бар асоси файз мубтанеъ намудаанд, фақат аз роҳи истиора ва ташбеҳ ба таъриф, шарҳ ва баёни он пардохта гуфтаанд: мабдаи нахуст чун комил аст бухл ва дареғ надорад ва файзи ӯ зинда аст, ҳамчунон ки хуршед нур медиҳад ва оташ ҳарорат тавлид мекунад.

Файласуфони машшоӣ низ **файзро бо *таври кулл таҷлили зоте, ки мавоҷиби (сабаби) вуҷуди ашё аст,* таъриф кардаанд.**

**Фалсафаи Ибни Сино** (980-137) бузургтарин ва барҷастатарин файласуфи машшоӣ тоҷик аст, ки дар соҳаи фалсафа асарҳои зиёде таълиф кардааст ва асоситарини он "Китобушшифо", "Китобунноҷот", "Ишорот ва танбеҳот" ва "Донишнома" мебошад. Мутолиаи ин асарҳо нишон

медиҳад, ки масъалаҳои таносуби Худо ва табиат, шаклҳои ҳастӣ, сурату модда, нафсу тан, сабабият, донистани олами моддӣ ва таҳқиқи масоили гуногуни мантиқ мавриди тадқиқи мутафаккир будаанд.

Масъалаи **таносуби Худо ва табиат масъалаи марказии фалсафаи асрҳои миёна буд. Ибни Сино дар асрҳояш қайд кардааст, ки ҳастӣ асоси ашё ва ҳодисаҳо буда, ба воҷибу имкон тақсим мешаванд.** Воҷиб Худо буда, аммо имкон ҳодисиҳои аз он содиршаванда, мисли нафсу ақл ва ҳодисаҳои олами таҳти қамарро дарбар мегирад. Вале таносуби Худо ва табиат на чун таносуби офаранда ва офаринандада, балки чун таносуби иллат (сабаб) ва маълул (натиҷа) мебошад.

Воҷибулвуҷуд офаридгор аст, офаридагор нест. Вай абадӣ аст, азалӣ ва моҳияти аввал аст. Воҷиб оламро на аз рӯи иродаи худ, балки ба ҳукми зарурият офаридааст.

Ба андешаи Ибни Сино олам чун араз баробари Худо мавҷуд аст, аммо ин мавҷудият воқеӣ набуда, балки имконист. Аз ин рӯ, Худо олмро аз билқувва ба билфеъл табдил медиҳад.

Ибни Сино сабабиятро эътироф намуда, бо ҳамин мақому мартабаи Худоро дар силсилаи мавҷудот маҳдуд кардааст. Сабаб танҳо дар сурати билфеъл (воқеӣ) шуда метавонад, ки нитиҷае ба миён биоварад. Агар он натиҷа надошта бошад, пас доим сабаби билқувва (имконӣ) шуда мемонад. Бинобар ин барои он ки Худо сабаби билфеъл шавад, ӯро воҷиб, ки оламро биофарад.

Дар системаи фалсафии Ибни Сино ба таҳлили шаклҳои ҳастии материя - ҳаракат, замон ва макон диққати зиёд дода шудааст. Таҳлили лаҳзаҳои асосии таълимоти Ибни Сино дар бораи ҳаракат, замон ва макон табиати муайян дошта, бо якдигар алоқаманд мебошанд.

**Хулосаи назарияи Ибни Сино чунин аст:**

1. Худо оламро на аз рӯи иродаи худ балки ба ҳукми зарурат офарида аст.

2. Олам қадим аст.

Ибни Сино мафҳуми қадимро **ба ду маънӣ кор фармудааст.**;

1) **қадим ба зот** - яъне худ ба худ қадим будан;

2) **қадим ба замон** - вобаста аз замон.

Ибни Сино ҳаракатро аз рӯи тазоҳураш дар ҳастӣ ба ҷунбиши каммӣ (чандӣ) (миқдорӣ), кайфӣ (чунӣ) (сифатӣ), маконӣ ва вазъӣ тақсим карда аст.

Ибни Сино илми фалсафаро аз Абуабдуллоҳи Нотилӣ омӯхтааст. Аслан ӯ ба фалсафа ва тиб шавқ дошт, дар синни 16 - солагӣ аллакай ҳамчун табиби машҳур ном баровард. Хулоса, илмҳои замонашро то 18- солагӣ аз худ кард, дар айни замон, бо тибби амалӣ машғул шуда, аз омӯхтан ҳеҷ гоҳ боз наистод.

**3.2.4. Калом фалсафаи дини ислом** буда, дар асри VII пайдо шудааст. Зарурияти офаридани маҷмӯи мукаммали илоҳиёти ислом дар ҳам пайвастани аҳкому ақидаҳои динӣ бо далелҳои ақлӣ ва мантиқӣ буд. Асосгузори калом Ҷад ибни Дирҳам (вафоташ с-742) буд. Бунёди аввалин мактаби каломро Ҷаҳим ибни Сафвон (вафоташ с-745) гузоштааст.

Калом дар давоми таърихи худ се марҳиларо тай карда аст:

-марҳилаи аввали калом бо номи **мӯътазила (гӯшагирӣ)** маълум буд,ки баъдҳо вай асоси каломи шиа қарор гирифт.

-марҳилаи дуюм, каломи ашъарӣ ва мотуридӣ ба вуҷуд омад, ки ҳар ду ҳам каломи суннӣ буда, ба он Абулҳасан

Али ибни Исмоили Ашъарӣ (870-935) ва Абумансур Муҳамад ибни Маҳмуди Мотуридӣ (вафоташ с-944) асос гузоштааст.

Пайравони калом мекӯшиданд, ки ақоиди аҳли суннатро аз рахнаву дастандози аҳли бидъат ҳифз намоянд.

-дар марҳилаи сеюм калом ба фалсафа омехта гардид ва дар ҳалли муаммои ҳастию маърифат рақиби он гардид.

Масъалаи марказии таълимоти ҳастии калом масъалаи офариниши олам аст. Калом хилофи машшоъ, ки оламро қадим ва маоди ҷисмониро ғайри имкон мешуморидаид офариниши олам ва маоди ҷисмониро эътироф мекарданд. Дар ин асос мутакаллимин сабабият ва қонунияти табииро рад мекарданд.

**3.2.5. Истилоҳи тасаввуф** аз калимаи суф (матои сафеди пашмина) гирифта шудааст. Тасаввуф аз ҷараёнҳои динию фалсафии маъруф ва бузургу серпохаи ислом мебошад. Аҳли тасаввуф бо зоҳирии ислом камтар ва ба масъалаи ботинӣ, шинохти ирфонии Худо ва зимни он масоили маърифат, ҳастишиносӣ ва равоншиносиро бештар таваҷҷӯҳ доштаанд.

Афкори фалсафии тасаввуф бештар ба ташреҳи олами маънавӣ робита дорад. Тасаввуф ба олами маънавӣ рӯ оварда, роҳу усулҳои камолоти маънавии инсон ва дарки холиқи онро мақсади асосии худ медонанд. Агар файласуфони машшоъ тарзи зина ба зина ба вуҷуд омадани оламро мавриди баҳс қарор дода, ҷиҳати онтологии масъалаи мазкурро матраҳ карда бошанд, намояндагони тасаввуф ҷиҳати геносеологии онро асоси таълимоти худ қарор додаанд. Аз ин ҷо бар меояд, ки агар фалсафаи машшоъ зебоии табиату инсонро дар моддӣ

аввал гузорад, тасаввуф кашфу завқу шуҳуд ё худ мушоҳидаю маърифати мабдаи асосии табиату инсон, ки онро ҳақиқати азалӣ медонанд, дар назари аввал мегузоранд. Ба ақидаи онҳо ҳақиқати азалӣ аз содири аввал - ақл ё худ ҳусн иборат аст. Вале маърифат бо ин ба итмом намерасад.

Намояндаи барҷастаи фалсафаи тасаввуф **Абдулмаҷди Саноӣ** мебошад. Яке аз масъалаҳои муҳими фалсафаи Саноӣ таълимот дар бораи ҳастӣ мебошад. Саноӣ ҳастиро ба ду гурӯҳ тақсим намудааст:

**1. Воҷибулвуҷуд; 2. Имконулвуҷуд.**

Воҷибулвуҷуд - Худо офаранда буда, нахустсабаби ҳама гуна ашёҳо мебошад.

Имкононулвуҷуд - олами моддӣ, ҳастиест, ки ба воҷибулвуҷуд алоқаи ногусастанӣ дорад (материя ва шакл, ҷисм ва рӯҳ, ақл ва вақт имконулвуҷуданд).

Яке аз масъалаҳои дигари фалсафаи Саноӣ таносуби ҷисм ва рӯҳ аст. Ба ақидаи Саноӣ, рӯҳ ибтидои фаъол буда, ба рӯҳи ҷаҳонӣ алоқаи зич дорад.

Намояндаи дигари барҷастаи фалсафаи тасаввуф **Ҷалолиддини Румӣ** аст. Яке аз масъалаҳои муҳимтарини фалсафаи Румӣ масъалаи илоҳиёт аст, ки ӯ на танҳо аз нуқтаи назари онтологӣ, балки аз нуқтаи назари гносеологӣ низ таҳлил карда шудааст. Румӣ оламро таҷассуми Ақли Кулл customer дониста, савол мегузорад, ки оё инсон қобил аст, Ақли Куллро дарк кунад ё на? ва тасдиқ мекунад, ки Ақли Кулл мушаххас набуда, асоси олами моддӣ мебошад.

**Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ** (1314-1384) ҳамчун яке аз симоҳои намоёни тасаввуф ва хосатан силсилаи кубравияи он масъалаи ҳастиро аз нуқтаи назари таълимоти ваҳдати вуҷуд ҳал кардааст.

Ақидаҳои Алии Ҳамадонӣ доир ба инсон дар доираи таносуби нафсу рӯҳ ҷолиби диққатанд. Вай инсонро аз рӯи чанд нишонаҳо - ақл, дониш, нутқ, даст, муҳаббат аз ҳайвон фарқ кардааст.

**3.2.6. Исмоилия** - яке аз бузургтарин фирқаи шиъа мебошад, ки дар асри VIII ба вуҷуд омадааст. Фирқаи исмоилия дар амал он заминаи идеологии ҳаракати васеъи сиёсии мухолиф ба хилофати аббосиён буд, ки баъдтар ба наҳзати ***қарматия*** табдил ёфт.

Исмоилиёнро ботинӣ низ мехонанд, чун онҳо ақида доранд, ки "Ҳар зоҳире ботин ва ҳар ояте таъвил дорад".

Мувофиқи таълимоти исмоилия мабдаи ягонаи ҳаводиси мутааддиди олам Худо "ал -Ғайбут - Таъало" ё "Зоти Кул" дар ҳолати оромии абадист. Исмоилия **ҳафт зинаи** судур (эманатсия): ***Зоти Кулл, Ақли Кулл,Нафси Кулл, Ҳайюло, Макон, Замон ва Инсони Комилро*** муайян кардааст.

**Ҳаким Носир бини Хусрав ибни Ҳорис ул-Қубодиёнӣ (934-1088)** бузургтарин файласуф, шоир ва арбоби мазҳабиву сиёсии асри XI-и Хуросон аст.

Носири Хусрав ҳангоми мусофирати ҳафтсола (1045-1052) бо урфу одат, фикру ақида, маданияти хоса ва бо донишмандону файласуфон шиносоӣ пайдо карда, дар осори фалсафӣ ба мартабаи бузургиву беҳамтоӣ мерасад. Носири Хусрав дар осори илмӣ, фалсафӣ ва адабии худ фикрҳои мухталифе сабт намудааст. То имрӯз мероси адабии ӯ чунин осор боқӣ мондааст: "Зодулмусофирин", "Ҷомеъулҳикматайн", "Хон улихвон", "Сафарнома" «Девони ашъор», "Рӯшноиннома" ва "Саодатнома" боқӣ мондааст.

Носири Хусрав аз мавкеи исмоилия иброз доштааст, ки ибтидои аввал Худо аст, ӯ ақли кулл ва нафс офаридааст. Ба ақидаи Носири Хусрав худо офаридагори олами моддӣ набуда, балки эҷодкори Ақли кулл ва рӯхи умумиҷаҳонист. Носири Хусрав ҳастиро аз ду қисм:

1. **ҷавҳар (ҷисм);**

2. **араз (шакли зоҳирӣ: ранг, бӯй, садо, мазза) иборат донистааст, ки айни таълимоти фалсафии машшоъ** мебошад.

Масъалаи дигари муҳими фалсафаи Носири Хусрав масъалаи инсон аст. Ба ақидаи ӯ инсон ҷисми аз хок офарида, ҷон атокардаи худо нест, балки мафҳуми табиист ӯ, инсонро офариниши моддӣ ва табиӣ мешуморад, вале ҷисми ӯро дараҷаи аввал ва асоси зиндагию моҳияти инсони он намешуморад, зеро ба ақидаи ӯ ҷони вай - рӯхи абадии он, ки аз олами улвӣ омадааст, дар ҷои аввал аст, ҷисми ӯ фонист.

Носири Хусрав **мартабаи инсонро ба дараҷаи худоӣ** мегузорад ва ба ин муносибат масъалаи маод (бозгаштанро) ба миён мегузорад. Бозгашти рӯҳи инсон ба олами қудс бозгашти оддӣ нест, вай бояд аз олоишҳои дунёи моддӣ пок бошад, зеро ҳамроҳи ҷисми ҷоҳони моддӣ гӯё нопок омадаст.

**Пурсишномаҳои санҷишӣ:**

**Баъди хондани матни лексия ҳар як хонанда худро бо ин саволҳо бисанҷад.**

1. Хислати динии афкори фалсафии асри миёна?
2. Фалсафаи Августин?
3. Фалсафаи Фомаи Аквинӣ?
4. Муборизаи реализм ва номинализм?
5. Хислати фалсафаи асримиёнагии шарқӣ?
6. Фалсафаи асҳоби Ҳаюло?
7. Фалсафаи Машшоия (перипатизм)?
8. Фалсафаи калом?
9. Фалсафаи тасаввуф ?
10. Исломия?

**Тестҳои санҷишӣ:**

1. **Файласуфони асрҳои миёнаи тоҷик киҳо мебошанд?**

A. Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин, Восифӣ.

B. Ф.Бекон, Р.Декарт, Т. Гоббс, Ч. Локк.

C. Ибни Сино, ал-Форобӣ, ал-Берунӣ, Умари Хайём, Насриддини Тусӣ ва ғайра.

D. Муҳаммад Ғазолӣ, Алии Хамадонӣ, Эроншаҳрӣ.

**2. Баҳси номиналистон ва реалистон бобати чӣ буд?**

A. дар бораи пайдоиши зиндагӣ

B. дар бораи моҳияти « куллият»

C. Дар бораи имкони маърифати олам

D. Дар бораи имкони шинохт

**3. Китобҳои «арзиши теология», «арзиши фалсафа» ба ки таалук дорад?**

A. Тертулиаи

B. Фомаи Аквинӣ

C. Августини Қудсӣ

D) Ибни Сино

**4. Схоластика чист?**

A. Фалсафаи асримиёнагии насронӣ.

B. Материализми метафизикӣ.

C. Материализми субъективӣ.

D) Фалсафаи пешиниён.

**5. Мутакалимон киҳоянд?**

A. Пайравони фалсафаи Машоия

B. Пайрваони фалсафаи асҳоби Ҳайюло

C. Фирқае аз фалсафаи калом

D. Файласуфони аҳди қадим

**6. Кадоме аз мактабҳои фалсафаи асри миёнагии Шарқи мусалмонӣ хусусияти моддигароӣ дошт?**

A. Калом

B. Тасаввуф

C. Асҳоби Ҳайюло

D. Ашъария

**7. Кадоме аз файласуфон асосгузори Калом шинохта шудааст?**

A. Сино

B. Форобӣ

C. Ал- Ашъарӣ

D.Ибни Рушд

**8. Асосгузори Машоия кадоме аз ин файласуфон аст?**

A. Умари Хайём

B. Ғаззолӣ

C. Ал- киндӣ

D. Ал- Ашъарӣ

**9. Кадом назарияро Ибни Сино ба воситаи мафҳумҳои « имконият»,**
**« воқеият» ва « зарурат» исбот карданӣ мешавад?**

A. Назарияи эманатсия

B. Пантеизм

C. Атеизм.

D. Деизим

**10. Кадом файласуфоиро машоиён мегуфтанд?**

A. Таълимоти сохтори атомистии олам

B. Пайравони Арастуро дар шарқ ном мебурданд

C. Гароиш ба дини Зардуштӣ доштанд

D. Офтобро парастиш мекарданд

**11. Кадоме аз файласуфони шинохтаи охири асри 9 ва ибтидои асри 10 – ро муаллими сонӣ ном бурданд?**

A. Абӯалӣ ибни Сино

B. Абӯнасри Форобӣ

C. Умари Хайём

D. Абӯбакри Розӣ

# 4. ФАЛСАФАИ ДАВРАИ ЭҲЁ

## 4.1.Хусусияти фалсафаи давраи Эҳё

Таълимоти фалсафии асрҳои Х1У – ХУ11 Аврупоро ба он хотир фалсафаи замони Эҳё меноманд, ки дар ин марҳила тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз таъсири калисо ва институтҳои он озод гаштанд. Дар даврони Эҳё бошад **рӯ ба санъат овардан** дар маркази диққат **инсон** гузошта мешавад. Инсон дар таълимоти даврони Эҳё мақоми марказӣ пайдо намуда, ҳалкунандаи тақдири худ ва тағйирдиҳандаи табиат дониста мешавад. Фалсафаи замони Эҳё ба масъалаи **инсонгарой** ва фардият, инсон ҳамчун холиқи хеш, антропосентризм ва масъалаи шахсият, хосияти пантеистӣ доштани он таваҷҷӯҳи хоса зоҳир кардааст.

Заминаҳои ғоявии пайдоиши инро **пеш аз ҳама таълимоти мутафаккирони Шарқ**, заминаи иқтисодиашро **пайдоиши моликияти капиталистӣ** ва илмиашро комёбиҳои илмии табиатшиносӣ, ки боиси озодшавӣ аз таъсири таълимоти динӣ ва калисо гардид, ташкил мекунанд. Фалсафаи Замони Эҳёро **бозгашт ба фалсафаи Коинотмарказият** номидан нашояд, чунки замони Эҳё ба кашфи қонунҳои табиат такя дорад. Вайро ба фалсафаи асри миёнагӣ низ монанд донистан ҷоиз нест, чунки онҷо Худо офаридагор Оллоҳ ва идеяҳои ба он вобаста асосӣ дониста мешаванд, аммо фалсафаи даврони **Таҷаддуд** дар маркази таълимоташ инсонро гузошта ба идеали бадеият, санъат, зебопарастӣ, ки онро инсон меофарад, такя менамояд. Вай заминаҳои муайяни пайдоиш дорад, ки мушаххасан онҳо чунинанд.

- ташккули олоти меҳнат ва муносибати истеҳсолӣ;
- бӯҳрони феодализм;

- инкишофи савдои касбӣ;

- пуркуватшавии шаҳрҳо ва ба марказҳои савдо ва тиҷоративу маданӣ, маърифатӣ ва ҳарбӣ табдил ёфтану аз истисмори феодалҳою калисо озод шудани онҳо;

- мустаҳкамшавӣ мутамарказияти давлатҳои ғарб ва мустаҳкамшавии ҳокимияти дунявӣ;

- пайдоиши аввалин парламентҳо;

- аз ҳаёт қафо мондан ва ба бӯҳрон дучор гаштани калисо;

- баланд шудани дараҷаи саводнокӣ дар Аврупо;

- кишваркушоии бузург (Колумб, Васко да Гама, Магелан)

- ихтироотн илмӣ- техникӣ (борут, яроқи оташфишон, дастгоҳҳо, печҳои домнагӣ, микроскопу телескоп, китобчопкунӣ, ихтироот дар соҳаи тиб, астрономия, дастовардҳои илмӣ - техникӣ)

Ҳамаи ин барои замони Эҳё замина муҳайё намуд. Замони Эҳё дар асри XIV – XVII чунин равияҳои фалсафиро ба вуҷуд овард.

**Равияи – инсонгарой (гуманистӣ) - XIV-XV** намояндагон: Данте Алигери, Франческо Петрарко, Лоренко Валли, ки маркази диққат ба сӯи инсон равона шуда, бузургӣ, шаҳомат ва қудрати инсонро бар хилофи калисо ситоиш мекард;

**Навафлотунӣ XV- XVI** Чунин файласуфҳо мисли Николай Кузанӣ, Пико Делла Мирандола - таълимоти идеализми Афлотунро такмил доданӣ шуда, табиат, кайҳон ва инсонро аз назари идеалистӣ эзоҳ медоданд.

**Натурфилософия** – (табиатшиносон) **XVI - XVII** Коперник, Джордано Бруно, Галилео Галилей, инҳо дар асоси кашфиётҳои астрономӣ кӯшиш намуданд, то ки

тавассути онҳо баъзе таълимотҳои калисоро оиди Худо дар бораи кайҳон, пайдоиши олам суст намоянд.

**Реформатсия** – (ислоҳотчиён) бузургтарини онҳо: Лютерн, Томас Монкер, Жан Кольвин ва дигарон кӯшиш кардаанд, то ки муносибати байни диндорону калисоро тағйир диҳанд.

**Сиёсӣ (XV- XVI)** Николо Макиавелли масъалаи омӯзиши идоракунии давлатӣ ва рафтори ҳокимиятдоронро ба роҳ монд.

**Сотсиалистони утопиявӣ** (ормонӣ) (XV- XVII) мутафаккирон Томас Мор, Томмазо Компанелла - тарзи фантастикии сохтани ҷамъиту давлатро, ки дар он моликияти хусусӣ набуда, ҳама баробар соҳибмулк бошанд ва онро давлат ба тартиб дарорад ҷустуҷӯ ва пешниҳод намудаанд.

**Фалсафаи замони Эҳё дорои чунин хусусиятҳост:**

- антропосентризм ва гуманизм – диққати бештар ба инсон, боварӣ ба имкониятҳои беҳудуд ва ҳимматаш;
- дар оппозитсия будан ба калисо ва идеологияи он, мубориза на ба муқобили дин ва инкори Худо, балки ташкилоти миёнарав байни Худою эътиқотмандон;
- диққати асосиро аз шакли идеяҳо ба мазмун гузаронидан
- ба таври нави материалистгона фаҳмидани олами иҳотакардаи инсон;
- диққати зиёд додан ба мушкилотҳои иҷтимоӣ, ҷамъият ва давлат;
- паҳн шудани ғояи баробарии иҷтимоӣ;

## Антропосентризм дар замони Эҳё

Ҷонибдорони ин назария бар он ақида будаанд, ки **инсон** на танҳо мавзӯи баҳси донишҳои фалсафӣ, балки **маркази тамоми коинот** аст. Вай чун махлуқи оҷиз ва нотавон дар назди ҳаводиси табиат нест, чунонс ки дар фалсафаи асри миёна тасвираш намудаанд, балки вуҷуди олӣ дар маркази коинот карор дорад. Вай дорои қобилияту истеъдод буда, олами наву зеборо меофарад. Қоил будан ба қобилияту истеъдод ва донишандӯзии инсон файласуфҳоро ба андеша овард, ки инсон дар низоми физикии олам мавҷудоти мураккабу олӣ эътироф гардид. Дар ин давра **риёзиётро** чун забони табиат, **инъикоси қонунҳои табиат** ва инъикоси дақиқи моҳияти ашё (Галилей) номидаанд. Онҳо муносибати инсонро ба табиату Худо аз назари **пантеистӣ** шарҳу эзоҳ дода буданд. Чун пештара дар замони Эҳё ҳам мубориза андешаҳои наву кӯҳна дар ҳама соҳаҳо идома меёфт. Ин мубориза дар шакли муборизаи тамоюлоти материалистӣ, натурфалсафӣ ва назарияи маърифат ба идеализму ҷаҳонбинии динӣ зоҳир мегашт.

Инсонгароию некбинӣ (гуманизму оптимизм) барои пайдоиши фарзияю назарияҳои нав оиди ҷамъияту иҷтимоиёт, умед ба ояндаи неки дурахшон имкон фароҳам овард.

Дар назарияи маърифат тамоил ба муқобили схоластика авҷ гирифта, тадқиқи ҳодисаҳои табиат сабаби пайдоиши фикрҳои тоза гардид.

Олимони ин давра Николай Кузанӣ, Бруно, Леонардо да Винчи, Галилей таҷриба, мушоҳидаи **ҳиссиро** дар ҷои аввал гузошта, онро **асоси ҷараёни маърифат** медонистанд. Таҷриба аз назари да Винчи-силоҳи маърифат ва

онкорсозандаи робитаҳои зарурӣ, моҳияти байни маҷмӯи ҳодисаҳои табиат мебошад.

Дар андешаи Бруно эҳсос зинаи аввал ва ақлу зеҳн зинаи олии донишанд. Николаи Кузанӣ зинаҳои донишро аз **ҳис, ақл, ҳуш ва фаросат** иборат донистааст. Онҳо риёзиётро намунаи олии илми ақлӣ ва бурҳонӣ номида воситаи такомули методҳои индуктивии донишҳои таҷрибавӣ шумо, идаанд.

Галилей таҷрибаи илмӣ, идеализатсияи зеҳнӣ, фарзият муҳокимаи илмиро ба ҳам пайваста, **ваҳдати донишҳои назариявию методологии илмро** таъмин намуд. Галилей бори аввал услуби саҳеҳи таҷрибавии миқдорӣ ва тарзи баёни риёзии ҳодисотро ба механика дохил кард.

Табадуллот дар табиатшиносӣ ва тағйири куллии тафаккури даврони Эҳё пуррагии ҷаҳонбинии илмию нокомилии ҷаҳонбинии идеалистию диниро исбот намуд

Дар замони Эҳё фалсафаю табиатшиносӣ чун дар замони қадим бо ҳам алоқаманд буда, ҳамдигарро пурра мекарданд. Леонардо да Винчи, Бруно, Кеплер, Коперник ҳам табиатшинос ва ҳам файласуф буданд.

Натурфилософияи асри XVI-XVII вазифааш на танҳо таҳлилу тадқиқи фалсафаи табиат, балки омӯзишу тадқиқи чунин масъалаҳои муҳимми илму фалсафа мисли модда, замон, макон, ҳаракат, сабабият, зарурият,моҳият, қонун ва ғайра, ки ҳама мавзӯъҳои тадқиқи натурфилософияанд, дар ташаккули тафаккури назариявӣ ва илмии замони нав ҳамчун замина хизмат намуданд, яке аз масъалаҳои муҳими фалсафаи замони нав гардид, ки вай худ ба худ масъалаҳои ҳаракат, замон, макон, тағйирпазирӣ робитаҳои гуногун ва ғ-ро дар бар мегирад.

**Гелиосентризм.** Муҳимтарин хусусияти таффакури замони Эҳё ба илм, ба назария рӯ овардани ҳунармандону

муҳандисон ва ба таҷрибаю амалия рӯ овардани олимону донишмандонро ташкил медиҳад. Олимону ҳунармандон ва муҳандисон дар бунёди иншоотҳои азим баробар ширкат меварзиданд. Фаъолияти зеҳнии ҷомеа ба хотири омӯзишу тадқиқи қонунҳои табиат равона карда мешуд. Олимону донишмандони ин замонҳо ба қобилияти зеҳнии инсон дар роҳи дарки олами воқеӣ ва дар заминаи он ривоҷ додани қобилияти эҷодию эҷодкории техникӣ ба хотири рушди ҷомеа боварии комил доштанд. Онҳо аниқ медонистанд, ки бе омӯзиши чуқури қонунҳои табиат ва ихтироотҳи техникӣ инсоният ва ҷомеаи башарӣ ба қуллаи баланди инкишоф намерасад. Аз ин рӯ, омӯхтани табиату ошкор намудани қонуниятҳои он ва истифодаи қудрати одамон вазифаи олии илму маърифат ва кулли ҷомеа буд.

Бо ривоҷ ёфтани илмҳои табиатшиносӣ, илмҳои ҷомеашиносӣ низ қувваи бештаре пайдо намуда, андешаҳои арзишманде доир ба ҷамъият, сохти идоракунии он, қонун ва қоидаҳои давлату давлатдорӣ, чигунагии сарвари давлат ва ғ. андешаҳои пурарзиш ба вуҷуд омад.

### 4.2.Файласуфони маъруфи гуманист

Замони Эҳё марҳилаест, ки инсон, мақому манзалат ва ошкор сохтани рисолати азалияш файласуфҳоро ба худ кашида буд. Онҳо андешаи динии инсонро ҳамчун як вуҷуди ғайрифаъол ва комилан ба тақдир тандиҳанда рад карда, инсони эҷодкор ва ҷӯяндаи ҳақиқати объективиро мавриди таҳлил қарор доданд. Андешамандони замони Эҳё Дантье Алигери, Франческо Петрарка, Ларенсо Валли ҳар кадом доир ба нақши инсон фикрҳои ҷолиб баён кардаанд.

Данте Алигери (1265-1321) дар асарҳояш дар як вақт насронияитро ҳам таъриф ва ҳам масхара мекард:

- Инсонро васф мекард ва онҳоро холиқи Худо намедонист: Ба андешаи вай инсон дорои ибтидои илоҳию инсонӣ буда, онҳо баҳамдигар ҳаммақом мегарданд: Вай баояндаи неки инсон боварӣ дошт:

Франческо Петрарка (1304-1374) ба адабиёт, фалсафа, маданиятеро ки ба схоластика бегонааст дохил намуд. Аз рӯи андеша вай:

- ба инсон ҳамчун вуҷуди нодир хаёт якбор дода мешавад, барои ҳамин шахсияти вай бояд рӯҳан ва ҷисман озод бошад.

Ҳуқуқи озодона интихоб ва худро озодона муаррифӣ намудан дошта бошад.

- инсон танҳо ҳангоми такя ба имкониятҳои худ саодатманд шуданаш мумкин аст. Барои ин имконияти кофӣ дорад:

- дар хаёти ондунёӣ абадият нест, балки вай дар хотираҳои одамон аст.

- инсон барои Худо худро бояд курбон накунад ва аз хаёт бахра барад.

- симои берунию дохилии инсон зебоянд.

Ларенко Валли (1507-1557) муаллифи асар доир ба «Ҳаловат ҳамчун неъмати ҳақиқӣ» чунин андешаҳо пешниҳод намудааст:

- муътабарони колисоро вожгун намудааст.

- схоластикаро ба сабаби сохтакорӣ ғайри ҳақиқат буданаш танкид кардааст.

- инсонро дар маркази бунёди олам ниҳодааст:

- ба ақлу имкониятҳои инсон боварӣ доштааст:

- зуҳд ва гӯшанишиниро рад кардааст:

- одамонро барои амали фаъол мубориза ва ҷасорат баҳри тағйири олам даъват намудааст.

- ҷонибдори баробарии зану мард будааст.

- ҳаловатро ҳамчун неъмати воло донистаат.

## 4.3.Фалсафаи ичтимой -сиёсии замоии Эҳё

Масъалаи асосии фалсафаи Эҳёро «Масъалаи давлат, сохтори ҷамъият, муносибати калисо ва институтҳои давлатию эътиқодмандони дин ташкил медиҳад.

Дар соҳаи масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ равияҳои «ислоҳотчигӣ», «фалсафаи сиёсӣ» ва «фалсафаи сотсиализми хаёлӣ» ба вуҷуд омада буд.

Мақсади асосии фалсафаи ислоҳотчигиро «ислоҳоти католитсизм, демократикунонии калисо, барқарорсозии муносибати боадолаттар байни худо, калисо ва эътиқотмандон аст.

Барои пайдоиши ин равия чунин заминаҳо боис гардидаанд.

- бuҳрони феодализм;

- пайдо ва мустаҳкамшавии синфи саноатию савдо;

- суст гаштани парокандагии феодалӣ ва устуворшавии давлатҳои аврупо;

- бетаваҷҷуҳии сарони давлатҳо ва элитаҳои сиёсӣ нисбати ҳокимияти номаҳдуди папаи Рим ва колисои католикӣ;

- паҳншавии ғояи инсонгароӣ (гуманизм);

- баланд шудани шуури худшиносӣ, индивидуализм;

- афзудани таъсири зидди таълимоти фалсафӣ -динии католисизм.

## 4.4.Фалсафаи давраи Эҳё ва замони нави Голандиҳо (асрҳои XVI-XVII)

Барҷастатарин намояндагонаш Эразми Ротердамӣ, Гуго Гратсий, Бенедикт Спиноза маҳсуб меёбанд.

Яке аз ҳамин гуна мутафаккирон **Эразми Ротердамӣ** (1469-1539) файласуф, илоҳиётшинос, гуманист буда, фалсафааш асосан ба танқиди - схоластикаи асри миёнагӣ, таърифи насронияи пешин, даъват ба рафтори ахлоқӣ, асоснокcозии давлати пурқувват бо сардории монарх ба сифати идеал, кӯшиши маънидодсозии муҳити иҳота карда ва дарёфти роҳи саҳеҳи рафтори инсон дар он аст.

Эразми Ротердамӣ ду хулоса баровардааст. Олам дугона ва диалектикист - ҳама чиз ба ҳам алоқаманд ва ҳама ба ҳам муқобилҳои раванд ва зуҳуротҳоянд.

Тарафҳои мухталифи як томиятанд. Инсонҳо дорои ду сифат, нек ва баданд.

Сифатҳои нек барои инсон хос ин - озодӣ, сулҳдӯстӣ, худнигоҳдорӣ, оддият, бомаълумотӣ, андешаи солим аст.

Сифатҳои бад - фанатизм, нодонӣ, зуроварӣ, худпарастӣ.

Таълимоти **Спиноза** (1632-1677) файласуфи барҷастаи ҳоландӣ ҷавҳари чизҳои ҷузъиро напазируфта, ба номинализму эмпиризм муқобил баромада ақидаеро ироа дорад, ки:

- байни субстансияи олӣ - Худо ва дигар субстансияҳои офаридааш фарқ нест.

- танҳо як субстансияи ҳамарофарогир вуҷуд дорад:

- ин субстансия дар худ олами иҳотакардаи Худоро дарбар мегирад:

- табиату Худо якжанд:

- Худои халккунандаи берун аз табиат буда, вуҷуд надорад:

- Худо дар дохили табиат аст:

- танҳо субстансияи ягона табиат-Худо қудрати офаридан дорад:

- сабаби мавҷудияти берунаи модусҳо, ҷавҳари ягона (табиат-Худо) буда, модусҳо комилан ба он вобастаанд. Аз ин рӯ онҳо тағйирёбанда, дар вақту фазо ҳаракаткунанда, ибтидо ва интиҳо доранд.

Спиноза сифати табиат-Худоро чунин нишон додааст:

- мавчуд аст, мустақил аст ва ба ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз вобаста нест;

- сабаби дохилии худ ба худро дорад;

- хусусиятҳои зиёд аз ҷумла, тафаккур ва идомат, (яъне –тафакур ва идомат хосияти ҳама модусҳоянд)-ро дорост

Дар назарияи маърифат, Спиноза дорои ақидаҳои хоси худ буда он аз се зина иборат дониста шудааст.

- дониш дар шакли соф, донише, ки бевосита аз ақли инсон мебарояд ва ба ҳеҷ сабаби берунӣ вобаста нест-шакли олии дониш аст

- дониши дар натиҷаи фаъолияти ақл гирифта зинаи дуюми маърифат аст, ки кам ҳақиқат дорад.

- инъикоси ҳиссии олами иҳотакарда мувофиқи ақидаи Спиноза донишҳои исботнашаванда, камҳақиқӣ, нопурраю руяки буда, барои гирифтани дониши ҳақиқӣ он қадар нақши муҳим намебозанд.

**Пурсишномаҳои санҷишӣ:**

**Баъди хондани матни лексия ҳар як хонанда худро бо ин саволҳо бисанҷад.**

1. **Дар Замони Эҳё кадом равияҳои фалсафӣ вуҷуд дошт?**
2. Заминаҳои муайяни пайдоиш замони Эҳё ?
3. Хусусиятҳои замони Таҷаддуд?
4. Фалсафаи замони Эҳё дорои кадом хусусиятҳост?
5. Моҳияти таълимоти Спиноза?
6. Пантеизм чӣ маънӣ дорад ?

**Тестҳои санҷишӣ:**

1. **Масъалаи асосии даврони Эҳё?**

   А. Худомарказӣ - (теосентризм)

   В. Космосентризм - (ҷаҳонмарказӣ)

   С. Антропосентризм – (инсонмарказӣ)

   Д. Гелиосентризм – (офтобмарказӣ)

2. **Равияҳои фалсафа дар замони Эҳё?**

   А. Инсонгарой, табиатшиносӣ, ислоҳотчиён ва сотсиолистони утопиявӣ

   В. Табиатшиносӣ, натурфилософия, навафлотунӣ

   С. Сиёсӣ, сотсиалистони утопиявӣ

   Д. Инсонгарой

3. **Файласуфони маъруфи гуманитарӣ?**

   А. Данте Алигарӣ, Декарт

   В. Франческо Петрарка, Ж. Руссо

   С. Данте Алигарӣ, Франческо Петрарка, Ларенқо Вали

   Д. Бекон, Данте Алигарӣ

**4. Мафҳуми калимаи Эҳё дар ин давра?**

А. Эҳё шудани мурдагон

В. Эҳё кардани динҳои бостон

С. Эҳё шудани зиндагон

Д. Эҳё баргашт ва эҷодкорона такя кардан ба осори иеш аз масеҳият ва танқиди дин

# 5. ФАЛСАФАИ ЗАМОНИ НАВ ВА МАОРИФПАРВАРӢ

## 5.1.Хусусиятӣ фалсафаи замони нав

Дар охири асри XVI ва ибтидои асри XVII се кашфиёти муҳим ба вуқуъ пайваст:

**1)Чопи китоб;** **2)Борут;** **3) Қутбнамо**, ки симо ва ҳолати ҳамаи оламро дигаргун кард ва таконе ба пешрафти илми таҷрибавӣ дод. Муҳимтари нишондиҳандаи рӯҳияи ин давра майл зиёд ба донистани асрори табиат ва истифодаи он барои инсон ва мутеъ кардани он. Ин рӯҳия ба он овард, ки тамоми фалсафаи гузашта ва дастовардҳои он зери интиқод ва шакку тардид қарор гирифтанд. Ин равия аз Бекон оғоз гардида, дар Декарт ва баъдан бо Кант то Марксизм дар аср XIX равиши фалсафаи нав гардид. Ин ҳолати рӯҳии инсон зарурати коркарди равияшиносӣ (методология) -и навро ба миён гузошт, ин буд, ки масъалаи асосии баҳсҳои ин давра, пеш аз ҳама, дар атрофи назарияи маърифат давр мезад. Бахсҳои таҷрибагароӣ (эмперизм), эҳсосгароӣ (сенсуализм) ва ақлгароӣ (ратсионализм)- ро дар бар мегирфт.

Муҳимтарин равишҳои фалсафии ибтидои асри XVII ва асри XVIII инҳоянд:

1) аклгароӣ - Декарт (1596), Б.Спиноза (1632-1677), Лейбнитс (1646-1716)

2) таҷрибагароӣ Томас Гобс (1588-1350), Ҷон Лок (1632-1777), Берклӣ (1685-1753), Д.Юм (1711-1776).

3) Маорифпарварони **Фаронсавӣ** - Паскал (1532-1662), Волтер (1694-1778), Жан Жак Руссо (1712-1778), Лометри (1709-1751), Голбах (1723-1789), Дидро (1713-1784).

4) Фалсафаи классикии Олмон- Имануэл Кант (1724-1804), Фихте (1762-1814), Шелинг (1775-1854), Гегел (1770-1831), Фейрбах

**5.2. Френсис Бекон** (1561-1626) асосгузори равиши илми нав сардафтари таҷрибагарой (эмперизм) бар фалсафа буд. Аз номҳои осори Бекон пай бурдан мумкин аст, ки ӯ ба таҷрибагарой майл доштааст ва инчунин навовар аст.

Китобҳои машҳури ӯ "Органони нав" ва "Атлантидаи нав" мебошад, ки даъвои таҷаддуд (эҳё кардан) - ро дар асоси тафаккури Юнонӣ фаро мегирад. Бекон дар «Органони нав» услуби индуктивии маърифатро эҷод менамояд. Моҳияти ин услуб чунин аст: **тамоми маърифат бояд бо дониш такя карда, аз омӯзиши далелҳои ҷузъӣ ба хулосаҳои куллӣ ҳаракат бикунанд**.

Бекон инчунин табиатшиносонро ба таҷрибаю санҷиш даъват менамояд, вале ӯ саргарми усули змперикӣ гардида нақши ақлро қадр намекунад.

Бекон ақли инсонро ба оинаи ноҳамворе ташбеҳ додааст, ки ашёи табиатро каҷу нодуруст нишон медиҳад. Дар чунин ҳолат иштибоҳи дигари ӯ фаҳмиши теологии чизҳо ба вуҷуд меояд.

Ба ақидаи Бекон илм низ мисли об сарчашмаи худро ё дар осмон, ё дар замин дорад. Ва сарчашмаи осмонӣ ваҳйи илоҳист ва сарчашмаи замини эҳсосоти инсон. Ҳамин тавр, Бекон пайрави ҳақиқати дуалистӣ аст.

**5.3.** Сардафтари фалсафаи нави Аврупой дар баробари Бекон, Декарт низ мансуб аст. Декарт низ мисли Бекон аз ҳар кас шубҳа карданро ба ҳамаи муҳокимаҳои гузаштае, ки инсоният боварӣ дошт, даъват менамояд. Сарогози

китоби маъруфи Декарт «Усули фалсафа» ба чунин ҷумла оғоз меёбад:

“Барои озмуни ҳақиқат ҳар кас бояд дар тули зиндагии худ то он ҷое, ки мумкин аст, як бор дар мавриди ҳама чиз шак (шубҳа) кунад”.

Декарт инчунин андешиданро аз ҳама боло гузашта чунин ақида дошт, ки ***ман меандешам, пас ман ҳастам.***

Фалсафаи Декартро дуализм ташкил медиҳад. Яъне, ӯ ба ду ҷавҳар эътиқод дошт: Декарт мегуяд, ки олам аз ду таркиб иборат аст:

**1) ҷисм; 2) зеҳн.**

- Нишонаи зотии ҷисм ё модда – тӯл, арз ва андоза мебошад;

- Нишонаи шиносоии зеҳн ё ҷавҳари зеҳнӣ - андеша ё фаъолияти андеша аст.

Фақат **ҷисм ва зеҳн** ҷавҳаранд. Ҳама чизи олам ба яке аз ин ду тобеанд, аммо ҷисм ва зеҳн ҳеҷ кадом устувор ба зот нестанд. Зеро ба ақидаи Декарт танҳо Худо коим ба зот аст ва ин ду ҷавҳар танҳо ба кудрати ӯ ҷавҳаранд.

Дар фалсафаи Декарт ҳам заминаи гароиш ба материализм ва ҳам заминаи гароиш ба идеализмро мушоҳида кардан мумкин аст.

**5.4. ТОМАС ГОББС (1588-1650)** фалсафаи Беконро низом бахшид, материализмро бар пояи ҳис бурд. Мувофиқи назарияи Гоббс ҷаҳон маҷмӯи куллие аз ҷисмҳои моддӣ аст, ки ҳама бар қонуни ҳаракати механикӣ тобеанд. Вай ҳатто зиндагии равонӣ-психикии инсонро бо меъёрҳои ҳаракати механикӣ баён мекунад ва равонро таркибе аз механизми бадан медонад ки мегӯяд: истидлол ва фикр ҷамъ кардани маълумот ба ҳам ё ҷудо кардани онҳо аз якдигар, яъне таҷзия ва таркиб аст ва танҳо ба

чисмҳо тааллуқ мегирад ва ғайр аз чисм ҳар чӣ хаст, мавзӯи фалсафа ва илм воқеъ намешавад. Вай тафаккури инсон ва назарияи маърифатро ба ҳисобҳои математикӣ баробар кардааст. Усули маърифатии ӯ пайвасти сӯнъии ратсионализм - ақлгароӣ ва номинализм-номгароӣ аст.

Вай вучуди рӯҳро бе чисм инкор мекунад ва мегӯяд агар чавҳар рӯҳонӣ мебуд вай донистанашаванда буд. Рӯҳро вай ҳамчун чисми табиии ниҳоят тунуке медонад, ки ба эҳсосоти мо таъсир надорад, вале фазоро пур карда аст.

Асари маъруфи Гоббс дар мавзӯи ичтимоӣ - давлатдорӣ "Левиафан" мебошад, ки дар инкишофи афкори ичтимоии аврупоӣ таъсири қобили таваччӯҳе доштааст. Давлат мувофиқи ақидаи Гоббс дар натичаи тааҳуди ичтимоӣ ба вучуд омада, "чисми сунъии" маҳсули инсон, на худо мебошад. Вазифаи нахустини давлат барқарории сулҳ ва таъмини осоиштагии шахрвандон, пешгири аз чангхои шаҳрвандист.

**5.5. ЧОН ЛОКК (1632-1777)** файласуфи Англис дар соҳаи назарияи маърифат ҳамчун тачрибагаро ва эҳсосгарои моддӣ шӯҳрати бештаре пайдо карда аст. Вайро асосгузори равиши эҳсосгароӣ (сенсуализм) мешуморанд. Бар хилофи ақидаи Суқрот масъалаи инкори дониши фитриву модарзодиро ба миён гузоштааст. Дар таҳқиқоти фалсафии худ Ч. Локк кӯшида аст, на танҳо пайдоиши мафҳумот- идеяҳо, балки инчунин қобилияти шинохти инсонро муайян кунад. Нуқтаи ибтидоӣ дар таҳқиқоти Локк масъалаи зер буд. Равони кӯдак ҳангоми таваллуд тотачрибаи ҳиссӣ мисли "tabula rassa": яъне тахтаи тоза - соф аст. Дар он ҳеч гуна идеяҳои фитрӣ - модарзодӣ нест. Ин иқдоми Локк инкори назарияи Суқроту Афлотун ва пайравони онҳо буд.

Ҷ. Локк донишро маҳсули ду навъ таҷриба, таҷрибаи зоҳирӣ ва ботинӣ медонад ва ҳамчунин сифати якумин ва дуюминро эътироф кардааст.

**5.6. Г.В. ЛЕЙБНИТС (1646-1716).** Лейбнитс муаллифи рисолаи "Таҷрибаи навъ оид ба хиради инсонӣ", "Усули табиӣ ва илоҳӣ" ва "Монадашиносӣ" ва "Теодесия" аст. Вай таълимоти Декарт ва Спинозаро дар мавриди назарияи ҷавҳарӣ интиқод ва таълимоти тозае дар ин мавридоид ба монадаҳо (воҳидҳо)- ҷавҳарҳои соддаву таҷзиянопазир, "атом ё зарроти ҳақиқии табиат" ё "унсурҳои ашё" ба вуҷуд овард. Монадаҳо абадӣ ва фанонопазиранд, онҳо ба таври табиӣ пайдо ва нест шудан наметавонанд, балки сарчашмаи илоҳӣ доранд. Ягона сифати ҷавҳарии монадаҳо бояд андеша бошад.

Лейбнитс монанди Декарт ва Спиноза фалсафаи худро бар пояи мафҳуми ҷавҳар қарор медиҳад. Ихтилоф бо он ду танҳо дар мавриди миқдори ҷавҳарҳо ва робитаи рӯҳ бо модда мебошад. Лейбнитс дар вуҷуди ҷавҳарҳои номаҳдуд муътақид аст, вай дар мантиқ илова ба ду усули тафаккури Арасту, асли таноқуз - зиддият ва ҳақиқат асли сеюм асоси кофиро дохил кард.

Монадаҳо ё воҳидҳо силсиламаротибе ташкил мекунанд, ки дар он силсила ҳар воҳиде мартабаи худро дорад. Лейбнитс ҳадди ақал се синф монадаҳоро бар асоси зинаҳои майл (appetitiones)-и онҳо ба камол ҷудошудааст, ки ба истилоҳи Мавлоно Ҷалолуддин Румӣ ҳамон зинаҳои ҷамодиву наботӣ (дар якҷоягӣ) ва ҳайвониву инсонӣ ё се нафс, нафси наботӣ, ҳайвонӣ ва муфаккираи Арасту мебошад ва ин зинаҳои майл ва камол бо зинаи инсонӣ хотима намеёбад ва дар асари камоли илоҳӣ бениҳоят аст. Ҳама монадаҳо як воҳиди ҳамоҳангӣ ягонаи табииро ташкил мекунанд ҳеҷ "ҷоне бе тан ва ҳеҷ тане бе ҷон нест"

Лейбнитс на танҳо файласуф, балки риёзидон, табиатшинос, заминшинос ва кайҳоншиноси маъруф аст, ӯ ҳамчунин муаллифи осори таърихшиносӣ ва назарияи ҳуқуқӣ буд. Дар соҳаҳои номбурда ихтирооти маъруф дорад.

**5.7. Ҷ. БЕРКЛӢ (1685-1753)** яке аз зеҳнгароёни субъективии давраи нав дар фалсафа бо интиқоди моддигарой ва инкори модда чун асоси ҷавҳари ҷисм ва назарияи И. Нютон дар бораи фазо ва инкори таълимоти Ҷ.Локк дар бораи пайдоиши модда ва фазо дохил шудааст. Вай ақида дошт, ки инсон мустақиман ҳеҷ чизеро ҷуз идеяҳояш дарёфт намекунад ва вуҷуди чизҳо вобаста ба идрок аст. Намудҳо-идеяҳо бошанд худ ба василаи як зоти ғайри ҷисмонӣ, яъне рӯҳ дарёфт мешаванд, ки қодир ба пайдоиши идеяҳо аст.

Беркли мафҳуми моддаро барои зиддиятҳояш ва беҳосил будани он барои ҷустуҷӯи маърифат рад мекунад ва тамоми хосияти чизҳоро ба зеҳн мансуб медонад ва назарияи сифоти аввалӣ ва дуввумии Ҷон Локкро низ қабул надорад.

Идеализм субъективии Берклӣ аз тарафи **Девид Юм (1711-1776)** такмил дода мешавад. Юм файласуфи шаккок ва позитивист аст. Вай ба саволи оё олам вуҷуд дорад, "намедонам", ҷавоб медод. Сабаб он аст, ки мувофиқи ақидаи ӯ, одам қудрати берун омадан аз ҳудуди эҳсосоти худ ва фаҳмидани чизе берун аз худро надорад.

Юм таҷрибаро ҷараёни селаи "таассурот" мешуморад, ки сабабаш номаълуму дастнорас аст. Юм масъалаи сабабиятро низ инкор мекунад ва онро сифр натиҷаи одат ва амри равонӣ мешуморад.

## 5.8. Фалсафаи маорифпарварӣ ва материализми метафизикии асри XVIII

Идомабахши фалсафаи асри XVII дар асри XVIII пеш аз ҳама ҳамчун маорифпарварӣ инкишоф ёфт. Осори фалсафии ин давра на танҳо ба забони лотинӣ навишта мешавад, балки боз ба забони модарии дигар халқҳои аврупой низ эҷод мешавад.

Дар қомусҳо (энсиклопедияҳо), луғатҳо, ғояҳои илмӣ ва назарҳои фалсафии ин давр хеле пешқадам зикр шудаанд. Дар асри XVIII мавқеи асосиро материализми маорифпарварии Франсуз (Дидро, Голбах, Гелветсӣ, Ламетрӣ) ташкил медиҳанд, ки ин ҷараён зидди дин ва сихоластикаи асри миёна баромад намудааст.

Жулен Ламетрӣ (1709-1761) муалифи китоби "Инсон - мошин", ки инсонро аз рӯи қонунҳои механикӣ ҳамчун мошин баррасӣ намуда, нодуруст пешниҳод менамоянд, ки омӯзиши механикии ҷисми инсон ба кушодани моҳияти ҷисм ва тафаккури фаъолияти инсон сабаб мешавад.

Яке аз намояндагони машҳури материализми Фаронсавӣ Пол Голбах (1723-1789) ба ҳисоб меравад. Китоби машҳури ӯ "Низоми табиат" кодекси материализму атеизми асри XVIII номида шудааст.

Хусусияти давраи маорифпарварӣ - ба нерӯи имконоти хиради инсон ва пешрафти илм имони комил доштанд, аз чавкоти донишгоҳу пажуишгоҳҳои илмӣ берун баромада, дастраси доираҳои ашрофону адибон гардидани донишҳои илмӣ, кӯшиш аз мавҳумоти динию "фарзияҳои" фавқултаҷрибавӣ фориғ намудан ва ба таҷриба такя намудани хирад, танқиди метафизикаи асрҳои XVI - XVII.

**Фаалсафаи асри XVIII зиддияти ду тазод:**

- "инсони фард", ки сирф манфиатҳои шахсиашро парастиш мекунад,

- "инсони кулл", ки ҳомили ақлу адолат аст, мавриди ҳаллу фасл қарор медиҳад.

Ҷавҳари тафаккури асри XVIII - ро бархӯрди шахси худбин ва инсони кулл ташкил медиҳад. Тасодуф, аз ақидаи онҳо, баёнгари манфиати шахсӣ ва зарурат қонунмандии ҳатмии равандҳои табиат ва тантанаи хираду адолат аст, тантанаи хирад бар тасодуф пирӯзии инсони кулл бар инсони фард аст. Маорифпарварони Олмон заруратро ба ҳайси мабдаи салоҳу оқили олам муарифӣ кардаанд.

Материалистони Фаронса ҳини мунозира бо дини насронӣ, ки инсонро зотан гунаҳкору манбаи тамоми бадиҳои олам медонист, собит намудаанд, ки инсон табиатан накӯст. Гелветсий эҳсосу хирадро айни як чиз номидааст. Дидро агарчӣ ба ин зид буд, боз ҳам хирадро эҳсоси муштарак низ номидааст. Материалистони фаронса ба табиатшиносӣ, ба хусус ба механика, такя мекарданд. Ба ақидаи Голбах дар олам ҷуз моддаю ҳаракат чизи дигаре вуҷуд надорад, вале ҳаракатро фақат бо ҳаракати механикӣ маҳдуд мекард.

## Пурсишномаҳои санҷишӣ

**Баъди хондани матни лексия ҳар як хонанда худро бо ин саволҳо бисанҷад.**

1. Хусусияти фалсафаи замони нав?
2. Фалсафаи Ф. Бекон?
3. Фалсафаи Декард?
4. Номинализм ва материализми Томас Гоббс?
5. Назария эҳсосгароии Ҷои Локк?
6. Фалсафаи Спиноза ва Лейбнис?

**Тестҳои санҷишӣ:**

**1. Дар кадом давраи таърихӣ фалсафа хизматгузори дин буд?**

A. Давраи Эҳё
B. Даврaи феодализм
C. Замони Нав
D. Замони Антиқа

**2. Хусусияти асосии фалсафаи замони Эҳё кадом аст?**

A. теосентризм
B. натурфалсафа
C. Космоссентризм
D. Антропосентризм.

**3.Ҷаҳонбинии Ҷорданно Бруно кадом аст?**

A. Атеизм.
B. пантеизм.
C. Деизм.
D. Космоссентризм

**4. Дар Ҷаҳонбинии фалсафии замони Эҳё чи гунна тағирот ба вуқуъ пайваст?**

A. гузариш аз офтобмарказият ба заминмарказият

B. гузариш аз асотир ба фалсафа

C. гузариш аз заминмарказият ба офтобмарказият

D. гузариш аз ғуломдорӣ ба феодализим

**5. Кадом ибора ба Френсис Бэкон мансуб аст?**

A. Дониш – қувва.

B. Дониш – таҷриба.

C. Дониш – санҷиш.

D. Табиат – комёби.

**6. Кадоме аз файласуфони Замони Нав фаҳмиши дуалистии оламро коркард намудааст?**

A. Г.Лейбнис

B. Р.Декарт

C. Спиноза

D. Д.Локк

**7. Кадоме аз ин ду равия дар назарияи маърифатии Замони Нав шаклгирӣ намудааст?**

A. Номинализм ва реализм

B. Эмпиризм ва ратсионализм

C. Ратсионализм и ирратсионализм

D. Материализм ва реализм

**8. Ин нигошта ба Кадом файласуф тааллуқ дорад: «Эмпирикҳо,ба мисли мӯрчагон танҳо ҷамъ меоранд ва ҷамъовардаро истифода менамоянд Ратсионалистон,мисоли тортанак азхуд тор метананд. Занбӯри асал маводро аз накҳати гулҳои боғ ва замин гирифта,онҳоро ба воситаи тавонони худ иваз менамояд.**

A. Ф.Бэкон

B. Д.Локк

C. Т.Гоббс

D. Б.Спиноза

**9. Спиноза мафҳуми «ОЗОДӢ»-ро чӣ гунна таъриф намудааст?**

A. Озодӣ – ин заурати шинохта шудааст.

B. Озодӣ – ин заурати мутлақ аст аз хар чизе ки набошад.

C. Озодӣ – ин мустақилияти зеҳни шахсият аз шароитҳои объективӣ аст.

D. Озодӣ – ин мустақилияти шахсият аз ҳамагуна шароитҳои объективӣ аст.

# 6. ФАЛСАФАИ КЛАСИКИИ ОЛМОН ВА ФАЛСАФАИ МАРКСИСТӢ

## 6.1. Ду равия дар фалсафаи И. Кант

Асосгузори фалсафаи класикии Олмон И. Кант (1724-1804) аз барҷастатарин файласуфони давраи нав маҳсуб аст. Метавон гуфт, ки равнақи фалсафаи Аврупой аз ӯ оғоз гардида аст.

Тамоми фалсафаи Кантро метавон ба ду давра тақсим намуд:

1) давраи тотанқидӣ;

2) давраи танқидӣ;

-Дар давраи то танқидӣ то (соли 1770) Кант ҳамчун астроном табиатшинос ва физики бузург баромад карда буд. Назарияи ин давринаи Кант дар бораи пайдоиши олам ҳамчун фарзияи космогонӣ Машҳур аст. Мазмуни мухтасари ин фарзия чунин аст, ки олам аз зарраҳои моддӣ иборат буд ва зараҳо дар макон таври бетартибона воқеъ гардида, сипас таҳти таъсири қувваи ҷозиба сӯи ҳамдигар кашида шуда, сахт мешавад.

Бо ин ақида Кант ба назари метафизикии тағирнопазирии табиат зарбаи ҷиддӣ мезанад:

- давраи дуюми фалсафаи Кантро давраи танқиди номида мумкин аст, ки дар ин давра асарҳои Кант бо номҳои "Танқиди хиради соф" (с 1781) "Танқиди хиради амалӣ" (с 1788) ба нашр расидаанд.

Кант бо вуҷуди он, ки худ ақлгаро мебошад, танқидро аз хирад оғоз мекунад, шароити зарурии маърифат дар худи хирад гузошта шудааст. Ва аз ин рӯ вай сарчашмаи муайян аст. Дар назарияи маърифат Кант ҳамчун асосгузори агноситсизм баромад намудааст.

**Агноситсизм** - ҷараёни фалсафаест, ки дар ҳақиқат донисташудани оламро инкор мекунад.

Кант оламро ба ду қисм тақсим менамояд:

**1) олами айнӣ (объективӣ)** - яъне маърифатнопазирии чизҳо дар худ (ноумен);

**2) олами маърифатпазир** - яъне "зуҳурот" ё чизҳои дар ман (феномен).

Кант дар фалсафа якчанд истилоҳот ва категорияҳои тозаро ворид кард, ки муҳимтарини онҳо "**чизҳо дар худ**" (ноумен) дар муқобила "**падида**" (феномен) ва дониши априорӣ (то таҷрибавӣ) ва "апостеорӣ" (дониши баъди таҷрибавӣ).

Кантро ақида он буд, ки мо оламро на он тавре, ки ҳаст мешиносем, балки мо оламро ба он тавре, ки ба мо зоҳир мегардад мешиносем. Аз ин рӯ байни шинохти мо ва воқеияти айнӣ тафовут вуҷуд дорад.

## 6.2. Система ва методи фалсафии Гегел

Намояндаи дигари фалсафаи класикии Олмон яке аз бузургтарин файласуфоне, ки баъд аз Арасту системаи фалсафии худро дошт **Фридрих Гегел** (1770-1839) ба ҳисоб меравад.

Маъруфатарин осори Гегел иборатанд: "Падидашиносии рӯҳ" (1807), "Илми мантиқ" (1812-1816), "Фарҳанги илмҳои фалсафӣ (1817)" "Фалсафаи ҳуқуқ" (1821); "таърихи фалсафа" (1833-1836), "зебоишиносӣ" (1835-1838), "Фалсафаи таърих" (1837), "Фалсафаи дин ё лексияҳо оид ба фалсафаи дин" (1832).

Ҷавҳари фалсафаи Гегелро мутлақгароӣ ё зеҳнгароии мутлақ (идеализми обсолютии объективӣ) ташкил медиҳад. Ба назари ӯ **ҳамаи падидаҳои табиӣ ва иҷтимоӣ аз мутлақ ба вуҷуд омадаанд, ки он ақли кулл ё рӯҳи олам**

**аст. Ин мутлак фаъол аст ва фаъолияти ӯ шомили андеша ва шинохти худист.**

Дар системаи фалсафаи Гегел мутлақ дар такомули худ чунин зинаҳоро тай кардааст:

Зинаи мантиқ - ин қисмати аввал ва муҳими системаи Гегел маҳсуб аст, ки дар марҳилаи мазкур идеяи мутлақ вуҷуди айнӣ надошта, дар шакли тафаккури холис мавҷуд аст, ки дар се сатҳи мантиқ: ҳастӣ, зот ва мафҳум вуҷуд дорад.

Такомули идеяи мутлақ дар шакли категорияҳои мантиқии муҷаррад сурат мегирад. Тафаккури холиси муҷаррад дар бораи ҳастӣ аз "ҳастии холис" оғоз мешавад, ки баробарқувва аст, ба "ҳеҷ чиз", вале он кӯшиш мекунад, мундариҷаи худро таввасути "як чиз"-и ҳастии муайян дарёбад. Як чизи муайянкунандаи мавҷуд, яъне сифат аст. Ин қисмати таълимоташро Гегел ба яке аз қонунҳои диалектика: қонуни ба ҳам гузариш тағйиротҳои миқдорию сифатӣ асоснок мекунад.

Аз фаҳмиши ҳастӣ ҳамчун зуҳурот Гегел ба фаҳмиши моҳиятӣ мегузарад. Мундариҷаи асосии ин қисматро таълимот дар бораи ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо ташкил меккунад. Ба ҳам зидҳо бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд, вале онҳо метавонанд гуногунишкишоф ва мухолиф бошанд. Гегел мухолифатҳоро дар муносибатҳои байни ҳамдигарӣ мебинад.

шакл ва мазмун;

зуҳурот ва моҳият

тасодуф ва зарурат

имконият ва воқеият

Гегел таълимоти мухолифатхоро баррасӣ намуда, ба хулосае меояд, ки ин зиддиятҳо ҳаракати дохилӣ ё

“худҳаракатӣ”-ро ба вуҷуд меоранд: ки манбаи асосии ҳама гуна тағйирот ва такомуланд.

Зарурат, ки боиси таккомулу инкишоф дар сатҳи ҳастӣ ва зот мегардад, тавассути мафҳум фаҳмида мешавад. **Зарурати даркшуда бошад - ин озодӣ аст**.

дар зинаи дуввум бошад, Гегел аз мантиқ ба фалсафаи табиат мегузарад. Дар марҳилаи мазкур идеяи мутлақ бар акси ҳолати айнии худ дар шакли ҳастии дигар - табиат медарояд. Табиат низ дар се шакл инкишоф меёбад:

- механикӣ;
- кимиёвӣ;
- организмӣ (андомӣ).

**Системаи фалсафии Гегел**

| Мантиқ (идея дар худ, идея чун логос) | Фалсафаи табиат (табиат - бегонашавии идея аз худ) | Фалсафаи р.ҳ (Рӯҳ, чун идея бозгарданда ба худ) |
|---|---|---|
| 1. Ҳастӣ<br>2. Моҳият<br>3. Мафҳум | 1. Механикӣ<br>2. Кимиёвӣ<br>3. Организм | 1.Рӯҳи субъективӣ<br>2. Рӯҳи объективӣ<br>3. Рӯҳи мутлақ |

Дар ин ҷо Гегел баъзе аз алоқамандиҳои табиати зинда ва ғайризиндаро баррасӣ менамояд.

Зинаи саввуми инкишофи идеяи мутлак дар шакли “фалсафаи рӯх” ошкор мешавад. Рӯҳ низ се марҳилаи инкишоф дорад:

- рӯҳи субъективӣ (зеҳнӣ) - ҷон, рӯх дар худ, шуур;
- рӯҳи объективӣ (айнӣ) - доираи ҳуқуқ ва ахлоқ;

- рӯҳи мутлақ - ин ҳақиқати воқеияти абадӣ.

Рӯҳи мутлақ низ дар навбати худ се зинаи инкишофро тай мекунад:

- **санъат** - шакли шинохти бевоситаи идеяи мутлақ;
- **дин** - шакли ошкоркунии Худо:
- **фалсафа** - зинаи олии инкишофи рӯҳи мутлақ, пурра ошкор шудани ҳақиқатҳое, ки дар мундариҷаи санъату дин будаанд.

Дар марҳилаи фалсафа идея боз худро мешиносад. **Фалсафа ба назари Гегел тафаккури фишурдаи олам аст. Олам бошад, ин идеяи мутлақ аст.**

Дар зинаи охирин, яъне дар фалсафа инкишофи идеяи мутлақ ба ноён мерасад.

Ин аст системаи фалсафии Гегел, ки дар шакли пурраащ мантиқ ва фалсафаи табиат, антропология (инсоншиносӣ) ва равоншиносӣ, фалсафаи ҳуқуқ ва ахлоқ, фалсафаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, фалсафаи дин ва зебоишиносӣ, таърихи фалсафа ва фалсафаро фаро мегирад.

Диалектикаю методи диалектикиро бори аввал дар таърихи фалсафа Гегел ҳамаҷониба таҳлилу таъриф намуда, қонунҳои асосии фалсафаро кашф намудааст. Нуқтаи асосии тамоми **мантиқи Гегелро таълимот дар бораи зиддият ташкил медиҳад**, ки механизми инкишофро тавасути се қонун нишон додааст. Гузариш аз миқдор ба сифат ва аз сифат ба миқдор, ягонагӣ ва муборизаи зидҳо, инкори инкор.

Ба ақидаи ӯ зиддияту муборизаи зидҳо пояи бунёди зиндагии инкишофро ташкил медиҳад. Дар хилофи методи диалектикиаш низоми фалсафии Гегел дорои аввалу охир буда, аз мутлақ оғоз шуда, боз ба рӯҳи мутлақ ба анҷом мерасад, яъне дар як доираи сарбаста сурат дорад.

## 6.3. Фалсафаи антропологии Фейрбах.

Намояндаи дигари фалсафаи классикии Олмон ба гуфтаи Маркс ҷамъбасткунандаи фалсафаи классикии Олмон **Ю. Фейрбах** (1804-72) мебошад. Фербах аввалин файласуфест, ки низом ва методи **фалсафаи Гегелро** зери танқид гирифта, онро бо **теология** як донист. Фербах қатъиян ба муқобили идеализми Гегел баромад карда, дар асараш «Моҳияти динни насронӣ» тантанаи материализмро эълон менамояд.

**Ба назари Фербах табиат асосест, ки мо одамон маҳсули табиатем ва дар ҳамин асос ба вуҷуд омадаем. Берун аз табиат ва одам ҳеҷ чиз вуҷуд надорад, яъне ба назари ӯ худо ва дин танҳо дар магзи инсон вуҷуд доранду бас.**

Чунин аст моҳияти материализми Фербах. Тафовути материализми ӯ аз материалистони Фаронса он аст, ки дар маркази фалсафаш материя не, балки инсон қарор мегирад. Аз ин рӯ материализми ӯро материализми антропологӣ меноманд. Табиати инсонро Фербах аз диди биологӣ шарҳ медиҳад.

**Пурсишномаҳои санҷишӣ:**

**Баъди хондани матни лексия ҳар як хонанда худро бо ин саволҳо бисанҷад.**

1. Фалсафаи Имануэл Кант.
2. Низом ва методи фалсафаи Гегел.
3. Фалсафаи антропологии Фейербах.
4. «Чизҳои дар худ»-и Имануэл Кантро тавсиф диҳед
5. «Чизҳои дар ман»- яъне чӣ?
6. Агноситсизмро таъриф диҳед.
7. Чаро фалсафаи Фейрбахро фалсафаи антропологӣ меноманд?

**Тестҳои санҷишӣ:**

***1. Энгелс менависад, ки Фейербах идеализми геселро танқид намуда «ҳаморорҳи об кӯдакро аз ванна берун овардааст». Фейербах чиро дар таълимоти Гегел арзёбӣ карда натавонистааст?***

A. Диалектика

B. Таълимот дар бораи ҳастӣ

C. Таълимот дар бораи давлат.

D. Таълимот дар бораи ахлоқ

***2. Кадоме аз таълифоти зер ба Л.Фейербах таалуқ дорад?***

A. Феноменологияи рӯх

B. Танқиди хиради амалӣ

C. Моҳияти насроният

D. Танқиди хиради соф

**3. «Танқиди хиради соф» - ин китоб ба кӣ тааллуқ дорад :**

A. Арасту

B. Кант

C. Гегел

D. Ҳайдегер

***4. «Донишҳои априорӣ» дар фалсафаи И.Кант чӣ маънӣ дорад?***

A. Донишҳои аз таҷриба бавучудомада

B. Донишҳои аз китоб гирифташуда

C. Донишҳои тотаҷрибавӣ

D. Донишҳои фитрӣ

**5. Дар кадоме аз қисмати низоми фалсафии Гегел « идеяи мутлақ» ҳамчун «ноҳудогоҳии идея» баррасӣ шудааст?**

A. Мантиқ

B. Фалсафаи табиат

C. Фалсафаи рӯҳ

D.Рӯҳи мутлақ

# 7. ФАЛСАФАИ МАРКСИСТӢ

## 7.1. Заминаҳои ба вуҷудоии фалсафаи Марксистӣ

Фалсафаи Марксистӣ - материализми диалектикӣ аст, ки аз тарафи Карл Маркс ва Фридрих Энгелс бунёд шудааст. Шаклгирии материализми диалектикӣ аз охирҳои солҳои 50 уми асри XIX ооз шуда, то солҳои 90-уми асри мазкур идома ёфтааст.

Ҷиҳати иктисодию иҷтимоии бавуҷудоии фалсафаи нав дар он буд, ки болоравии инкишофи муносибатҳои капиталистӣ боиси пуршиддат шудани зиддияти коргарону капиталистон гардида буд. Афзӯдани сафи бекорон, якбора бад шудани аҳволи коргарон, субъекти нави раванди таърихӣ пролетариатро ба вуҷуд овард. Ин гурӯҳ барои ба даст овардани ҳукукҳои иктисодӣ, ичтимоӣ ва сиёсӣ мубориза мебурданд. Аз ин рӯ ҷомеа эҳтиёҷ ба фалсафаи наве, ки тавонад раванди минбаъдаи инкишофи капиталистиро нишон диҳад, дошт.

Фалсафа ҳамеша ба инкишофи илмҳои табиӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Дар миёнаи асри XIX як катор кашфиётҳое ба вуҷуд омаданд, ки хислати диалектикии равандҳои табииро баррасӣ менамуданд. Аз ҷумла кашфи ягонагии ҳучайра дар низомҳои зинда аз тарафи биологҳои олмонӣ Т. Шван ва М. Шлейдон кашфи конуни бакои Энергия аз ҷониби физикдони Англис Ҷеймсон Ҷоулен ва донишмандони Олмонӣ, Майсрону Гелёмголтсем, ки исботгари аз байн нарафтани энергия аз як шакл ба шакли дигар гузаштани он буд. Дар ҳамин давр назарияи таҳаввулоти олами зиндаи Ч.Дарвин низ ба миён омадааст. Ҳамаи кашфиётҳои зикршуда, сабаби ба вуҷудоии фаҳмиши нави диалектикии вокеияти айнӣ шудаанд, зеро инҳо собит намудаанд, ки предмету

ходисахои олам робитаи байни хамдигарӣ дошта, хамеша дар холи инкишофанд.

Манбаи назарявии материализми диалектикӣ бошад, фалсафаи антиқа, идеяхои фалсафаи замони эҳёву маорифпарварӣ ва манбаи бевоситаи фалсафии он фалсафаи классикии Олмон махсуб аст. Махсусан коркарди нави диалектикаи Гегелу материализми Фейрбах ва аз хар дуи онхо хосил кардани материализми диалектикӣ қобили қайд аст.

## 7.2. К. Маркс ва Ф. Энгелс бунёдгузорони материализми диалектикӣ

Саравввал Карл Маркс ва Фридрих Энгелс ба татбиқи қоидахои диалектика, ки дар низоми идеалистии фалсафаи Гегел баррасӣ шуда буд, пардохтанд ва мутобиқоти онхоро дар табиат ва ҷамъият таваҷҷӯх намудаанд. Дар ин бора Гегел дар асархояш "Анти Дюринг" ва "Диалектикаи фалсафа" муфассал маълумот медихад ва татбиқи онхоро дар табиати зиндаю ғайризинда, инчунин дар инкишофи ҷамъияту равандхои маънавӣ мавриди баррасӣ қарор медихад. Маркс ва Энгелс тасдиқ менамоянд, ки олами моддӣ хамеша дар холи харакату инкишоф буда, ин ба мубориззаи зиддхо марбут аст, ки дар хамаи падидахои табиию иҷтимоӣ хос аст, аммо ба тарзи механикие, ки Нютон ва хамзамононаш пешниход намудаанд, ғайриимкон аст.

Харакат дар таълимоти Энгелс шаклхои мухталифро дорост, ки хар навъе аз он қонунхои хоси худро доранд (ходисахои хаётӣ ё муносибатхои иҷтимоиро наметавон тавассути конунхои механикӣ баррасӣ намуд). Мавзӯи марказӣ ва ғояи асосии фалсафаи Маркс, идеяи фахмиши материалистии таърихро, яъне ҷамъиятро дар бар мегирад.

Навъҳои дигари материализм дар фаҳмиши ҷамъият дар мавқеи идеализм бозмонда будаанд, зеро онҳо нақши шахсиятҳоро дар инкишофи таърих бартарӣ медоданд. Фаҳмиши материалистии таърихӣ нақши инсонҳоро дар ҷомеа инкор намекунанд. Маркс чунин менависад, **"инсонҳо таърихро худ месозанд, аммо вазъиятҳо аз онҳо вобаста нест".**

Дар муқаддимаи "Танқиди (нақд) иқтисоди сиёсӣ" Маркс як қатор мафҳумҳои фалсафию сотсиологиро (қувваҳои истеҳсолкунанда, муносибатҳои истеҳсолӣ, базис надстройка) зикр карда, тавассути онҳо исбот менамоянд, ки **шуури одамон ҳастиро муайян намекунад, балки ҳастии ҷамъиятӣ муаянкунандаи шуури онҳо** аст. Истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҳам истеҳсоли моддӣ ва ҳам истеҳсоли маънавиро (истеҳсоли шаклҳои гуногуни шуури ҷамъиятиро дар бар мегирад. Истеҳсолоти моддӣ муайнкунандаи тарзи зиндагӣ, тарзи тафаккури ин ё он давраи таърихӣ (фарматсияи иқтисодию иҷтимоӣ) аст.

Дар бахши маърифати материализми диалектикӣ Маркс ва Энгелс категорияи нав - мафҳуми амалияро истифода намудаанд. Амалия дар фаҳмиши онҳо ба ҳайси сифати асосии маърифат ва меъёри (критерияи) ҳақиқат, дониста мешавад, Онҳо муътакиданд, ки маърифати олам ҳангоми фаъолияти кӯшишноки одам барои донистани воқеияти ҳастӣ ба амал меояд.

Материализми диалектикӣ ҷаҳонбинӣ ва методологияи Марксизм буда - таълимоти фалсафӣ ва иқтисодию иҷтимоиест, ки нақши муҳиме дар асри XX- и зиндагии башар доштааст.

## 7.3. Материализми диалектики чун қисми таркибии Марксизм

Сохтори материализми диалектикӣ бо фаҳмиши материалистии таърих робитаи ногусастанӣ дорад. Он тасдиқ менамояд, ки муносибатҳои иқтисодию истеҳсолӣ нақши асосиро дар инкишофи ҷамъият мебозанд. Аз ин рӯ, Маркс тамоми нерӯи эҷодии худро барои омӯзиши ҷиҳати моддии ҷомеа, яъне иқтисод ва нуфӯзу таъсири он ба сиёсат ва маънавиёти ҳаёти иҷтимоӣ равона кардааст. То рӯзҳои охирини зиндагии худ Маркс рӯи таълифоти асосиаш "Капитал" кор кард. Охирин мақсади эҷодии ман гуфта буд, Маркс дар муқаддимаи "Капитал" ин ошкор намудани қонунияти инкишофи ҷамъияти муосир аст. Дар замони зиндагиаш танҳо ҷилди аввали "Капитал" ба нашр расид ва ҷилдҳои дуввуму саввум аз тарафи Энгелс ба поён расидаанд.

**Пурсишномаҳои санҷишӣ**

**Баъди хондани матни лексия ҳар як хонанда худро бо ин саволҳо бисанҷад.**

1. Заминаҳои ба вуҷудоии фалсафаи Марксистӣ кадомҳоянд ?
2. Чаро К. Маркс ва Ф. Энгелсро бунёдгузорони материализми диалектикӣ мегуянд.

**Тести санҷишӣ**

**1. Фалсафаи марксистӣ – ин:**

A. прагматизм

B. материализми диалектикӣ

C. Позитивизм

D. Ирратсионализм

**2. Кадоме аз категорияҳои зерро К.Маркс ва Ф.Энгелс бафалсафа ворид намудаид?**

A.Шуур ва зеҳн

B. материя, ҳастӣ

C. форматсияҳои иқтисодӣ-ҷамъиятӣ, амалия

D. Ҳақиқат, иштибоҳ

**3. Тавассути кадом идея Маркс ва Энгелс тавонистанд «материализмро то қуллааш созанд»?**

A. идеяи мутлақ

B. идеяи фаҳмиши материалистии таърих

C. идеяи тавлидшуда

D. идеяи хиради соф

**4. К.Маркс дар 11-ум тезис оид ба Фейербах чӣ навиштааст?**

A. Инсон барои Фейербах танҳо моҳияти табиӣ дорад

B. Шуури одамон муянкунандаи ҳастиашон нест, баракс ҳастии ҷамъиятиашон муайянкунандаи шуурашон аст

C. Файласуфон то ҳол оламро баён кардаанд,масъала он аст, ки оламро бояд дигар кард

D. Инсон барои Фейербах танҳо моҳияти биологӣ дорад

**5. Базис дар таълимоти К.Маркс – ин:**

A. Қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа

B. Муносибатҳои истеҳсолӣ

C. идеяи илмӣ

D. Олоти меҳнат

# 8.ТАФАККУРИ ФАЛСАФАИ МУОСИР
## Фалсафаи охири асри XIX ва асри XX

8.1. Давраи мазкур яке аз муҳимтарн давраҳои рушди фалсафа мебошад. Бо оғози ин давра марҳилаи Классикии муосир огоз мешавад, ки аз нигоҳи равиши фалсафӣ хело гуногунранг бада, инъикоскунандаи гуногунии ҳаводиси ин давра мебошад. Дар ташаккули рӯҳияи ин давра, ҳодисоти бузург аз қабили таҳаввулоти инқилобҳои иҷтимоӣ - сиёсӣ (махсусан инқилоби сосиалистии соли 1917 дар Россия) ҷангҳо (1914-18; 1939-45), кашфиётҳои бузург дар соҳаи илмҳои дақиқ: кашфи назари Квантӣ, назарияи нисбияти Эйнштейн, фатҳи кайҳон, инқилоби илмию техникӣ ва инқилоби иттилоотӣ таъсири амиқи худро гузоштаанд.

Муҳимтарин мактабҳои фалсафии ин давра инҳоянд:

ирратсионализм (ақлнобоварӣ); (Артур Шопенҳауер);

фалсафаи ҳаёт (С. Киэркегор, Ф. Нитсше);

позитивизм ва неопозитивизм (Огюст Конт, Б. Расел, А Витгейнштейн);

фалсафаи вуҷуд - экзестентсиализм. (Р. Ҳайдегер, Карл Ясперс, Жон Пол Сартр);

марксизм ва неомарксизм ( Маркс, Энгелс, Ленин, Плеханов, Маркузе, В.Райх, Хабермас)

фалсафаи прагматизм (Пирс Чарлз, У. Ҷеймс, Ҷон Дюӣ);

инсоншиносии фалсафӣ (М.Шеллер, П. Тейярд де Шарден);

падидашиносӣ - феноменология. (Гуселяр Эдуардо);

структуриализм (Леви-строс);

ратсионализми эътиқодӣ (Попер);

**8.2. Иратсионализм.** Метавон гуфт, ки фалсафаи баъд аз классики Аврупо ба фалсафаи аклнобовар (ирратсионализм) -и Артур Шопенҳауэр (1788-1860) оғоз мешавад. Аклнобоварӣ аз ҷумлаи ҷараёнҳои гуногуни фалсафиест, ки мақому манзилати ақлро дар баробари қувваи ғайриақлӣ, масалан, ирода ва хостҳо паст мезананд.

Дар ташаккули афкори Шопенхауэр фалсафаи буддоия ба равшанӣ мушоҳида мешавад ва худи ӯ низ онро эътироф дошт. **Шопенҳауэр мисли Буддо ҳастиро иборат аз ранҷу азоб ва бадбахтӣ медонад.** Шопенҳауэр баъд аз Буддо дуввумин файласуфест, ки иродаро омили ранҷ медонад.

**Сёрен Киеркегор** (1813-1855) яке аз намояндагони фалсафаи хаёт мебошад. Фалсафаи ҳаёти Киеркегорро яке **аз кӯшишҳои коркарди фалсафаи инсонгарой бояд шуморид. Файласуфон, мегуфт Киеркегор, болотар аз ҳама куллиёт, рӯҳ: модда, Худо, рушд, ҳақиқатро меҷӯянд ва бо ҳамин усулҳои умумӣ мекӯшанд инсони воқеиро ба ҳастии берун аз фардияти ӯ тобеъ кунанд.** Инсон дар ин олам таку танҳо ва бечора аст. Ин танҳоӣ ва бечорагии инсон дар фалсафаи ӯ бо дохил гардидани Худо ҷуброн мешавад.

Фридрих Нитсше (1844-1900) яке аз намояндаи маъруфи фалсафаи ҳаёт ва ирратсионализм мебошад. Нитсше дар масъалаи маърифат пайрави Шопенҳауэр мебошад. Вай низ ирода - **иродаро ба қудратталабӣ асоси ҳастии олам мешуморад**.

**8.3.. Позитивизм** аз калимаи лотинӣ мусбат гирифта шуда, ҷараёни фалсафиест, ки ҳанӯз солҳои 30-уми асри XIX дар Фаронса ба вуҷуд омадааст. Дар маркази диққати позитивистон масъалаи муносибати фалсафа ва илм буд.

Асосгузори позитивзм файласуф ва ҷомеашиноси фаронсавӣ Огюст Конт (1798-1857) буд. Конт дар аввал аз наздикон - котиби сотсиалисти хаёлӣ Сен Симон буд. О.Конт дар маъруфтарин асари худ "Давраи фалсафаи мусбат" менависад, ки инсоният дар сайри таърихии маънавии худ се давраи такомулро пушти сар кардааст:

**1. Давраи тафаккури раббонӣ (илоҳиёт);**

**2. Давраи тафаккури фалсафӣ;**

**3. Давраи тафаккури илмӣ.**

Конт ин се давраи таҳаввули тафаккури одамиро зинаҳои **туфулият (илоҳиёт), ҷавонӣ (фалсафа) ва балоғат (илм) мешуморид.**

**8.4. Прагматизм** ё фалсафаи амал дар Амрико ба вуҷуд омада, асосгузори он Вилям Ҷемс ва Ҷон Деюй (1842-1910) мебошанд. Ин фалсафаи судҷӯӣ дар воқеъ инъикоси рӯҳияи мардуми судҷӯи Амрико мебошад. **Яъне ҳар чӣ дар зиндагии мо ба маънои васеъи он муфид бошад ҳақиқат аст. Бар хилофи марксизм онҳо дар исботи зарурати вуҷуди Худо мегӯянд, ки Худо ҳақиқат аст, зеро имон ба мо нерӯ ва қудрат мебахшад.**

**8.5. Экзистентсиализм** (аз калимаи экзистен - вуҷуд) ба маънии асолати вуҷуд ва ё фалсафаи вуҷудӣ аст. Асоси ин мактабро таққадуми вуҷуд бар моҳият, озодӣ ва фардият ташкил мекунад.

*Такаддуми вуҷуд бар моҳият.* Ин фалсафа аз навъи фалсафаи инсонгароӣ (одамият) мебошад. Дар он вуҷудшиносӣ ё аниқтараш ҳастишиносӣ бо инсоншиносӣ оғоз мегардад. Масъалаҳое, ки дар мавриди такаддуми вуҷуд бар моҳият гуфта мешавад, марбут ба инсон аст. ***Фаъолиятҳои инсон, фикр карданӣ вай ҳама бунёд бар як***

*асл доранд, ки он мавҷудияти мавҷуде ҳаёт, ки аз вуҷуди худ огоҳ аст.* Бинобар ин одамӣ ибтидо аст ва он гоҳ моҳияташро худаш эҷод мекунад. Сохта шудани одамӣ дар зимни мубориза ва таҳаммули сахтӣ ва машаққат ба дасти худ сурат мегирад. Инсон бар хилофи мавҷудоти дигар ҳамеша дар ҳоли шудан аст. Ин мактаб бурҳони "кугито"-и Декарт "Ман фикр мекунам пас ҳастам"-ро мавриди интиқоди мантиқӣ қарор медиҳад, зеро ба маҳзи ин ки инсон бигуяд (Ман) вуҷудӣ худро мусалламан фарз кардааст. "Ман" ибтидои мавчуд аст ва то "Ман" набошад фикр, кардан таҳаққук пайдо намекунад. Бинобар ин вуҷуд, яъне (Ман)" муқаддам бар ҳар гуна фаъолияте аст ва ин моҳияти инсон аст, ки мутаваққиф бар вуҷуд мебошад,

2-*Озодӣ дар ин* равия барои фард авлавияти фаровон дорад ва инсонро зотан озод мепиндорад. Фард дар миёни чизҳои дигар шахсияти худро аз даст намедиҳад ва низ фард аз ҳастии хештан огоҳ, аст ва нисбат ба таъйини моҳияти худ тасмим мегирад, ба дин ҷиҳат одамӣ аз озодии мутлақ бархӯрдор аст ва ҳамвора бо ин озодӣ масъулият низ вуҷуд дорад.

*Фардият.* **Одамияти инсон он вақт маҳфуз мемонад, ки фардияти худро аз даст надиҳад.** Бо ин ки инсон мавҷуди ҳастӣ ва *ҷузъе* аз ҳастии ин ҷаҳон аст, вале дар ҷаҳон-ҳастӣ мустақил намешавад, ҳамчун фард узве аз ҷомеа аст, аммо истиқлол ва фардияти худро, дар ҷомеа аз даст намедиҳад.

**8.6.** ***Фалсафаи Россия бештар характери динӣ -*** *мистикӣ дошт (намояндагонаш В.Соловёв ва Н.Бердяев)* файласуфони материалист ба маркизм пайравӣ менамоянд;

-фалсафаи рус дар ин давра бо фарҳанги ватанашон бахусус ба адабиёти он робитаи зич дошт.

Фалсафаи рус, ки дар ду даҳсолаи аввали асри XX таҳти таъсири фалсафаи марксизм қарор надошт, мебоист роҳи оянцаашро интихоб намояд. Аз ғарб ба Россия неокантчигӣ, неогегелчигӣ, фалсафаи ҳаёт таъсир доштанд. Вале файласуфони рус мекӯшиданд, то ҷабҳаи инсонгароии ин ҷараёнҳои фалсафиро инкишоф диҳанд.

Равияи дигаре, ки дар таҳти таъсири табиатшиносӣ ташаккул ёфтааст, космизми рус мебошад. Масъалаи ягонагии инсону коинот ва табиати коинотии инсон мавриди таҳлили ин ҷараён қарор мегирад.

Дар муқоиса бо тамаддун ва фарҳангҳои дигар, фарҳанг ва тамаддуни русҳо аз ҷавонтарин навъи тамаддун чӣ дар Ғарб ва чӣ дар Шарқ аст. Чун давраи баркамоли он аз нимаҳои дуввуми асри XVIII мелодӣ оғоз мешавад. Давраи пайдоиши фалсафа ба маънии имрӯзаи он дар Руссия ибтидои асри XIX мебошад. Дар ин давра дар Москва маҳфилҳои фалсафӣ ба вуҷуд меоянд, ки дар он мутафаккирони зиёде иштирок намуданд, аз ҷумла: В.Ф.Одевский, П.Я.Чадаев ва дигарон.

Ибтидои асри XX бо зуҳури фалсафаи муназзам ё системанок фарқ мекунад. Дар ин давра русҳо бар пояи фалсафаи классикӣ наздик шуда, муҳимтарин мавзӯъҳои метафизикӣ: маърифатшиносӣ, инсоншиносӣ ва зебошиносӣ - ро мавриди тадқиқи фалсафӣ ва фалсафидан қарор додаанд. Дар ин самт мақоми В.Л. Соловёв ва Н.Ф.Федоров бузург аст. Муҳим он ки фалсафа дар ин давра мақоми хеле баландеро дар доираи илмҳо доро буд.

**8.7. Донистани таърихи фалсафаи муосири худй** низ хеле мухим аст. Охирин намояндаи фалсафаи точик дар охири асри XIX Ахмад Махдуми Дониш буд. Махдуми Дониш аввалин мутафаккири маорифпарвар буд. Аз маъруфтарин осори ӯ "Наводирул - вакоеъ" ва "Нақзуладён" мебошад. **Доираи матолиб ва мавзӯоти фалсафию мазхабии Ахмади Донишро, пеш аз хама, мавзӯи доги он рӯз - чустучӯи роххои берун кашидани мардуми мусалмон, умуман ва хосатан, мардуми аморати Бухоро аз ақибмондагӣ ва чахолат ташкил мекард.**

Харчанд фалсафа ва рушди он дар тамоми чумхурихои собиқ шуравӣ барои заминасозӣ ба идеология - мафкураи коммунистӣ ва интишорӣ фалсафаи марксистӣ - ленинӣ зарур буд, аммо он чун аввалин воситаи огохӣ аз фалсафа ва макотиби мухталифи он барои рушди минбаъда хамчун замина хизмат намуд.

Пас аз ин арзёбии мухтасаре бояд гуфт, ки ташаккули фалсафаи муосир дар Точикистон аз солхои 40-50 огоз гардида буд. Аввалин симои намоёни фалсафаи точик дар ин давра Бохоутдинов Алоутдин Махмудович (1911-1970) мутаваллиди шахри Самаркад буд, ки аз соли 1934 ба Точикистон омада, то охири умр барои равнаки илму фарханги точик, алахусус фалсафаи точик хидмат кардааст. Аввалин, тадкики илмии Бохоутдинов А.М. оид ба фалсафа дар мавзӯи "*Ақидахои фалсафи Ибнӣ Сино дар китоби Донишнома*" буда, пас аз ин солхои 1949-1950 ӯ яке аз тадкикотхои фундаменталии худ " *Аз таърихи афкори ичтимоию сиёсии халқи Точик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX*" -ро анчом дод. Барчастатарин тадкикот ва натичахои баррасихои илмии ӯ дар "*Очеркхои таърихи фалсафаи Точик*" инъикос шудаанд. Ин китоб вокеан аввалин баррасии илми- фалсафӣ мебошад,

ки дар он фалсафаи таърихи фалсафаи тоҷик; пайдоиш, таҳаввул ва такомул, бархӯрдҳои мафкуравии равишҳо ва мактабҳои гуногуни он ва ҳамчнин асоси таълимоти зардуштия,- зарвония, маздакия, моншоия, Форобӣ, Ибни Сино, Умари Хайём, фалсафаи исмоилия, Носири Хисрав, мактабҳои каломӣ, тасаввуф ва намояндагони маъруфи он Ғазолӣ, Саноӣ, Ҷалолуддин Румӣ ва дигарон тадқиқу баррасӣ шудааст.

Баҳоутдинов А.М дар ин муддат тавонист дар атрофи худ мактаби фалсафии тоҷик ва як зумра файласуфони намоёни тоҷикро ба вуҷуд орад, ки *М. Болтаев, М. Диноршоев, Г. Ашуров, М. Р. Раҷабов, К. Олимов* аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Муҳимтарин соҳаҳои илмҳои фалсафӣ, ки *дар солҳои 60-80* -уми асри XX мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд; мантиқ ва таърихи он, таърихи фалсафа бо таваҷҷӯҳи бештар ба фалсафаи Ибни Сино ва Аҳмади Дониш буд. Корҳои Бохоутдинов А.М оид ба фалсафаи Ибни Сино, М. Болтаев оид ба мантиқи Ибни Сино ва Диноршоев М. оид ба натурфилософия- фалсафаи табиати Ибни Сино, Султонон У. оид ба таълимоти фалсафӣ- иҷтимоӣ ва ахлоқии Ибни Сино ва дигарон заминаи пайдоиши мактаби *синошиносии* мустаҳкаме дар ҷумҳурӣ гардид.

Нимаи дуюми асри XX, дар Тоҷикистон як қатор корҳои хеле ҷолибе, дар атрофи *масъалаҳои фалсафии табиатшиносии муосир* аз тарафи барҷастатарин файласуфони табиатшиноси тоҷик *С.Умаров, М.С. Осимов, А. Турсунов, С.Б. Марочник* ва дигарон анҷом дода шуданд, ки чунин тадқиқот, дар таърихи фалсафаи тоҷик бесобиқа буданд.

Дар ин солҳо ҳамчунин такомули омӯхтани таърихи *фалсафаи тоҷик, алахусус тасаввуф ва тасаввуфшиносӣ* (

Рачабов М.. Одилов Н.Ф., Олимов К.О., Мухаммадхочаев А., Ҳазраткулов М., Зиёев Х.М., Зиёев И.Г. Идибеков Н., Исматов Б., Рахматуллоев Н., Исоев М., Султонзода М, Беков (Бекзода) К, Қодиров К., К.Саидов -Саидиён И.А., Одинаев Я.К, Шамолов А.А., Содикова Н., Диноршоева З. Махмаджонова М.Т.) *онтология ва гносеология* (Ғаффорова М.) *исмоилияшиносӣ* ( Додхудоев Х.Д., Арабзода Н., Назариев Р.), *мантиқшиносӣ* (М. Болтаев, Шамсидинов, Сайфуллоев Н.), таърихи таҳмили *атеизм дар Тоҷикистон* (Бозоров О.Б., Мачидов Р. М., Ахмедов С.А.), *инсоншиносӣ* (Наврӯзов С.Н., Муҳаммад Алӣ М.), *ахлоқ, фалсафаи санъат ва* эстетика(Мирбобоев А., Элбоев Х ,Э., Раҳимов С) *фалсафаи дин, диншиносӣ ва исломшиносӣ* (Ш. Абдуллозода; Давлатов М.), *фалсафаи иҷтимоӣ ва ҷомеашиносӣ* ( Шарипов И.Ш., Наврузов С.Н., Самиев А.Ҳ., Рахимов А., Шоисматуллоев Ш, Вазиров З., Нуриддинов С, Расулов Қ., Гиёев К., Иддиев Х., Шоазимов П.), *таҳия ва нашри осори фалсафӣ* ( Сулаймонов С, Исоев М., Саидов -Саидиён И.А.) пешравии назаррас дошт ва дорад. Файласуфоне, ки дар ин ҷо номбурда шудаанд ҳама дорой китобу рисолаҳои илмӣ ва мақолаҳои зиёде мебошанд, ки шумо метавонед аз каталогҳои китобхонаи миллӣ пайдо кунед.

Агар барҷастатарин файласуфони моро дар нимаи дуюми асри гузашта ва имрӯз ёд кунем дар навбати аввал, *Боҳоутдинов А.М., М. С. Осимов., А. Турсунов(Турсонзод), М. Диноршоев, Х Додхудоев мебошанд. Дар ин радиф алалхусус корҳои Акбари Турсонзод, ҳам дар мавриди шинохти фалсафаи фарҳанги аҷам ва ҳам фалсафаи кайҳон ва усули кайҳоншиносӣ, нотоакрор ва беназир аст.*

Имрӯз файласуфони мо дар атрофи масъалаҳои гуногуни соҳаҳои дар боло номбурдаи фалсафа фаъолияти илмӣ ва тадқиқот мебаранд ва нақши хеле барҷастаи фарҳангӣ дар ҷомеа мебозанд.

Фалсафа дар тӯли дуҳазору панҷсад соли мавҷудияти худ чунин навъҳои тафаккурро дар ҳар давраи таърихӣ пуштисар намудааст:

космосентризм (кайҳонмарказият) - дар давраи антика;

теосентризм (худомарказият) - дар асрҳои миёна;

антропосентризм (инсонмарказият) - дар фалсафаи замони Эҳё;

наукосентризм (илммарказият) - дар фалсафаи замони нав;

атеизми моҷарой (илҳоди моҷарой) - дар фалсафаи маорифпарварӣ:

маърифати идеалистӣ - дар фалсафаи Кант ва Гегел;

материализми антропологӣ - дар фалсафаи Фейрбах;

материализми диалектикӣ - дар фалсафаи Маркс ва Энгелс.

плюрализм (касратгарой,чандгарой) - дар фалсафаи асри XX.

Фалсафаи ҳамчун худшиносии иҷтимоӣ дар шаклҳои зерин ташаккул ёфтааст:

- онтологизм (ҳастигарой);
- генеосеологизм (маърифатгарой);
- методологизм (равишгарой).

Замони мавҷудият ва ташаккули **онтолгизм даврai атиқа ва асри миёна аст, ки мундариҷаи донишҳои инсонро аз сохти олами беруна, аз ҳастӣ вобаста медонад. Генесоологизм шакли худшиносии фалсафа ва илмаст, ки аз замони ба вуҷуд омадани гипотизаи донишҳои инсонӣ**

**натанҳо аз таркиби олами беруна вобастааст, балки аз сохти психикаи инсон ва сохти ақли инсон вобастааст.**

**Шакли саввуми худшиносии фалсафа методологизм (равишгарой) ҳаст, ки аз миёнаи қарни XIX тавлид ёфта, ба дарки ин нуқта, ки фалсафа нафақат методи умумии маърифат аст, балки созандаи табиат, ҷомеа ва худи инсон аст, ташаккул ёфтааст.**

**Пурсишномаҳои санҷишӣ;**

**Баъди хондани матни лексия ҳар як хонанда худро бо ин саволҳо бисанҷад.**

3. Ҷараёнҳои фалсафаи охири асри XIX ва асри XX кадомҳоянд?
4. Иратсионализм чӣ ҷараён аст?
5. Позитивизм чӣ ҷараён аст?
6. Прагматизм чӣ ҷараён аст?
7. Экзистентсиализм чӣ ҷараён аст?

**Тестҳои санҷишӣ:**

***1. Кадом идея ба тарзи ҳамешагӣ дар фалсафаи динии рус дида мешавад?***

A. Москва – Рими саввум

B. Идеяи худошиносии калисои русӣ

C. Идеяи мутлақ

D. зидди ғарбгароӣ

***2. Славянофилҳо киҳо буданд?***

A. Онҳо идеяи « сотсиализми рус»-ро ба миён гузоштанд

B. Онҳо гароиши калисоро ба материализим танқид намуданд

C. Онҳо чунин меҳисобиданд, ки ғарбгароӣ ва ислоҳоти пётерӣ ба тарзи зиндагии русӣ таъсири манфӣ мерасонад.

D. Онҳо ақида доштанд калисо асоси иҷтимоӣ аст.

***3. Дар таълимоти Н.Федоров асоси ахлоқ чӣ шинохта шудааст***

A. Муҳаббат ба Худо

B. Тарс аз ҷазои Худо

C. Масъулияти байниҳамдигарии наслҳо – «фарзандон ва падарон»

D. Эҳтироми тарафайн

***4. Кадоме аз равияҳои фалсафии асри XX ба ирратсионализм мансубанд?***

A. Неогегелчигӣ

B. Позитивизм

C. Фалсафаи ҳаёт, Экзистентсиализм

D. Марксизм

***5. З.Фрейд асосгузори кадом мактаби фалсафӣ аст?***

A. Позитивизм

B. Ратсионализм

C. Фалсафаи психоаналитикӣ

D. Экзистентсиализм

***6. Карл Юнг кадом истилоҳро ҳамчун бешуурии дастаҷамъӣ шарҳ дода аст.***

A. Архетип

B. Либидо

C. «маҷмӯи шуур»

D. Априорӣ

*7. **Дар кадом асараш В.Ленин танқиди махизм намудааст?***

A. «Давлат ва инқилоб»

B. «Материализм ва эмпириокрититсизм»

C. «рисолаи мантиқӣ-фалсафӣ»

D. « Як кадам ба пеш ду қадам ба оқиб»

*8. **Кадоме аз консепсияҳои зер ба модели тафаккури теологӣ мансуб аст?***

A. Неотомизм

B. Позитивизм

C. Марксизм

D. Ратсионализм

# 9. ФАЛСАФАИ ҲАСТӢ (ОНТОЛОГИЯ)

**9.1.** Кайҳост, ки масъалаи ҳастӣ таваҷҷуҳи файласуфонро ба худ ҷалб кардааст. Вале ҳаллу фасли он дар низомҳои гуногуни фалсафӣ таври мухталиф сурат гирифтааст. Ин мафҳум яке аз категорияҳои муҳими фалсафӣ буда, бо мафҳумҳои **"будан"** ва **"вуҷуд"** муродиф аст.

Аввалин файласуфе, ки дар таърихи фалсафа ин мафҳумро истифода кардааст, файласуфи юнонӣ Парменид (540-470 т.м.) буд. Вале Парменид мафҳуми **"ҳастию чизҳоро"** аз ҳам ҷудо накарда, онҳоро як медонист.

Умуман ба тарзи анъанавӣ таҳти категорияи ҳастӣ ду фаҳмиш мавҷуд аст:

1) таҳти ин мафҳум ҳамаи мавҷудоте хоҳ билқувва (потенсиално), ё билфеъл (актуално) дониста шудаанд. Дар ин фаҳмиш мафҳуми хастӣ ифодагари олами куллӣ ё универсиум аст;

2) дар фаҳмиши дуюм бошад, тахти мафҳуми ҳастӣ асоси бавуҷудоии олам, мохияти он ва таърифи мовароуттабиаи (метофизикӣ) он фахмида мешавад ва дар ин ҳолат ҳастӣ ҳамчун ҳастии мутлақ аст. Ин ҳастиро дар дин ва фалсафаи асри миёнагӣ Худо медонанд.

Дар фалсафаи муосир чунин шаклҳои ҳастӣ баррасӣ шудаанд:

**1) ҳастии чизҳо** **3) ҳастии маънавиёт**
**2) ҳастии инсон** **4) ҳастии иҷтимоиёт**

**Ҳастии чизҳо** -тамоми муҳити пойгоҳи заминиву кайҳонии инсонро, ки берун аз шуури ӯ вуҷуди воқеӣ доранд ва ҳамчунин тамоми ашё ва фаровардаҳое, ки аз

тарафи шуури инсон офарида шудаанд, фаро мегирад. **Он ҳастиеро, ки новобаста аз шуури инсон вуҷуд дорад аз қабили ҳамаи маъданҳо, наботот, ҳайвонот онро табиати якум номидаанд ва он чи ашёҳое, ки маҳсули дасту хиради инсон аст, яъне онҳоро инсон аз табиати аввал гирифта, барои қонеъ кардани талаботи худ ба онҳо сифат ва моҳияти нав бахшидааст, табиати дуввум номида шудааст;**

**Ҳастии инсон-** худи инсон ҷисман як ҷузъи **табиати аввал** ва дорои тамоми хусусияти он ва тобеъ ба тамоми қонуниятҳои пайдоишу таккомул ва нестшавии он мебошад. Аммо инсон чунин як ҷузъест, ки дар худ тамоми моҳияти вуҷудро фаро гирифтааст. Инсон **аз табиат бо шуур, ақл, нутқ, офаридгорӣ ва камоли маънавии** худ фарқ мекунад;

**Ҳастии маънавиёт** - иборат аз маҷмӯи донишҳо, завқиёт, рӯҳиёти бошуурона ва бешуурона, меъёрҳои муносибати байниҳамдигарӣ чун аҳком ва услҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, бадей ва воситаҳои баёну интиқол чун забонҳои сунъӣ, навъҳои гуногуни хат, китоб, навор, харита, расму нигорҳо ва гайраро дар бар мегирад.

**Ҳастии иҷтимоӣ** - иборат аст, **аз сохтори иҷтимоии ҷомеа, афрод, хонавода, табақоту синфҳо, шаҳрвандон, аҳзоби сиёсӣ, низому қонун, иқтисоду истеҳсолоти ҷамъиятӣ, муносибатҳои синфӣ ва истеҳсолӣ, дастгоҳҳои сиёсию идорӣ, муносибати сиёсии байни давлатҳо** ... дар бар мегирад.

**Ҷавҳар (субстансия)** - воқеияти айниест, ки тамоми гуногуниҳои ҳастиро аз нигоҳи ваҳдати ботинии моддӣ маънидод менамояд. Дар фалсафаи тоҷик таҳти мафҳуми

чавҳар - асое, нахуст ва тағйирнопазирии тамоми мавҷудотро медонанд.

**Араз (оксиденсия)** - бар хилофи ҷавҳар хосиятҳои зоҳирӣ, тасодуфӣ, номуҳим ва даргузари ашёро дар бар мегирад.

## 9.2. Ташаккули мафҳуми илмӣ - фалсафии модда

Дар Чину Ҳинди қадим ақида буд, ки тибқи он гӯё тамоми олам аз як мабдаъ (ибтидо) не, балки аз омехтаи чизҳои мухталиф пайдо шудааст.

Материалистони Юнони Қадим ба шакли мабдаъ моддиётро эътироф кардаанд. Вале шаклҳои алоҳидаи онро масалан: ***Фалес - обро, Анаксимандр- апейронро, Анаксимен- ҳаворо ва Гераклит - оташро.*** Дар Шарқ бошад, Даҳриён - моддиётро, Ленин кашфиётҳои навини табиатшиносии охири **солҳои 90-ми асри XIX** ва аввали **асри XX-** ро ҷамъбаст карда, чунин таърифи материяро пешниҳод менамояд:

**Материя** - ***категорияи фалсафаест, ки барои ифодаи воқеияти айне, ки инсон тавассути эҳсосоташ онро дарк мекунад. Вокеияти айние, ки новобвеста ба эҳсосот вуҷуд дошта, нусхаи он ва акси он дар эҳсосҳоямон таҷассум меёбад.***

Мафҳуми категорияи модда умумитарин хусусияти айниро инъикос мекунад. Категорияи модда зери худ асоси айнии воқеияти гуногуншаклӣ, новобаста аз шуууру иродаи инсонро дар бар мегирад.

**Модда** - *ягона ҷавҳари мавҷуд мебошад, вай абадӣ, беохир, офаридананашаванда ва нестнашаванда аст.* Вай иллати худ ба худ аст. Модда инчунин дорои сифатҳои дигар аз қабили инъикоспазарӣ, ҳаракат, макон, замон, сабабияту иллат ва камияту кайфият мебошад. Модда ба ғайр аз атрибутҳои (сифатҳо) доимӣ хусусиятҳои тағйирёбандаро низ доро мебошад. Аз қабили гармигузаронӣ, барқгузарони, қабул ва додани ахбор ва г.

## 9.3. Илми муосир дар бораи низоми мураккаби модда

Дар асоси тасаввуроти илмӣ оиди сохти материя ақидаи ташаккули низоми вай карор мегирад. Ҳар як объект - макроҷисмҳо, микроҷисмҳо, микроорганимзмҳо, олами набототу ҳайвонот ва инсон чун низоми мустақил вуҷуд доранд. Мавҷудияти хусусиятҳои умумии ташаккули онҳо имконияти ба гурӯҳу дараҷаҳо тақсим карданро медиҳанд. Имрӯз дар сатҳи маърифати илмӣ сохтори олами вуҷуд дар навбати аввал аз се дараҷаи зерини моддӣ иборат аст аз:

**1) олами кайҳонӣ (мегаолам)** - фарогирандаи сайёраҳо, олами ситораҳо, галактикаҳо ва метагалактикаҳо;

**2) олами акбар (макромир)** - шаклҳои устувор ба андозаи инсон. Ба он ҳамчунин малекуллаҳои маҷмӯи кристалӣ, организмҳо ва маҷмӯи организмҳо;

**3) олами асғар (микромир)** - олами заррот, атомҳо ва ҳиссачаҳои элементарӣ.

**Дараҷаибандии навъҳои материя чунин аст:**

а) дараҷабандии навъҳои материяи ғайризинда;

б) дараҷабандии навъҳои материяи зинда ва материяи органикӣ;

в) дараҷабандии иҷтимоии материя.

- **Дарачабандии навъҳои материяи ғайризинда** - аз, заррачаҳои элементарӣ, ядро, атом, малекулла, микрочисм, сайёраҳо, галактика, низоми галактика;
- **Дарачабандии навъҳои материяи зинда** - иборат аст аз, дарачаи малекулярӣ (ДНК, РНК, сафедаҳо), ҳуҷайра, узвҳои бисёрҳуҷайра, популятсия, биотсеноз, биосфера, ноосфера (ҷамъияти инсонӣ) иборат аст;
- **Дарачабандии ичтимоии материя** - аз: фард, оила, чамъи ҳамкорон, гурӯҳи ичтимоӣ, синф, халқият, миллат, давлат, этнос, инсоният дар мачмӯъ ё башарият дар мачмӯъ иборат аст;

<table>
<tr><td rowspan="3">Табиати гайризинда</td><td>Мегамир</td><td>коинот<br>Низоми<br>галактикахо<br>Галактика<br>низоми<br>сайёраҳо<br>ситораҳо<br>Сайёраҳо</td><td rowspan="3">Зинда</td><td rowspan="3">Биосфера<br>Биотсеноз<br>намудҳои<br>организмҳои<br>бисерҳучайра<br>ҳучайра<br>ДНК, РНК,<br>сафеда</td><td rowspan="3">Чамъият</td><td rowspan="3">Чамъият<br>и инсонӣ<br>Халқ<br>миллат<br>Қавм ,<br>қабила,<br>авлод<br>Хонавода<br>фард<br>(элементар<br>ный<br>носитель)</td></tr>
<tr><td></td><td>Макрочисм</td></tr>
<tr><td>Микромир</td><td>Молекулаҳо<br>Атомҳо<br>зарраҳои<br>хурди<br>Элементари<br>Кваркҳо</td></tr>
</table>

Вобаста ба **саволи "Оё олам бунёди ягона дорад ё на"** файласуфонро ба чунин навъ тақсим кардан мумкин аст:

- **Ваҳдатгароён (монистӣ);**
- **Чандгароён (плюралистӣ);**
- **Дугароён (дуализм).**

Аз чигунагии ҷавоб ба саволи "Олам қобили тағйиру дигаргуни аст ё моҳиятан тағйирнопазир аст", ду назария бавуҷуд меояд:

1) **назарияи метафизикӣ (олам тағйирнопазир аст);**

2) **назарияи диалектикӣ (олам тағйирпазир аст).**

Аз соволе, ки "дар олам қонуният ва назму низом вуҷуд дорад ё на.", низ ду назария вуҷуд дорад:

1) **детерминистӣ (сабабият);**

2) **индетерминистӣ (бесабабият).**

## 9.4. Шакл ва тарзҳои мавҷудияти модда

**Категорияи ҳаракат** - аз ибтидои фалсафа ҳамчун яке аз муҳимтарин мафҳуми фалсафӣ, ки баёнгари хусусияти зотӣ ва ҳолати доимии ҳастӣ шинохта шудааст. Имрӯз дар фалсафа ҳаракат ҳамчун тарзи асосии мавҷудияти модда шинохта шудааст. Шаклҳои асосии мавҷудияти модда ё хусусиятҳои зотии моддаро: **ҳаракат, фазо ва вақт.**

**Ҳаракат** – ҳама гуна баҳамтаъсиррасонию тағйирот тарзи мавҷудияти материя мебошад. Ҳаракат дорои ду ҷиҳат аст:

1) **ҳаракате, ки сифати ашёҳо дар он тағйир меёбанд;**

2) **ҳаракате, ки дар он сифати ашёҳо нигоҳ дошта мешаванд.**

**Шаклҳои ҳаракати модда иборат аст, аз:**

1) харакати механикӣ - тағйирпазирӣ нисбати як чиз ба чизи дигар;

2) ҳаракати физикӣ - ҳаракати заррахо, атом;

3) ҳаракати кимёвӣ - реаксияхои кимиёвӣ, бухоршавӣ...

4) ҳаракати биологӣ - аз афтиши дона то сабзишу инкишоф ва фанопазирии он;

5) ҳаракати ичтимоӣ - рушди оила, қавм, кабила, рушди иқтисодиёт, сиёсат.

- ба ҳаракати механикӣ – ҳама гуна ҷойивазкуниҳо ва тағйирёбиҳои мавқеи дохил мешаванд;

- ба ҳаракати физикӣ - ҳаракати ҳиссачаҳои хурдтарин, ҳодисаҳои дохилии атомӣ, ядроӣ, ҳаракатҳои молекуллавӣ, протсесҳои электромагнитӣ ва оптикӣ дохил мешаванд;

- ба ҳаракати кимёвӣ - хамаи реаксияҳои органикӣ, протсессҳои геологӣ ...

- ба ҳаракати биологӣ - протсессҳои гуногуни биологӣ, ҳолат ва вазъияти мубодилаи моддаҳо, зиёдшавии ирсият, мувофиқ ва мутобиқшавӣ, қадкашӣ, интихоби табиӣ, биотсеноз ...

- ба ҳаракати иҷтимоӣ - ҳастии моддӣ ва маънавии афрод дар зуҳуротҳои гуногун (тараққиёти ичтимоӣ, илмию техникӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ).

**Фазо ва вакт** баъд аз ҳаракат шаклҳои асосии мавҷудияти материя мебошанд. Фазо ва вақт аз нигоҳи фалсафӣ, пеш аз ҳама дар робита бо ҳастӣ аз нигоҳи вокеият доштан ё танҳо мафҳуми муҷарраду соф будан ё набудан дар шуури мо вуҷуд дорад. Фазо ва вақт дар робитаи ҷудонопазир дар ваҳдат қарор дорад. Аз ин рӯ хусусияти куллӣ - универсалии ҳастӣ мебошад.

**Фазо** - ифодакунандаи тартиби ҷойгиршавии объектҳои ҳамзамон вуҷуд доштааст.

**Вақт** - бошад, пайдарҳамии ҳаводиси якдигарро ивазкунанда мебошад.

Яъне, ҳама гуна ҳодисаи ҳастӣ ба як самт аз гузашта ба оянда ҳаракат мекунад. Фаҳмиши фалсафӣ - диалектикӣ ягонагии хастӣ, ҳаракат ва вақту фазоро дар назар дорад.

Ду нуқтаи назар дар бораи замон ва макон мавҷуд аст:

**субстансионалӣ; реалиятивӣ.**

- таълимоти субстансионалӣ замон ва маконро ҳамчун шакли махсуси мавҷудот, ки новобаста аз объектҳои моддӣ вуҷуд доранд, баррасӣ менамоянд. Нютон ба ин нуқтаи назар муътақид аст. Ӯ маконро ба қутии калоне монанд мекунад, ки девору фаршу сақф надорад ва объектҳои моддии ҷаҳон дар он ҷойгиранд.

- консепсияи реалитивӣ бошад, замон ва маконро ҳамчун муносибати махсуси объектҳову равандҳо баррасӣ менамояд, ки берун аз объектҳову равандҳо вуҷуд надорад.

Солҳои 1905-1915 аз тарафи Эйнштейн назарияи нисбият пешниҳод гардид, ки робитаи байни ҳамдигарии замону макон ва моддаро собит менамояд. Ба назари Эйнштейн замон ба ҳар гунна системаи сарҳисоб тағйирпазир аст.

**Пурсишномаҳои санҷишӣ:**

**Баъди хондани матни лексия ҳар як хонанда худро бо ин саволҳо бисанҷад.**

1.Фалсафаи ҳастӣ чист?
2.Шаклҳои ҳастӣ кадомҳоянд?
3.Ҳастии инсон чист?
4.Ҳастии маънавиёт чист?
5.Ҳастии иҷтимоӣ чист?
6.Ташаккули мафҳуми илмӣ - фалсафии модда.
7.Материя чист?
8.Сохтори олами вуҷуд чист?
9.Дараҷаибандии навъҳои материя кадомҳоянд?
10.Шакл ва тарзҳои мавҷудияти модда кадомҳоянд?

**Тестҳои санҷишӣ:**

1. **Ҳастӣ ду фаҳмиш дорад:**

A. олами куллӣ ё унверсиум аст; 2) ҳастии мутлақ.

B. мавҷудоти билкувва ё билфеъл .

C. ифодагари олами куллӣ ё унверсиум.

D. бавуҷудоии олам ва моҳияти он.

2. **Шаклҳои ҳастӣ :**

A. Ҳастии чизҳо, инсон, маънавиёт.

B. Ҳастии чизҳо, ҳастии инсон, ҳастии ҷаҳон.

C . Ҳастии чизҳо, ҳастии инсон, ҳастии маънавиёт, ҳастии иҷтимоиёт.

D. Инсон, маънавиёт.

**3. Дарачаибандии навъҳои материя чунин аст:**

A. дарачабандии навъҳои материяи гайризинда,навъҳои материяи зинда ва материяи ичтимоӣ.

B. дарачабандии навъҳои материяи зинда ва материяи органикӣ;

C. дарачабандии ичтимоии материя.

D. дарачабандии ичтимоии материя; навъҳои материяи зинда ва материяи органикӣ.

**4. Ҳаракат чист?**

A. ҳама гуна баҳамтаъсиррасонию тағйирот тарзи мавчудияти материя мебошад.

B. Ҳаракат сифати ашёҳо дар он тағйир меёбанд.

C. Ҳаракат дар он сифат ашёҳо нигоҳ дошта мешаванд.

D. Ҳаракат - тағирпазирӣ

**5.Таърифи фазо**

A. Фазо - ифодакунандаи тартиби чойгиршавии объектҳои ҳамзамон вучуд доштааст.

B. Фазо - бошад, пайдарҳамии ҳаводиси якдигарро ивазкунанда мебошад.

C. Фазо - сифати ашёҳо дар он тағйир меёбанд.

D. Фазо- ҳамағуна ба ҳам таъсиррасонию тагйироти тарзи мавчудияти материя аст.

**6.Вақт чӣ таъриф дорад?**

A. Вақт - ҳаракати ҳиссачаҳои хурдтарин, ҳодиссаҳои дохилии атомӣ

B. Вақт- пайдарҳамии ҳаводиси якдигарро ивазкунанда мебошад.

C. Вақт - тамоми қонуниятҳои пайдоишу таккомул ва нестшавии он мебоашд.

D. Вақт - ҳастии моддӣ ва маънавии афрод дар зуҳуротҳои гуногун.

## 10. РОБИТАҲОИ УНИВЕРСАЛИИ ҲАСТӢ. ФАҲМИШИ ДИАЛЕКТИКИИ ОЛАМ.

**10.1.** Тамоми олами воқеии даркшавандаро маҷмӯи чизу ҳодисаҳое ташкил медиҳанд, ки дорои муносибату робитаи мутақобиланд. Робитаи мазкури чизу равандҳои олам дорои хислатҳои умумиянд. Маърифати олами том ва ташхиси равандҳои муҳими тағйиру инкишофи он ба ташаккули диалектика - таълимоти нисбатан муккамалу ҳамаҷонибаи инкишоф робитаи қавӣ дорад.

**Диалектика аз калимаи Юнонӣ dialectic** - маъноям суҳбату мунозира мебошад. Вайро дар таърихи фалсафа ба маъноҳои гуногун истифода бурдаанд. Бори аввал диалектика дар Юнон бавуҷуд омада, он вақт ҳунари баҳс, исбот, муътақид сохтани дигарон ва ба ин васила пайдо намудани ҷонибдоронро мефаҳмиданд.

Бузургтарин устоди муколама дар ин давр **Суқрот** ба ҳисоб меравад, ки вай зери мафҳуми диалектика ҳунареро мефаҳмид, ки ҳукмҳо ва афкори ба ҳам зидро таҳлил намуда, ҳақиқатро ҳосил бояд кард.

Назарияи диалектикии илмӣ таври дафъию фаври не, балки дар тӯли инкишофи тадриҷии тамаддуни маърифати инсонӣ пайдо шудааст. Диалектика саравал дар шакли соддалавҳона, ки асосан ба мушоҳидаи зоҳирии чунин тасавуроте асос ёфта буд, ки тибқи он ҳама чиз дар ҳоли тағйирёбию дигаргуншавӣ аст. Чизҳо пайваста пайдоию нест шуда, аз як шакл ба шакли дигар мегузарад.

Файласуфони антиқа, ки манзараи умумии тағйироти ҳамешагии оламро пай бурда буданд, қонунияти тағйироти мазкурро ошкор карда наметавонистанд.

Дар давраи ҳукмронии услуби метафизикӣ (асрҳои XIV-XVIII), баъзе унсурҳои диалектикаро дар таълимоти

ин ё он файласуф метавон дучор шуд. Масалан: дар осори Декарт - фикри аз унсурҳои мухталиф пайдо шудани олам; Спиноза - муносибати диалектикӣ ба категорияҳои зарурат ва озодӣ; Дидро - ташккули таҳавулоти мавчудоти олами зинда.

**10.2.** Марҳилаи дигари инкишофи диалектика бо номи файласуфони асри XVIII - XIX-и Олмон, ки дар фаҳмиши мураккабию зиддияти чараёни тафаккур саҳми муҳим гузоштаанд, пайваст аст.

Бори аввал ба Гегел иттифоқ афтод, ки оламро ба ҳайси чараёни куллии ҳаракати мудавом, ки қувваи мутаҳарикашро зиддият ташкил медиҳад, тасвир намояд. Ба ақидаи Гегел чунин ҳолат хоси тамоми олами воқей мебошад. Гегел қонунҳои асосии инкишоф ва низоми категорияҳои диалектикаро баррасӣ намуда, ба инкишофи минбаъдаи тафаккури фалсафӣ саҳми бузург гузоштааст. Вале бояд қайд кард, ки ӯ диалектикаро аз мавқеи материализм не, балки ба сифати файласуфи идеалистӣ баррасӣ намудааст.

Ба ақидаи Гегел ҳаракату инкишофи олам барои он вучуд дорад, ки ҳамаро як шуури фавқуттабиӣ ё хиради чаҳонӣ идора мекунад. Чун хиради чаҳонии Гегел томоми сарватҳои ботиниашро мавриди маърифат қарор медиҳад, кулли инкишоф ба поён мерасад.

Бунёди диалектикаи материалистӣ бо номи Маркс ва Энгелс марбут аст. Маркс ва Энеглс аз диалектикаи Гегел хиради чаҳониро соқит намуда, инкишофи оламро сифр аз нигоҳи моддӣ баррасӣ намудаанд. Инчунин онҳо диалектикаро бо қонуниятҳояш дар чамъият татбиқ намуда, усули инкишофи форматсионии чомеаро пешниҳод намудаанд.

**Диалектика** - ***таълимотест, ки оламро бо тамоми робитаю муносибати таъсири мутақобили чиз, воқеа ва равандҳо мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Яъне, диалектика пеш аз ҳама қонуни такомулу тараққӣ ва рушд дар заминаи зиддиятҳо ва ихтилофҳои дохилии ҳастӣ, таълимот дар бораи вобастагиҳо, тазодҳо ва таноқузҳои қонунию бунёдӣ дар инкишофи табиат, ҷамъият ва маърифат аст.***

**Пешрафту пасрафт (прогресс ва регресс).** Ду тамоюли зид, вале дар айни замон пайвасти инкишофанд.

- **пешрафт** - инкишофи аз паст ба боло, аз содда ба мураккаб;
- **пасрафт** - пасравӣ аз шаклҳои болотар ва мукаммалтар ба шаклҳои поёнтару соддатар.

Дар баъзе мавридҳо инкишофи болораванда бартарӣ менамояд, вале агар инкишофи поёнраванда ғолиб ояд, пасрафт низ рӯх медиҳад. Аммо раванди умумии инкишофро хаттӣ болораванда (прогрессивӣ) ташкил медиҳад.

## 10. 3. Қонун дар фаҳмиши фалсафӣ

Қонун навъе аз вобастагӣ ва робита аст, вале на ҳама гуна робита қонун аст. Агар қонунро таъриф кунем метавон гуфт:

**Қонун** - ***вобастагӣ аз робитаҳо ва алоқамандиҳои айнӣ, зарурӣ, куллӣ ва доимо такроршаванда дар руйдодҳо, пайдоишу нестшавии ҳастиҳои моддӣ, маънавӣ ва иҷтимоӣ буда, ниҳоятан муайянкунандаи шаклу раванди тағйирот ва такомули онҳо мебошад.***

Навъҳои қонунҳо дар ҳастӣ зиёданд. Қонунҳо метавонанд, куллӣ - универсалӣ (ҳамарофарогиранда) ё ҷузъию - маҳдуд (хоси як низом) бошанд.

Қонунҳо метавонанд **табиӣ** ва **айнӣ** новобаста аз шуури инсон бошанд ё ҷамъиятӣ субъективӣ вобаста аз шуури инсон бошанд.

Қонунҳои табиӣ - новобаста аз шуури инсон вуҷуд доранд ва инсон онҳоро танҳо маърифат кардааст ва шинохтааст (қонуни Ом, Архимед, Ламбер...).

Маърифати ҳастӣ дар баробари усулҳои номбурдаи диалектикӣ дорои қонунҳои мушаххасест, ки барои шинохти омилҳои харгуна ҳаракат ва такомул заминаи назарию методологӣ мебошад. Ин қонунҳо иборатанд аз:

1) қонуни ба ҳам гузариши тағйиротҳои миқдорию сифатӣ;

2) қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зиддҳо;

3) қонуни инкори инкор.

- қонуни аввал оддатан ба саволи **чӣ хел**, дар кадом шакл, инкишоф, сурат мегирад;

- қонуни дуввум ба саволи **чаро, ба кадом сабаб** ва омили дохилии ин такомул чист, ба миён меояд;

- қонуни сеюм ба саволи **куҷо, ба кадом самт** ин такомул нигаронида шудааст, ҷавоб медиҳад.

### 10.4. Қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зиддҳо

Барои моҳияти ин қонунро фаҳмидан мо бояд ба афкори таърихи фалсафию динӣ дар мавриди сарчашмаи ҳаракат ва пайдоиши ашё умуман таккомули ҳастӣ ошно бошем. То кашфи ин қонун аз тарафи Гегел чунин ақида вуҷуд дошт, ки сабаби таккомули ашё, падида ва ҳодисаҳо дар хориҷи онҳо вуҷуд дорад ва дар дин ин сабабро Худо медонад. Аммо мувофиқи ин қонун, ки меҳвари диалектика баҳисоб меравад, ҳеҷ гуна сабабгор ва муҳаррики берунӣ дар табиат - ҳастӣ вуҷуд надорад. Балки, ба ҳар як чиз зиддиятҳои дохилӣ хос аст, ки дар

ҳолати ягонагӣ таъсири мутақобила ва мубориза бо ҳам қарор дорад.

Ягонагӣ ва зиддияти дохилии чизҳо ва ҳодисаҳо ягона омили такомул ва пешрафт дар олам мебошад. Ягонагӣ, ихтилоф, зидият ҳамчун мафҳумҳои асосии ин қонун ба ҳамаи объектҳо хос мебошанд. Ягонагӣ хусусияти нисбӣ дошта, аммо мубориза ба ҳам зиддҳо хусусияти куллию мутлақ (обсолютӣ) дорад.

## 10.5. Қонуни ба ҳам гузариши тағйироти миқдорию сифатӣ

Мафҳуми миқдору сифат ё камияту кайфият аз категорияҳои асосии фалсафа дар ҳар давру замон будаанд. Аммо дар ин қонун нақши муассир доштани ин ду категорияро дар вуҷудёбии ҳаводис нишон медиҳад. Ин қонун бештар баёнгари раванди ташакули дохилии такомул тибқи ду қонуни диалектикӣ аст.

Он шароити нисбатан устувории чизҳо ва ҳодисаҳо тарзи ҳалли зиддиятҳо ва пайдоиши чизҳову падидаҳои сифатан навро баён мекунад. Фаҳмидани ин қонун дар шинохти чигунагии раванди таккомул хеле муҳим аст. Ин қонун протсесси ноаёну тадриҷии афзӯдани тағйиротҳои миқдорӣ ва гузариши ҷаҳишмонанди онро ба тағйироти сифатӣ ва оғози давраи нави тағйироти миқдорӣ ва боз гузариши ҷаҳишмонанди он ва дигаргунии сифатиро дар тамоми вуҷуд, табиат, ҷамъият тафаккури инсон ошкор месозад.

**Сифат чист.** Сифат таъиноти чизҳо ва ҳодисаҳо, муҳимтарини хусусияти зотии фарққунандаи онҳо мебошад. Чизҳо, мавҷудоти ҳастӣ вобаста ба сифати худ гуногунанд. Сифатҳои ашё вобаста ба хосиятҳои онҳо зоҳир мешаванд. Байни мафҳуми сифат ва хосият ҳарчанд

наздикмаънои вучуд дошта бошад, ҳам онҳо аз ҳам тафовут доранд.

**Хосият ва хусусият** - танҳо ифодаи зоҳирии сифат аст, ки ҳангоми муносибати чизҳо муайян мешавад. Як чиз ё ҳодиса дорои на як хосият, балки маҷмӯи хосиятҳо буда метавонад.

***Маҷмӯи ин хосиятҳои чизҳо ва ҳодисаҳо, ки яклухтиву якпорчагӣ ва асолати онҳоро ташкил медиҳад, сифат номида мешавад.*** Аз ин рӯ, сифат муҳимтарин ҷиҳати фарққунандаи ашё аст.

**Мафҳуми миқдор** - низ категорияи асосист ва он дар худ мафҳумҳои андоза, ченак ва нишонаҳои миқдорӣ чун, *калон, хурд, вазнин, сабук, оҳиста, тез, дароз, кӯтоҳ, ҷавон, пир ва ғ.* дар бар мегирад.

Соддатарин навъи ин ченакҳоро **миқдор** меноманд. Мундариҷаи асосии ин қонунро чунин метавон шарҳ дод:

<u>Афзӯдани тағйиротҳои миқдорӣ то ҳадди берун аз андоза ё меъёр дар ҳолати ҳамагуна объект, қонунан ба тағйироти тадриҷӣ ё ҷаҳишмонанди сифатӣ меанҷомад, ки дар натиҷаи он сифати нав ба вуҷуд омада, боз тағйиротҳои миқдорӣ оғоз мeёбанд ва аз паси он марҳилаи нави такомул оғоз мeёбад.</u>

### 10.6. Қонуни инкори инкор

Узван ба ду қонуни дигар пайваст аст. Моҳияти онро метавон чунин шарҳ дод:

Такомули инкори кӯҳна, тасдиқи нав, инкори сифати пешина тасдиқи сифати нав, гузариш аз як ҳолат ба ҳолати дигар дар натиҷаи худтакомулёбӣ аст. Такомул дар ҳар

инкори баъдӣ ба зинаи болотаре мебарояд ва хусусияти морпеч (спиралӣ) дорад. Яъне аввалан баъзан хусусиятҳои марҳилаи таккомули системаи поёнӣ дар зинаи такомули минбаъда низ такрор мешаванд. Сониян, ҳар давраи ин такомул такрори зинаи гузашта набуда, балки зинаи болотар аз зинаи пешина мебошад. Яъне такомул на ба шакли доира, балки ба шакли спирал сурат мегирад.

## 10.7Категорияҳои диалектика

Олам аз робитаҳои беинтиҳо иборат аст. Аммо фалсафа се навъи робитаҳои куллиро баррасӣ мекунад, ки онҳо ҳамчун категорияҳои диалектика маъруфанд.

1. робитаҳои универсалии ҳастӣ фарогири категорияҳои **фард ва кул, зуҳурот ва моҳият, шакл ва мазмун;**

2. робитаҳои таркибии ҳастӣ фарогири категорияҳои **ҷузъ ва том, унсур,таркиб ва низом ;**

3. робитаҳои сабабии ҳастӣ фарогири категорияҳои **сабаб ва натиҷа, имконият ва воқеият, зарурат ва тасодуф.**

### 10.7.1Робитаҳои универсалии ҳастӣ

### Фард ва кулл

**Фард** - чиз, ашё, ҳодиса, раванд ва воқеаҳои алоҳидаест, ки аз ҳамдигар аз рӯи хосияти замонӣ, маконӣ аз чизу ашё ва ҳодисаҳои дигар, аз ҷумла ҳамшабоҳат фарқ мекунанд.

**Кулл** - тавсифест, ки мавҷудияти айнӣ, шабоҳати чизҳои ҷузъӣ ба ин ё он гурӯҳи ҳодисаҳо ё низоми ягонаи робита нисбатдоштанро ифода мекунад.

**Хос** - ҳалқаи байни фарду кулл, ифодаи андоза ва тарзи иттиҳоди куллу фард дар як ҳодиса мебошад.

### Зуҳурот ва моҳият

**Зуҳурот** - ҷиҳати берунӣ, мушоҳидавӣ ва одатан мутаҳаррику мутағайири ин ё он чиз мебошад.

**Моҳият** - ҷиҳатҳои дохилӣ, амиқ, махфӣ ва нисбатан устувори ин ё он чиз, ҳодиса ва ашё мебошад.

Моҳияту зуҳурот зиддҳое мебошанд, ки дорои робитаи диалектикӣ буда, ҳамдигарро такмил медиҳанд, вале баъзан бо ҳам мувофиқат намекунанд ва ҳатто зуҳурот моҳиятро нодуруст нишон медиҳад. Сарфи назар аз ин зуҳуроту моҳият бо ҳам пайванданд - моҳият зоҳир мегардад ва зуҳурот моҳиятнок аст. Зуҳурот дар зинаи муроқибаи зинда ва мохият дар зинаи маърифати ақлӣ дониста мешаванд.

## 10.7.2Робитаҳои таркибии ҳастӣ

### Ҷузъ ва том

**Ҷузъ** - унсурҳое, ки дар робитаи диалектикии худ чизи нави нисбатан мураккабро ташкил медиҳанд.

**Том** - маҷмӯи қисмҳое, ки дар робитаи ҳамдигарӣ сифати навро ташкил мекунад. Том нисбат ба қисмҳояш устувортар аст. Робита қисм ва томро бой гардонида категорияҳои нав - *унсур, таркиб, низомро ташаккул медиҳад.*

**Низом** - як қатор унсурҳои ба ҳам робитадору ба тартиб даровардашуда,ки бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд.

**Унсур** - дар доираи ҳамин низом ва ҳамин тарзи таҳлил воҳиди тақсимнопазир.

**Таркиб** - тарзи нисбатан устувори робитаи унсурҳои ин ва ё он томи мураккаб.

**Том** нисбат ба ҷузъ устувортар аст, вале том ҳам абадӣ нест, вай ҳам тағйирпазир аст. Тому ҷузъ робитаи

ҳамдигарӣ доранд, онҳо ҳамзамон бо якдигар вуҷуд доранд.

**Мазмун ва шакл**

**Мазмун** - маҷмӯи унсурҳои гуногун ва таъсири мутақобилаи онҳо мебошад, ки навъу хислати ин ё он чизро муайян мекунад.

**Шакл** - усули тартиб ва тарзи мавҷудияти ин ё он мазмун аст.

*Мазмун ва шакл бо ҳам пайвастаанд, ҳамеша ба мазмуни муайян шакли мувофиқе хос аст, шакл низ дорои мазмун аст. Диалектикаи шаклу мазмун мустақилияти нисбии онҳоро низ дар назар дорад, вале мазмун нисбат ба шакл роли муайянкунанда дорад.*

## 10.7.3Робитаҳои сабабии ҳастӣ

**Сабаб ва натиҷа**

**Сабаб** робитаи генетикии ҳодисаҳо буда, дар он як чиз - сабаб ва дар шароити муайян чизи дигари ба вуҷуд омада - **натиҷа** мебошад.

Робитаи сабабу натиҷа басе мураккаб аст. Натиҷа метавонад дар як вақт дорои сабабҳои зиёде ва сабаб дорои натиҷаҳои сершуморе бошанд. Нафақат сабаб ба натиҷа, балки натиҷа ҳам ба сабаб таъсир мерасонад.

Муҳимтарин усули сабабиятро эътирофи хислати айнӣ ва қонунии он ташкил медиҳад. Чунин ақида дар фалсафа номи **детерминизм** гирифтааст.

**Тасодуф ва зарурат**

**Тасодуф** - чунин робитаи сабабию натиҷаест, ки дар он амали гаштани ҳар кадоме аз натиҷаҳои алтернативӣ имконпазир аст, ба таъбири дигар тасодуф ногаҳонӣ буда

метавонад вуҷуд дошта бошад ва метавонад вуҷуд надошта бошад.

**Зарурат** - чунин робитаи сабабии ҳодисаҳоеро меноманд, ки дар он ҳодиса натиҷаро ба вуҷуд меорад.

Эҳтимолият - андозаи имконоти фарорасии ҳодисаҳои тасодуфист. Тасодуфу зарурат нисбианд, *зарурат метавонад дар як шароит чун тасодуф ва дар шароити дигар тасодуф метавонад чун зарурат баромад кунад.*

## Имконият ва воқеият

**Имконият** - инъикос ҳамон марҳалаи ҳаракату инкишофи ҳодисаҳо мебошад, ки дар намуди замина ё ба сифати тамоюл вуҷуд дорад.

**Воқеият** - имконияти амалишуда ва асоси ташаккули имкониятҳои нав аст.

**Имконияти воқей** - тамоюли қонунии инкишофи чиз буда, бо зарурати айнӣ робита дорад.

**Имконияти зоҳирӣ** - тамоюли ғайримуҳими ашё буда, қисми зиёди он ба воқеият табдил намеёбад, зеро ки онҳоро зарурат не, балки тасодуф идора мекунад.

**Пурсишномаҳои санҷишӣ:**

**Баъди хондани матни лексия ҳар як хонанда худро бо ин саволҳо бисанҷад.**

1. Фаҳмиши диалектикии олам.
2.Диалектика чист?
3.Қонун чист ва навъҳои он кадомҳоянд?
4.Қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зиддҳо кадом марҳилаи инкишофро ифода мекунад?
5.Қонуни ба ҳам гузариши тағйироти миқдорию сифатӣ чист?
6.Қонуни инкори инкор чист?
7.Категорияҳои диалектика

**Санҷиши тестӣ**

***1.Инкишоф чист?***

**А**. ҳама гуна ҳаракат

**В**. ҳама гуна тағйирот

**С**. Тағйироти бозгаштнопазир, самтгир ва қонунию бунёдӣ дар тамоми раванду ҳодисаҳо.

**D**. ҳаракати аз паст ба боло.

***2. Материя чист?***

А. ашёҳо ва предметҳои атроф

В. Воқеияти айние, ки новобаста аз шуур вуҷуд дошта, нусхаи он тавассути эҳсосотамон дар мағз инъикос меёбад.

С.табиат ва ҷамъият

D. Ҳар онҷӣ вазн дорад ва шакл дорад

**3. *Шаклҳои ҳаракат кадомҳоянд?***

А. Харакати зинда ва ғайризинда

В. Ҳаракати дохилӣ ва берунӣ

С. механикӣ,физиикавӣ, химиявӣ,биологӣ ва иҷтимоӣ

D. Ҳаракати болораванда ва пастраванда.

**4. *Кадом қонун сабаби инкишофро муайян менамояд?***

А. Қонуни ба ҳам гузариши тағйиротҳои миқдорию сифатӣ;

В. Қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зиддҳо;

С.Қонуни инкори инкор.

D. Қонуни Архимед

**5. *Қонунҳои диалектика ба кадом навъи қонун марбутанд?***

А.*Қонунҳои иҷтимоӣ*

В. *Қонунҳои табиӣ*

С. *Қонунҳои конистутсионӣ*

D. *Қонунҳои куллӣ(универсалӣ)*

**6. *Тарзи инкишофро кадом қонун нишон медиҳад?***

А. Қонуни ба ҳам гузариши тағйиротҳои миқдорию сифатӣ;

В. *Қонунҳои иҷтимоӣ*

С. Қонуни Архимед

D. *Қонунҳои табиӣ*

# 11. МАСЪАЛАИ ИНСОН ДАР ФАЛСАФА

## 11.1. Хусусияти ҳастии инсон

Инсон дар олам мавҷудияти нодир ва нотакрор аст. Мувофиқи тадқиқотҳои беназири илмҳои табиатшиносӣ, бахусус тадқиқотҳои инсоншиносии муосир, инсон намояндаи типи хордадорон, зертипи мӯҳрадорон, синфи ширхӯрон, зерсинфи ҳамроҳдор, отряди приматҳо, оилаи одамон, авлоди одамӣ, намуди махсуси бохираду соҳибитафаккур мебошад. Аз ин рӯ, инсон аз ҳамаи намудҳои биологӣ бо хусусиятҳои зерини худ тафовут дорад:

1) инсон қодир аст, барои **бошуурона таъсир расонидан ва дигаргун сохтани табиат, олатҳои меҳнат созад ва онҳоро ба органҳои худ бипайвандад. Инчунин неъматҳои моддӣ истеҳсол намояд, ки талаботи ҳастии хешро аз ин ё он ҷиҳат қонеъ намояд;**

2) инсон, нисбат ба намудҳои дигари биологӣ бо **қади мавзун** меравад, яъне бо ду по (вертикалӣ) ва сабзиши тамоми узвҳояш бо ин мувофиқ аст;

3) инсон, мавҷудотест, ки **дастони озоди қобили меҳнат** дорад;

4) инсон, мавҷудотест, ки дорои **нутқи саҳеҳу бурро** мебошад;

5) инсон, намудест, ки **майнаи инкишофёфта дорад** ва бо ёрии шуур тамоми фаъолияти хешро танзим месозад;

6) агар, тамоми намудҳои дигари биологӣ дар ҷараёни таҳавули худ танҳо ба табиат мутобиқ шаванд, пас **инсон мавҷудотест, ки ҳам ба табиат мутобиқ шуда ва ҳам табиатро ба худ мутобиқ мегардонад**. Яъне, ӯ дар қатори табиати ҷисмонӣ, табиати дигари иҷтимоӣ сохтааст, ки ин

аз пайдоишу таҳавули инсонӣ дарак медиҳад, ки ба ягон намуди дигари биологӣ хос нест.

Имруз тақрибан 28 илмест, ки дар бораи инсон баҳс мекунад. Аммо ба тарзи муфассал ҳамаи ин илмҳоро дар фалсафа антропология чамъбаст менамояд.

**Антропология** (антропос - инсон ва логос - илм) **бахши фалсафа буда, дар бораи инсон, пайдоиш, таҳаввул, табиат ва моҳияти инсон, такомули инсон бахс мекунад.**

Дар бораи пайдоиши инсон назарияҳои мухталиф вучуд дорад. Вобаста ба чаҳонбинии материалистӣ ё идеалистӣ ин назарияҳо низ пайдоиши инсонро ба таври худ баррасӣ намудаанд. Дар дин пайдоиши инсонро марбут ба офариниши Худованд медонанд. Дар фалсафаи асримиёнагӣ бошад, бештар назарияи судур (эманатсия) машҳур аст, ки тибқи он ҳама чиз аз ақли аввали судур карда, дар ниҳояти худ ба ақли инсон чамъбаст мешавад.

## 11.2. Пайдоиши инсон аз нигоҳи илми муосир ва таърихи фалсафа

Илми муосир пайдоиши инсонро аз нигоҳи биологӣ таҳлил карда, фарзияи монандӣ ва хешовандии генҳои инсон ба маймун пайдо шудани инсонро ба миён мегузорад. Тахмин меравад, ки аввалин маймунҳои одамсурат 55 млн сол қабл пайдо шудаанд. Баъдтар аз онҳо оилаи маймунҳо инсонсурат **антропоидҳо** 44млн. сол пеш бавучуд омадаанд. Тахминан 20-25 млн. сол муқаддам шохаи маймунҳои инсонсурати дарахтгард, ки ба маймунҳои инсонсурати ҳозира шабоҳат доштаанд аз оилаи маймунҳои борикбинӣ чудо шудаанд. Тахминан 7-8 млн. сол қабл аз ин дар Африқои чанубӣ иқлим тағйир ёфт, ба чои бешазорҳои тропикӣ дашту биёбонҳо ба вучуд омад. Ҳарорати ҳаво хунук шуда, ин боиси аз дарахт ба

замин фаромадани маймунҳои инсонсурати дарахтгард шуд. Ва оҳиста-оҳиста ба ҳаёти заминӣ мутобиқ шуда бо ду по роҳ гаштанро ёд гирифт. Ва ин навъи одамони маймунмонандро **австролопитек** меноманд. Тахмин меравад, ки вазнаш 50 кг ва мағзаш 500 гр мебошад.

Австролопитекҳо гурӯҳ-гурӯҳ зиндагӣ карда аввал олотҳои меҳнатро аз санг, чӯб ва устухонҳо сохтаанд. Таҳавули намуди инсон ба ҳомосапес (Homo sapes) ба анҷом мерасад, ки аз 2-3млн. сол то 10 хазор сол муқкадам тахмин меравад. Ин ҷиҳати таҳавулоти инсонро **антропогенез** меноманд.

Минбаъд дар таҳавулу ташаккули *инсонӣ гурӯҳ-гурӯҳ* зиндагӣ кардани инсонҳо таъсир расонидааст, ки ин боиси пайдоиши нутқ, забон, маънавиёт шуда аст. Ва ин ҷиҳати таҳавули инсониро **сотсиогенез** меноманд ва умуман раванди ягонаи таҳаввули биологӣ ва иҷтимоии инсониро **антропосотсиогенез** меноманд.

Фалсафа низ аз замониҳои хеле қадим масъалаи пайдоиш ва инкишофи инсонро дар маркази омӯзиши хеш қарор дода, онро аз нигоҳи ягонагии табиӣ (биологӣ) ва иҷтимоӣ (таърихӣ) меомӯзад, ба саволҳои мафҳуми инсон, ҳастии он дар дахр, моҳият, мақсад ва таъиноти инсон ҷавоб меҷӯяд. Қобили зикр аст, ки масъалаи мазкур дар ҳар давру замон бо роҳу усулҳои гуногун, бар замми он, тазоднок баррасӣ шуда, зинаҳои гуногуни инкишофро аз сар гузаронидааст. *Ягона* саволе, ки файласуфон ба он посух ҷустаанд-"инсон чӣ гуна мавҷудот аст ва чӣ тавр пайдо шудаву инкишоф ёфтааст", буд. Маҳз ҳамин савол ва посух ба он риштаи муттасилест, ки робитаи диалектикии ақоиди фалсафии тамоми ҳакимонро дар таърихи фалсафа таъмин менамояд.

Қайд бояд кард, ки чи дар замони гузашта ва чи дар замони муосир равияи фалсафие набуд ва нест, ки масоили инсонро таҳқиқ накарда бошад. Вале шарҳи доманадори ҳамаи он равияҳо дар ин таълифот берун аз имкони мост. Аз ин сабаб интихобан ақоиди бархе аз мактабҳои фалсафиро оиди мушкилоти фалсафии инсон баррасӣ менамоем. Аввал ин, ки ғояҳои асоси таълимотҳои мухталифи тазоднок аз мавқеи методологии ҳар як мактаби фалсафӣ, ба хусус ҳар як файласуф вобаста аст, ки он аз гузоришу ҳалли масъалаи асосии фалсафа дар ин ё он давру замон ба миён меояд. Дигар ин, ки мавҷудияти таълимоту равияҳои гуногун ва тазоднок дар таърихи фалсафа ифодаи зиддияти қувваҳои истеҳсолӣ ва муносибатҳои истеҳсолии ин ё он давру замон буда, инъикоси субъективии ҳаёти объективии ҷамъият аст.

Инчунин ҷой доштани равия ва таълимотҳои гуногун аз мансубияти қавмию идеологии муҳаққиқон, ҳолати моддию рӯҳонӣ ва равонии онҳо низ вобаста аст. Чунин аст иллати асосии мавҷуд будани равия ва таълимотҳои мухталифи фалсафӣ оид ба фаҳмиши фалсафии инсон.

Мутазаккир бояд шуд, ки нахустин акида ва тасаввуррот оиди инсон дар фалсафаи Шарқи Қадим ба вуҷуд омадааст. Дар назариёти хакимони атиқа, чун микрокосмос, зарраи хурди кайҳонӣ маънидод шудааст. Ҳакимони юнони кадим ин фарзияро пайгирӣ намудаанд. Ҳакимони атиқа гумон мекарданд, ки инсон маҳсули фаъолияти бе ранҷи Худованд аст. Аз ин рӯ, одамон ва худоҳо дорои хислату хусусиятҳои умумӣ буда, барандаи ҳаёти якхелаанд. Ҳар он тафсире, ки ҳакимони дунёи қадим ба худоҳо нисбат додаанд, инъикоси субъективии хосиятҳои биологӣ ва иҷтимоии одамон буд.

Бо таъбири файласуф Протагор “инсон ченаки ҳамаи чизҳост, чизҳои вуҷуддошта, ки вуҷуд доранд, чизҳои вуҷуднадошта, ки вуҷуд надорад ”. Принсипи асосии фалсафаи атиқа аз нигоҳи маърифати инсон чунин буд. “Эй зи худ бегона, хешро дарёб”. Принсипи мазкурро, ки Суқтор муайян сохта буд, аз тарафи Демокрит ва Афлотун ниҳоят мухталиф пазируфта шуд.

Барои материализми атомистии Демокрит пайдоиши инсон иллати муттаҳидшавии атомҳо дар холо буда, ташаккули табиату моҳияти инсон нафақат аз равандҳои берун аз одамон будаи кайҳон, балки аз натиҷаи таъсири ҷараёни таълиму тарбия низ вобаста аст. Табиат инсонро ба дунё меорад, аммо таълиму тарбия бошад, шахсияти одамро ташаккул медиҳад. Аз нигоҳи Демокрит муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ, ки дар пайдоишу ташаккули инсон нақши босазо мебозад, нисбати якдигар ҳеҷ гуна бартарӣ надоранд. Консепсияи материализм (натуралистии)-и Демокритро ҳакимон Эпикур ва Лукретсий тақвият додаанд.

Дар системаи фалсафии Афлотун бошад, табиати инсонро олами объективию тағъирнопазирии ғояҳои муайян месозанд. Дуализми ҷисми ҷон (тану нафс) зиддияти байни онҳо, моҳият ва мавҷудияти инсонро муайян месозанд. Тамоми системаи фалсафии Афлотун дар масоили инсон аз риояи принсипи ҷовидонии нафс (ҷон) ва фанопазирии ҷисм (тан) иборат аст. Афлотун ҷонибдори тарбияи ахлоиқӣ ва маънавии одамон буд. Ба тарбияи ҷисмонӣ диққати дуюмдараҷа медод.

Арасту бошад, инсонро "ҳайвони сиёсие" эълон доштааст, ки дорои ақлу ҳуш аст. Барои Арасту инсон сараввал қуллаи баланди ба табиат пайваст буда, минбаъд муқобили он меистад, зеро, барандаи нафс (ҷон) сурат

(шакл) ва нахустматерия ҳайюллои аввал) мебошад. Ба андешаи Арасту инсон ва маймун зоҳиран монанд буда, шабоҳати шаклӣ доранд.

Дар фалсафаи насронӣ (Фомаи Аквинӣ) одам мавҷудоте пиндошта мешавад, ки барандаи ду ҷавоҳари тазоднок-рӯҳ ва ҷисм, чун олӣ ва зишт маънидод шудааст. Руҳ абадҷовидон аст. Ҷисм бошад фонишаванда, яъне инсон бо маънии "ваҳдати ҷисм руҳ"" чун мавҷудоти байни ҳайвону фариштагон баррасӣ шудааст.

Ҳакимони асримиёнагӣ инсонро ҳамчун фиристодаи олами дигар, олами осмонӣ ба қалам додаанд. Инсон дар он фалсафа ваҳдати ҷисму ҷон, намунаи ҷаҳону офариниш на пазирандаи олами ҳаёт аст. *Инсон* ҳамчун ҷузъи олами **сағир** ва инъикоскунандаи **олами кабир буда,** ифодагари олами сағиру кабир аст. Инсонро худо офаридааст. Нафси инсон дорои феълҳои афзоиш, ғизогирӣ, наслгузорӣ *муҳаррика,* маърифат, нутқ одоб ва ҳиссиёт мебошад. Инчунин насли инсон қувваҳои муҳаррика, муттавалия, ғозия ва нотиқа дорад, нисбати колбуд (ҷисм) муборак аст.

Дар фалсафаи замони Эҳё пайдоиш ва ташаккули инсон аз қиррави илми табиӣ муайян сохта шудааст. Моҳияти зиндаги инсонро табиати моддии (биологӣ) он ташкил медиҳад. Бар хилофи фалсафаи асримиёнагӣ дар фалсафаи замони Эҳё инсон дигар ба офаридгор эҳтиёҷ надошта, нуқтаи такягоҳи хешро худаш дар замин ҷустуҷӯ менамояд.

Фалсафаи Замони Нав одамро ҳамчун мавҷудоти ҳиссӣ - ҷисмонӣ, хиссӣ -биологӣ шинохта, ду ҷиҳати онро, он чӣ ки табиатан вуҷуд дорад ва он чи ки моҳиятан ташаккул меёбад, фарқ кардааст. Фалсафаи Замони Нав аввалин шуда фарқияти ҷанбаҳои биологӣ ва иҷтимоии инсонро дарк кардааст. Махсусан дар ин ҷо саҳми

маърифпарварони франсавии асри XYIII калон аст. Дар фалсафаи Замони Нав чараёни тавзеҳоти гуногуни масоили инсон аз қабили - равияи ичтимоӣ (Гелветсий), равияи фаталӣ - натуралистӣ (Голбах), равияи детерминизми чуғрофӣ (Монтескиё), ҳиссӣ - чисмонӣ (Дидро), ҳиссӣ - механикӣ (Ламетрӣ) ва гайра вучуд доштанд, ки боиси баҳсу талош ва бархурди назариёти ҳакимон ғардидаанд.

Масоили инсон дар маркази диққати ҳакимони фалсафаи классикии немис низ буд. Ф.В. Гегел дар китоби "Фалсафи рӯҳ" кӯшидааст, то диалетикаи инкишоф ва ташаккулёбии инсонро таҳқиқ намуда, равияи объективӣ - абсолютии онро тартиб диҳад. Намояндаи охирини фалсафаи классики немис, материалист Л. Фейербах инсонро на ҳамчун офаридаи Худованд, балки ҳамчун ваҳдати ягонаи чисму чон дарёфтааст. Ба ақидаи Фейербах чисми инсон бо тамоми пайвастагиҳояш чиҳати муҳими моҳияти инсонро ташкил медиҳад.

Масъалаи инсон диққати ҳакимони замони муосирро низ ба худ чалб кардааст.

Аз назари фалсафаи материалистии муосир инсон зинаи олии организмҳои зинда дар рӯи замин, субъекти фаъолияти чамъиятӣ - истеҳсолӣ, чамъятӣ - сиёсӣ, илмӣ - озмоишӣ ва фаъолияти илмӣ – техникӣ, технологӣ, маданӣ - маърифаӣ, офаринанда ва танзимгарӣ муносибатҳои чамъятӣ аст.

## 11.3. Табиат ва моҳияти инсон.

Дар улуми фалсафа ва табиатшиносӣ мафҳуми табиат бо маънои мухталиф, баъзан тазоднок истеъмол мешавад. Агар мафҳуми табиатро, ки дар маънии умдаи материяи ҳаракаткунандаро дар панч шакли ҳаракаташ дар бар

мегирад, мутаносибан ба инсон гардонем, тавассути он хусусиятҳои хоси инсонро ҳам ошкор кардан мумкин аст. Табиати инсон ташаккули тому таркибиест, ки ҷиҳатҳои гуногун дорад ва савияҳои мазмуни инсонии одам ва хосиятҳои онро ифода мекунад. Муайян намудани табиати умумиинсонӣ сарфи назар аз хислати абстрактии он, шарти зарурии маърифати инсон, вуҷуди мушаххаси воқеии одам мебошад. Бинобар ин, маърифати табиати умумиинсонии одам воситаи назариявии таҷдиди хусусиятҳои ҳаётии инсон мебошад. Гузашта аз ин, истифодаи мафҳуми "**Табиати инсон**" барои гузаштан аз мафҳуми умуми "инсон" ба маърифати шахсияти мушаххас имконият медиҳад.

Аз нигоҳи фалсафаи муосир табиати инсон **дорои се унсур - "тан", "ман" ва "олами инсон"** иборат аст. Ин унсурҳои табиӣ - башарии инсон фақат дар пайвастагӣ ба якдигар вуҷуд дорад. Ҳар яки онро дар танҳои бе таҳлили вобастагии ҳамдигарӣ ва функсияҳои иҷро мекардагии инҳо фаҳмидан мумкин нест. Чунки хусусиятҳои дохилӣ - сохтории ҳар яке аз унсурҳои табиати инсон дар ҳамин пайвастагӣ ва вобастагӣ зоҳир мешавад. Масалан, мавҷудияти ҷисмонии инсони воқеӣ чунин заминаи табииест, ки онро худи инсон наофаридааст, вале ин заминаи табиии худро такроран ба вуҷуд меоварад ва такмилу инкишоф медиҳад.

Нисбати **"ман" тани (бадани)** инсон ҳодисаи объективӣ аст. Вале барои **"ман"** он бегона ҳисоб намешавад, балки дар ҷараёни одамшавии фарди табиӣ он табиати субъективӣ пайдо мекунад, аз галбери субъективии инсон мегузарад, зеро ҷузъи субъекти ҷамъиятӣ мегардад. **Тани** (бадани) инсон нисбати олами беруна сарбаста набуда ба он вориду пайваста мегардад. ҷисми инсон вобаста ба

олами инсонӣ пайваста буданаш, ҳамзамон олами табиӣ ва **"олами инсонӣ"**-ро ба ҳам мепайвандад. Вай организми қобили фаъолиятӣ, амалисозандаи робитаҳои фаъоли универсалии одам бо олам ва инкишофи худи инсон мебошад.

Масъалаи дигари баҳсбарангез ин мушкилоти **моҳияти инсон** аст. Ба таҳлили моҳияти инсон шурӯъ намуда бояд қайд кард, ки инсон пеш аз ҳама мавҷудоти иҷтимоӣ аст. Моҳияти инсон ниҳоят гуногунҷабҳа буда, ҳама хираду ирода, ҳам хислату эҳсосот, ҳам меҳнату маишат ва ғайраро фаро мегирад, ки ҳамаи ин дар раванди ҳаёти ҷамъиятии одамон ташаккул меёбад.

**Таносуби ҷиҳатҳои биологӣ ва иҷтимоӣ дар инсон.**

Табиати инсон хислати дуҷониба дорад. Дар он ду ҷанба - ҷанбаи биологию иҷтимоӣ вуҷуд дорад ва инкишоф меёбад. Ёдовар мешавем, ки ҷанбаҳои фавқуззикр аз тарафи муҳаққиқони мухталиф вобаста ба манфиатҳои касбӣ ва дар доираи қонунҳои илмии хеш баррасӣ мегарданд. Чунин тадқиқ, ба қалам кашида мешавад, ки гӯё он ба инсони мушаххас ва зинда вобастагие надошта бошад. Дар асл инсон аз як тараф ҳамчун вуҷуди биологӣ, ки фаъолияташ бо қонунҳои табиати беруна вобастааст ва аз тарафи дигар, инсон ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ ба қонунҳои иҷтимоӣ тобеъ мешавад. Аз нигоҳи биологӣ инсон мавҷудоти зиндаи биологӣ ва аз нигоҳи иҷтимоӣ бошад, инсон пеш аз ҳама шахсият, офарандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, маҳсули муҳити иҷтимоӣ мебошад. ҷиҳатҳои биологӣ ва иҷтамоии инсон дар ягонагӣ буда, аз нигоҳи диалектикӣ робитадор ва алоқаманд мебошанд.

Хосиятҳои биологӣ аз нигоҳи **генетикӣ** ба барномаи муайян даровvarда шудааст. Масалан, агар инсон дар шароити мӯътадил ва табиӣ зиндагӣ кунад, бояд сад сол, ҳатто зиёдтар умр бинад. Вале вобаста ба инкишофи ҷомеа ва шароити офаридашудаи ичтимоӣ умри инсон дар шароити общинаи ибтидоӣ 30 - 35 сол, дар асри XVII 56 - 60, дар ибтидои асри XX 60 - 65 сол, дар ибтидои асри XXI 75 - 80 солро ташкил медиҳад. Хусусан дар ШМА, Япония ва давлатҳои Аврупо дараҷаи давомнокии умр дароз аст. Хосиятҳои биологии инсон мутобиқ аст ба синну соли бардавоми кӯдакӣ, ҷавонӣ, синну соли баркамолӣ ва пирӣ. Дар ҳар давраи ин синну сол хосиятҳои зоҳирии инсон тағйир меёбад, дигаргун мешавад. Табиати биологии инсон дифферентсиатсияи нажодӣ ва **ҷинсӣ** дар доираи навъи ягона буда, аз нигоҳи биологӣ ҳар як индивид **нотакрор,** махсус аз нигоҳи **генҳое,** ки аз волидайн мегирад ва аз рӯи равандҳое, ки чун хосиятҳои ахборотӣ аз ҷисми модар мегирад, вобаста мебошад.

Хосияти ичтимоии инсон хеле нотакрор ва пурасрор аст. Хосиятҳои ичтимоии инсон "инъоми табиӣ" набуда, ташаккулёбанда аст. Дар **ҷараёни** ҳаёти ҷамъиятӣ одамон хислату хусусиятҳои бардавоми шахсӣ пайдо мекунанд. Хусусан хосиятҳои меҳнатиашон беҳадду канор аст. Инсон қодир аст дар ҷараёни фаъолияти амалии хеш хислату хосиятҳои гуногунҷабҳа пайдо карда, моҳияти инсонии худро боз ҳам **ганитар** гардонад. Ба қавли К. Маркс инсон тавассути олотҳои меҳнат худро ба табиат муқобил мегузорад. Ҳайвонҳо ба табиат мутобиқ мешаванд, аммо худро ба табиат муқобил гузошта наметавонанд. Маҳз сохтори организм, барномаи генетикие, ки дар молекулаи **ДНК** қайд гардидааст, рафтору амали ҳайвонотро муайян месозад. Васоити асосии интиқоли барномаи фаъолияти

инсон нутқи шифоҳӣ, забон, нишона ва омӯзиши ҳамаи он чӣ, ки маданияти ичтимоъро дар дарачаи таърихан муайяни инкишофи чамъиятӣ ташкил медиҳад, муайян месозад. Маҳз маданияти азбаркардаи инсон ба маънои васеи истилоҳ, метавонад рафтору кирдор ва фаъолияти инсонро муайян намояд. Хосиятҳои ичтимоӣ - чамъиятии инсон дар асоси хосиятҳои табиии инсон арзи вучуд намуда, ташаккул меёбанд. Инсон дар чараёни ҳаёти ичтимоии худ як зумра арзишҳоеро меофарад, ки дар танзими муносибатҳои **чамъиятӣ** мақоми мабдавӣ дорад. Тамоми мавчудоти одамӣ хосиятҳои зерини ичтимоӣ доранд;

- Инсон қобил аст мунтазам олотҳои меҳнат тайёр намояд, онҳоро ба узвҳои худ баста ба табиат бо мақсади истеҳсолӣ неъматҳои моддӣ таъсир расонад;

- Инсон дорои кодексҳои муайяни ахлоқӣ ва меъёрҳои рафтору кирдор буда, бо ёрии онҳо хайрро аз шарр, некиро аз бадӣ чудо менамояд;

- Тамомии қобилият, талабот, идроки ҳиссӣ ва малакаи зеҳнӣ, дар натичаи
фаъолияти амалии инсон дар раванди инкишофи чомеа ташакул ёфтааст;

- Инсон мавчудотест, ки берун аз чамъият комилан инкишоф ёфта наметавонад, пас, **инсон фақат дар чамъият комил мегардад**;

- Инсон мавчудоте нест, ки тамоми хислатҳояш, хусусан хислатҳои моҳиятии он пешакӣ барномарезӣ шуда бошад. Хусусан ирода, қобилият, вичдон, озодӣ ва ғайра. **Ҳамаи хосиятҳои моҳиятии инсонӣ дар чараёни истеҳсолии ҳаёти чамъиятии он ташаккул меёбанд ва амалӣ мегарданд**.

**Пурсишномаҳои санҷишӣ:**

**Баъди хондани матни лексия ҳар як хонанда худро бо ин саволҳо бисанҷад.**

1. Хусусияти ҳастии инсон.
2. Антропология кадом илмро меомӯзад?
3. Пайдоиши инсон аз нигоҳи илми муосир .
4. Табиат ва моҳияти инсон.
5. Таносуби ҷиҳатҳои биологӣ ва иҷтимоӣ дар инсон.

**Санҷиши тестӣ**

**1.Антропология ҳамчун илм чиро меомӯзад?**

A. Антропология – қисми таркибии фалсафа буда, дар бораи инсон, пайдоиш, таҳаввул, табиату моҳият ва такомули он баҳс мекунад.

B. Антропология - дар бораи табиат ва моҳияти он баҳс мекунад.

C. Антропология - таносуби ҷиҳатҳои биологӣ ва иҷтимоӣ дар инсон аст.

D. Раванди ягонаи таҳаввули биологӣ ва иҷтимоии инсониро меомӯзад.

**2. Ду омили асосие, ки дар ташаккули инсон нақш доранд кадомҳоянд:**

A. Хӯрока ва пӯшока

B. Омили ҷуғрофиёӣ ва омили табиӣ

C. Омилҳои биологӣ ва иҷтимоӣ

D. Омили сиёсӣ ва фарҳангӣ

**3. Антропосотсиогенез чист?**

А. Таҳаввул ва шаклдигаркунӣ

В. Таҳаввул ва пайдоиши маънавиёт дар ичтимоъ

С. Антропогениз

D. Раванди ягонаи таҳаввули биологӣ ва ичтимоии инсониро меноманд.

**4. Табиати инсон аз чанд унсур иборат аст?**

А. Тан, ман, олами инсон

В. Маводи ҳиссӣ-чисмонӣ, ҳиссӣ-биологӣ

С. Ҳиссӣ-чисмонӣ, ҳиссӣ-механикӣ

D. Ишқу муҳаббат, нафрату бадбинӣ

**5. Кадоме аз муҳокимаҳои зерин бештар воқеӣ аст:**

А. Инсон мавчуди биолигист

В. Инсон мавчуди самовист

С. Инсон мавчуди хориқулода аст

D. Инсон мавчуди биологию ичтимоист.

6. **Кадоме аз муҳокимаҳои зерин бештар воқеӣ аст:**

А. Моҳияти инсон тағйирнопазир аст

В. Моҳияти инсон ниҳоят гуногунчабҳа буда, дар раванди ҳаёти чамъиятии одамон ташаккул меёбад.

С. Моҳияти инсон қабл аз таваллуд муайян аст.

D. Инсон мавчуди бемоҳият аст.

# 12. НАЗАРИЯИ МАЪРИФАТ (ГЕНЕСООЛОГИЯ)

## 12.1. Моҳияти маърифат

Назарияи маърифат (аз решаи арабӣ **арафа** - шинохт ё донистан) дар забонҳои Аврупоӣ бо ифодаи гносеология истифода мешавад. Назарияи маърифат яке аз қисматҳои таркибии фалсафа буда, қонуну қисматҳои маърифат, шаклу воситаҳои шинохти воқеии ҳастиро меомӯзад. Маърифати ҳастӣ бе донистани воситаҳо ва роҳҳои шинохти дуруст имконнопазир аст. Дурусту вокеъӣ будани шинохт имкон медиҳад, ки маърифати олам дуруст ва воқеӣ бошад. Аз ибтидои фалсафа то замони нав яке аз масъалаи асосӣ таносуби донишҳо ва шинохти субъективии мо ба воқеъияти айнӣ, ки новобаста аз шуури мо вуҷуд дорад, будааст. Яъне, ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволхои **Оё дониши мо ҳақиқат дорад? Оё шинохт имконпазир аст ё на? Оё он чи инсон аз ҳастӣ дар меёбад, инъикоси воқеии инсон аст, ё танҳо ин мафҳумҳо дар зеҳни ӯ вуҷуд доранд.** Вобаста ҷавоб гуфтан ба ин саволҳо мактаб ва равияҳои гуногуни фалсафӣ ба вуҷуд омадаанд. Онҳое, ки оламро куллан ғайришинохт меҳисобанд, дар фалсафа бо номи агностикҳо ва мактаби онҳо агноситсизм ном дорад.

Онҳое, ки оламро дар ин ё он сатҳи қобили шинохт медонад, ҳадди ақал ба чор даста тақсим мешавад:

1) **эҳсосгарён** (сенсуалистон);
2) **таҷрибагароён** (эмпирикҳо);
3) **ақлгароён** (ратсионалистон);
4) **маърифати диалектикӣ**.

Аз байни мактабҳое, ки ҳастиро барои илм қобили шинохт медонад, дар фалсафаи нави Аврупоӣ бо номи Саентизм машҳур аст.

### 12.2. Масъалаи ҳақиқат дар фалсафа

Инсон аз рӯзе, ки қазияи ин ман ҳастам ва ман дар ин ҷаҳон ҳастамро матраҳ кард, ҳамоно саволҳои шубҳаомез аз қабили оё воқеан ман ҳастам, оё воқеан ҷаҳоне, ки ман дар он ҳастаму эҳсос мекунам, вуҷуди берун аз зеҳни ман дорад, ба миён омадаанд.

Аз ин рӯ, масъалаи шинохт пеш аз ҳама ҷустуҷӯи маърифати ҳақиқат аст. Ҳақиқат аз фалсафаи дунёи Қадим то имрӯз мафҳуми асосии назарияи маърифат будааст. Дониши ҳақиқӣ ва фиребанда, рост ва дурӯғ ҳатто дар динҳо масъалаи ҳақиқат ба таври ду қувваи мовароутабиат тасаввур шудааст. Пас, ҳақиқат чист?

**Ҳақиқат** - он донишест, ки мувофиқат ва мутобиқат ба олами воқеии мавҷуд берун аз зеҳну шуури инсон дошта бошад.

Имрӯз дар фалсафа чунин шаклҳои ҳақиқат шинохта шудаанд?

1) ҳақиқати объективӣ;
2) ҳақиқати нисбӣ ;
3) ҳақиқати мутлақ.

**ҳақиқати объективӣ** - мазмуни донишҳое, ки новобаста аз инсон ва инсоният вуҷуд дорад. Масалан: замин дар гирди офтоб давр мезанад. Ҳарчанд ин дониш дар майнаи инсон вуҷуд дошта бошад ҳам, вале гардиши замин дар гирди офтоб новобаста аз шуури инсон вуҷуд дорад. Ҳақиқати объективӣ яку якбора дастрас намешавад, балки он дар ҷараёни тадриҷии зина ба зина ба вуҷуд меояд;

**ҳақиқати нисбӣ** - ифодаи маҳдудияти ҳақиқати объективӣ буда, як зинаи маърифати ҳақиқати объективӣ аст ва ҳақиқати нисбӣ низ метавонад ба ҳақиқати объективӣ табдил ёбад;

**ҳақиқати мутлақ** - маҷмӯи ҳақиқатҳои нисбиро ҳақиқати мутлақ меноманд. Ҳақиқати мутлақ яъне қатъию куллӣ дар фалсафа ва соҳаҳои гуногуни илм мавҷуд аст, ки онро **аксиомаҳо** номидаанд. Мисол, 2*2=4, офтоб ситораи гудохта ва манбаи нур аст.

Меъёри тасдиқи ҳақиқат таҷрибаи амалияи инсон ва муфид будани ин ё он ҳукмро собит менамояд.

Хақиқатро донистa, онро таҳриф кардан дурӯғ аст. Ҳақиқатро надониста, баррасӣ кардани фикре, ки мухолифи он аст, иштибоҳ ном дорад.

## 12.3. Масъалаи шуур дар фалсафа

Инсонро таърихан ҳамаи динҳо ва аксари файласуфон мураккаб аз ду ҷавҳар медонанд:

**ҷон (рӯҳ); тан (модда).**

Тибқи ин ақида ҷон нерӯи эҳсосманд ва мураккабест, ки дар ҳар ҷондоре мавҷуд аст ва хоси ҳамаи мавҷудоти зинда аст. Идеалистон ё рӯҳгароён асли рӯҳонии инсонро сарчашмаи шуур ва ақли ӯ медонанд. Моддагароён бошанд, шуурро маҳсули моддаи олии инкишофёфтаи майна ё мағзи сари инсон мешуморанд. Аммо шинохти рӯҳ аз нигоҳи фалсафӣ, яке аз мушкилтарини мавзӯъҳо будааст. Мафҳуми рӯҳро дар таърихи афкори башар метавон гуфт, ки аввалин бор дар марказҳои тамаддуни Шарқ, Ҳиндустон, Миср ва Эрон ташхис кардаанд.

Волтер дини ҳиндиро сарчашмаи ин таълимот медонад. Таълимоти назарияи таносух аввал дар динҳои ҳиндӣ ва баъд дар таълимоти Пифагор ва дар мактаби

Афлотун ва ба аксари файласуфони баъдӣ таъсир расонд. Гегел бошад, ҳастиро зинаи худшиносии рӯҳи мутлақ медонад.

Мафҳуми шуур бошад, дар фалсафа мафҳуми нав аст. Онро дар фалсафаи Аврупоӣ Декарт ворид кардааст ва дар фалсафаи классикии Олмону марксизм дарачаи категорияи фалсафиро пайдо кардааст. Хулоса мафҳуми шуур дар фалсафа чун шакли олии инъикоси мақсадноку маънавии воқеият фаҳмида мешавад. Ба ин асос шуурро метавон чунин таъриф намуд:

**Шуур** - *шакли олии тачрибаи ботинии инъикоси ҳадафноку маънавии воқеият ва идроки моҳияти чавҳарию зотии инсон аст, ки вайро бар олами ҳайвонот бартарӣ диҳанд.*

**Се зинаи** дигари фарққунандаи инсон аз олами ҳайвонот нутқ, ақл ва ниҳоят ҳунарро аз чумлаи рукнҳои таркибии шуур ба шумор метавон овард. Яъне, мафҳуми шуур куллитар дар муқоиса дар ин се мафҳум ва фарогирандаи онҳост. Шуур дорои ду сатҳ аст:

**- сатҳи ҳисию ақлонӣ;**

**- сатҳи эҳсосотӣ, равонию арзишӣ.**

ба сатҳи аввал қувва ва қобилиятҳои маърифатӣ дониш ва ахборе, ки ба воситаи он дарёфт мешавад, тааллуқ дорад. Ба ин сатҳ диққат ва хотир шомил аст;

ба сатҳи дуюм ишку муҳаббат, нафрату бадбинӣ, шодиву хурсандӣ, ғаму андӯҳ ва ғайра дар бар мегирад;

Агар назарияҳои маъруфи мавчударо оид ба шуур хулоса кунем натичаҳои зерин ба даст меояд:

1) аз лиҳози ҳастишиносӣ (онтология) - **шуур мафҳуми моддаи инкишофёфтаи мағзи сари инсон ва фаъолиятҳои асабии он мебошад;**

2) аз лиҳози маърифатшиносӣ - муҳтавои шуурро **инъикоси олами воқеии айнӣ ташкил медиҳад;**

3) аз лиҳози сарчашмаи пайдоиш - он **натиҷаи такомули шаклҳои биологӣ ва иҷтимоии модда аст;**

4) аз лиҳози вазифаю таъиноти шуур - **омили ҳидояту рафтору фаъолиятҳои амалии инсон ва заминаву шароити лозима, барои ташаккули шаклҳои тафаккури мантиқӣ мебошад.**

Нагуфта намонад, ки дар баробари амалиётҳои бошуурона, дар инсон рафтор ва инъикоси бешуурона низ мавҷуд аст.

## 12.4. Шаклҳои маърифат

Маърифат - ҷараёни иҷтимоӣ, таърихии фаъолияти эҷодии одамон буда, дониши онҳоро дар асоси инъикоси фаъоли олами воқеӣ ташаккул медиҳад ва дар заминаи он марому мақсади фаъолияти одамон муайян мешавад.

**Субъекти маърифат.** Ҷамъият, коллектив фардест, ки дорои шуури қобилияти ба таври мақсаднок ва эҷодкорона дигаргунсозии объект аст. Ҳамчун чизи воқеӣ инсон мисли тамоми олами воқеӣ низ метавонад объекти тадқиқ қарор гирад.

**Объекти маърифат.** Қисми олами айниест, ки ба доираи муносибатҳои маърифати амалӣ дохил карда шудааст.

Субъекту объекти маърифат ба ҳам робитаи диалектикӣ дорад.

**Дониши ҳиссӣ** - инъикоси бевоситаи объекти маърифат таввасути панҷ узви ҳиссиёте, ки ҳар кадом таъсири ҳодисаю зуҳуротҳои воқеиро ба таври хос қабул менамояд.

**Шаклҳои дониши ҳиссӣ инҳоянд:**

**1) эҳсос; 2) идрок; 3) тасаввур.**

**эҳсос** - марҳилаи таъсиррасонӣ ва таъсирбардории бевоситаи узвҳои ҳис, ба ашёву объектҳои берун аз онҳо ва барқарории алоқаи тарафайн аст. Ба ибораи дигар, **эҳсос лаҳзаи таъсиррасонии ашёи беруна ба аъзои ҳис ва расидани он то нуқтаи муайяни он узви ҳис дар мағзи сари инсон ва мутассир шудани он аст**;

**идрок** - яъне, дарки он эҳсос ва таъсири он шаклгирӣ, аксбардорӣ пурра ва сабтгардонии намуду шакл, хусусияти ашё ва ҳаводис дар зеҳн ва ба хазинаву бойгонии зеҳн супорида шудани он таъсирот ва маводи идрок шудааст;

**тасаввур** - амали аз нав пеши назар овардани предмету зуҳуротҳоест, ки мо қаблан дарк кардаем ва ҳоло мавҷуд нестанд ё дар ғайби онҳо.

**Дониши ақлӣ** - шакли бавоситаи (бавоситаи дониши ҳиссӣ) маълумоти олам таввасути ҷамъбастнамоӣ, умумиятдиҳӣ бо иштироки забон мебошад. Дониши ақлӣ аз чунин зинаҳо иборат аст:

**1) мафҳум; 2) ҳукм; 3) хулоса.**

**мафҳум** - як шакли шинохт аст, ки бавоситаи он инсон маҷмӯи хусусиятҳо, тарафҳо, сифатҳо ва аломатҳои муҳими ашё ва ҳодисаҳоро инъикос менамояд. Мафҳумҳо шакли оддии фикрианд, ки ҷамъбасти баъзе нишонаҳо, хусусиятҳои умумӣ, гурӯҳбандии навъи муайяни ашё ва ҳодисаҳоро муайян мекунад. **Мафҳум- чунин шакли қолаби фикриест, ки муҳимтарин нишонаҳо ва хусусияти фарққунандаи объектро инъикос мекунад;**

**ҳукм** ё муҳокима - фикрест, ки натанҳо ба ҳолату хусусиятҳои пазируфтани мувофиқат дорад, балки онро ё тасдиқ ё рад менамоянд. Пас, **ҳукм ё муҳокима чунин**

**шакли тафаккурест, ки робита, муносибати ин ё он ҳолат, ё хусусияти ашё ё ҳодисаҳоро дар шакли тасдиқӣ ё инкорӣ ифода карда аст.**

**хулоса** - исботи дониши нав аз донишҳои пешина мебошад, ё ба таври дигар **ҷараёни муқоиса намудуни ҳукумҳои пештара буда, дар натиҷаи вай дониши нав бароварда мешавад ва бо ҳамин пайдо шудани назарияи нав ё радди назарияи пешина имконият пайдо мешавад.**

## 12.5. Сатҳи дониши илмӣ

**Илм чист**. Мафҳуми илм низоми ба таври дақиқ ифода ёфтани дониш доир ба равандҳое, ки дар табиату ҷомеа ба амал меоянд ва инъикоси онҳо дар ҳаёти маънавии одамон ва низоме, ки дар асоси амалияи ҷамъиятӣ - таърихӣ ташаккул меёбад. Илм қонуниятҳоро кашф намуда, онҳоро дар мафҳумҳо ифода менамояд. Илм се элементи ба ҳам пайвастро дар бар мегирад:

1) далелҳои саҳеҳи исботшуда;

2) маҷмӯи мафҳумҳо, категорияҳо ва хулосаҳое, ки робитаю қонуниятҳои воқеиятро инъикос менамоянд;

3) асоси ҷаҳонбинии илм аз диди ин ё он ҷаҳонбинӣ маънидод кардани далелҳои илм.

Дониши илмӣ аз дониши муқарарӣ бо чунин хусусиятҳояш фарқ дорад:

1) маҷмӯи махсуси объектҳои воқеият;

2) забони махсуси илмӣ;

3) истифода бурдани низоми махсуси асбобҳое, ки бевосита ба объекти маърифатшаванда, таъсир мерасонад.

**Сохти илм**. Илм аз донишҳои **таҷрибавӣ** ва **назариявӣ** иборат аст:

дониши таҷрибавӣ - дар асоси мушоҳидаю таҷрибаҳои ташаккулёфта буда, дар ин дараҷа робитаю хусусиятҳои зоҳирӣ ва одии ашёҳо инъикос меёбад;

дониши назариявӣ - инъикоси робитаҳои дохилӣ ва қонуниятҳои воқеият буда, дар ин дараҷа робитаҳои муҳим, зарурӣ ва моҳияти ашёҳо дарк меёбад.

Донишҳои таҷрибавӣ ба маърифати ҳиссӣ, донишҳои назариявӣ бошад, ба маърифати ақлӣ ва инчунин инҳо ба ҳамдигар печ дар печанд.

### 12.5. 1. Вазифаҳои иҷтимоии илм

Илм чунин вазифаҳои иҷтимоиро дорост:

1) шакли асосии маърифати воқеият буда, барои қонеъ гардонидани талаботи ҷамъиятию иқтисодӣ ва техникӣ хизмат менамояд;

2) ба таври васеъ татбиқи худро дар истеҳсолот ёфта, ба қувваи бевоситаи истеҳсолкунанда табдил меёбад;

3) қувваи иҷтимоие, ки донишу методҳои ӯ дар ҳалли масъалаҳои гуногуни инкишофи ҷамъият ҳаматарафа истифода мешавад;

4) вазифаи шарҳдиҳию пешгӯиҳои илмӣ оиди воқеаҳои табиӣ ва иҷтимоӣ.

### 12.5.2. Методологияи илм ва методҳои илмӣ

Методологияи илм (равишшиносӣ), дараҷаи фалсафӣ - гносеологии меъёрҳо, қоидаҳо ва методҳои фаъолияти мақсадноки ба даст овардани донишҳои илмӣ мебошад. Фалсафа, азбаски қонунҳои умумитаринро меомӯзад ба сифати методология қарор гирифтааст. Вобаста ба он ки донишҳои илмӣ ба ду қисм тақсим мешаванд, донишҳои

тачрибавӣ ва назариявӣ, ҳар кадоми аз ин навъи донишҳо дорои методҳои хоси худ мебошад;

### 12.5.3. Методҳои илмии дониши тачрибавӣ:

а) **мушоҳида** - дарки фаъол ва бомақсади олами воқеиест, ки дар натичаи он доир ба хусусият ва нишонаҳои зоҳирии ашё ва ҳодисаҳои олам дониш пайдо мешавад;

б) **тасвир** - дар робита ба мушоҳидаи ахбори ҳиссӣ бо ёрии мафҳум аломатҳо, нақша, рақам, чадвал ... сабт мегардад;

в) **тачриба** - ашё, ҳодисаи тадқиқшаванда аз чиҳати шароит ба таври сунъӣ дигаргун сохта шуда, омӯхта мешавад.

### 12.5.4. Методҳои дониши назариявӣ:

а) **абстрактсиякунонӣ**, умумиятдиҳӣ ва идеализатсия - хусусият, муносибат, робитаҳои муҳим ва зарурии предмети тадқиқшуда фикран чудо карда шуда, нишон ва хусусиятҳои ғайри муҳим аз назар дур карда мешавад. Фикран ин ё он хусусият сарфи назар мешавад ва ё ки дар натичаи тасаввур намудани ҳудуди муайян фикран ба предметҳо ин ё он хусусияти дар воқеият набуда, нисбат дода мешавад;

б) **индуксия** - шакли хулосабарориест, ки дар вай аз далелҳои донишҳои чӯзъӣ хулосаи умумӣ бароварда мешавад;

в) **дедуксия** - чараёни тафаккур аз донишҳои кулл ба дониши ч.зъӣ мегузарад;

г) **аналогия** - аз рӯи монандии ин ё он хосиятҳои ду ҳодиса нисбати дигар хосиятҳо хулоса бароварда мешавад:

д) **анализ ва синтез**-предмет ва ҳодисаҳои тадқиқшаванда фикран ба қисматҳои таркибӣ тақсим карда шуда, хар яки онҳо нисбатан мустақил омӯхта мешавад ва баъд фикран мутаҳид карда шуда ба таври том омӯхта мешавад;

е) **фарзия** - шакли донишҳои эҳтимолӣ ва тахминӣ мебошад ё ба воқеият табдил меёбад, ё намеёбад.

**Пурсишномаҳои санҷишӣ:**

**Баъди хондани матни лексия ҳар як хонанда худро бо ин саволҳо бисанҷад.**

1.Назарияи маърифат (генесоология)
2. Моҳияти маърифат
3.Масъалаи ҳақиқат дар фалсафа
4.Масъалаи шуур дар фалсафа
5.Шаклҳои маърифат
6.Сатҳи дониши илмӣ
7.Вазифаҳои иҷтимоии илм
8.Методологияи илм ва методҳои илмӣ

**1. Агностик кист?**

A. онҳое, ки оламро кулан ғайришинохт медонанд
B. эҳсосгароён
C. ақлгароён
D.таҷрибагароён

**2. Сатҳҳои шинохт**

A. эҳсос, таҷриба, ақл
B. агностикҳо
C. эҳсос, таҷриба, ақл, маърифати диалектикӣ
D. дедуксия, аналогия, анализ ва синтез

**3. Шаклҳои ҳақиқат**

A. ҳақиқати объективӣ ва субъективӣ
B ҳақиқати объективӣ, нисбӣ ва мутлақ
C. ҳақиқати мутлақ ва нисбӣ
D. ҳақиқати заминӣ ва кайҳонӣ

**4. Сатҳҳои шуур**

A. сатҳи ҳиссию ақлӣ

B. сатҳи эҳсосию арзишӣ

C. сатҳи равонию арзишӣ

D. сатҳи бошууронаю таҳтушшурӣ

**5. Шаклҳои дониши ҳиссӣ**

A. эҳсос, ҳис, ақл

B. эҳсос, идрок, тасаввур

C. ақл, идрок, тасаввур

D. дониши ақлӣ ва дониши нақлӣ

**6. Зинаҳои дониши ақлӣ**

A. мафҳум, ақл, хулоса

B. ҳукм, идрок, тасаввур

C. мафҳум, ҳукм, хулоса

D. эҳсос, идрок, тасаввур

**7. Методҳои илмии дониши таҷрибавӣ**

A. тасвир, мушоҳида, дедуксия, фарзия

B. мушоҳида, тасвир, таҷриба

C. дедуксия, аналогия, анализ ва синтез

D. эҳсос, идрок, тасаввур

# 13. ФАЛСАФАИ ИЧТИМОЙ

**13.1. Чамъият** - *низоми таърихан ташаккулёфтаи фаъолият ва муносибатҳои ичтимоии одамон мебошад, ки барои дастёби ба манфиатҳои фардӣ ва умумӣ, масъулият дар адои нақши ичтимоӣ ва адолати ичтимоӣ устувор аст.*

**Дар ин таъриф ду мафҳуми асосӣ вучуд дорад:**

1) **фаъолият**; 2) **муносибат**, ки чомеа бидуни онҳо вучуд дошта наметавонанд. Инсонҳо танҳо ҳангоми фаъолият бо ҳам муносибату робитаҳои гуногун менамоянд. Навъҳои фаъолиятҳои ичтимоии инсон хеле зиёданд, вале муҳимтарин ва аввалин шакли муносибати инсон фаъолияти истеҳсоли неъматҳои моддӣ будааст ва баъдан бо пайдоишу имкони тақсими меҳнат ва аз ҳам чудо шудани меҳнати чисмониву фикрӣ фаъолияти маънавӣ ва фарҳангӣ, истеҳсоли маънавӣ бавучуд меояд. Ҳамзамон бо пайдоиши давлат соҳаи фаъолияти сиёсӣ чудо мешавад.

## 13.2. Ҳастии чамъиятӣ

Дар чомеашиносии марксистӣ чомеа ба ду қисм тақсим карда мешавад:

**1) ҳастии чамъиятӣ;** **2) шуури чамъиятӣ.**

-ҳастии чамъиятӣ гуфта, Маркс тамоми истеҳсолоти моддӣ, қувваи истеҳсолкунанда, муносибатҳои истеҳсолӣ, олоти меҳнатро дар назар дорад.

-шуури чамъиятӣ – бошад, мачмӯи ақоид ва шуури воқеии чамъияти муайянро дар назар дорад.

Имрӯз баъзе аз коршиносони соҳаи фалсафаи ичтимоӣ мафҳуми Ҳастии чамъиятиро чун категорияи куллӣ ҳисобида, аз ҳастии **моддӣ ва маънавӣ** иборат медонанд. **Ҳастии моддӣ** дар навбати худ аз 4 унсур иборат аст:

1) **воситаи истеҳсолот**, олоти меҳнат, дастгоҳо, захираҳои табиӣ, нақлиёт, сармояи аввалин...

2) **қувваи истеҳсолкунанда**, неруи инсонӣ, коргар, деҳқон, техник, олимон, косибон ва ғ. дар бар мегирад;

3) **шаклу тарзи муносибатҳои истеҳсолӣ**, муносибати моликиятӣ, муносибати идорӣ, тақсим ва табодули неъматҳои моддӣ.

4) **истеҳсоли маҳсулоти мавриди ниёз,** маҳсулотити истеҳсолшуда, арзиши изофӣ, арзиши аслӣ...

Ба назари марксистҳо истеҳсолоти моддӣ ва шароити иқтисодӣ ҷавҳари асоси ташаккулдиҳандаи ҷомеа мебошад. Ҳамаи муносибатҳои истеҳсолии одамон ва сохтори иқтисодию иҷтимоии ҷомеа, рушду тариқӣ, осоиштагӣ ва ҳолатҳои акси он вобаста ба ҷӣ гунагии танзими манфиятҳои афроди ҷомеа дараҷаи ҳамаҳонгӣ ё номураттабии манфиатҳои афроди ҷомеа мебошад. Ҷамият дорои ду сатҳи сохторӣ аст:

1) микросатҳ - ки аз афроди ҷудогона, ки ҳар кадоме барои манфиатҳои худ ба ҷамъият ворид мешавад;

2) макросатҳ - ки аз воҳидҳои касбу кори гуногун, демографӣ, иқтисодӣ ва идеологӣ ташаккул ёфтааст.

Агар дар низоми сохтори ҷомеа нақшу нуфӯзи оила, авлоду қабила зиёд бошад, ин навъ ҷамъиятро ҷамъияти қабилавӣ - авлодӣ меноманд ва ин ҷомеа сатҳи паст ва маҳдуди истеъмолӣ дорад. Агар дар ҷомеа нақши созмонҳои давлатӣ зиёд бошад, онгоҳ анвои гуногуни давлат ва вобаста ба ҳамин шаклҳои давлатдорӣ:

**идоравӣ** (монархия, республикавӣ);

**сохтор** (унитарӣ, федеративӣ ва конфедеративӣ);

**режим** (тотолитарӣ, фашистӣ, демократӣ) ба вуҷуд меояд.

Ҳастии маънавии ҷомеа, ки дар заминаи истеҳсолоти маънавӣ ташаккул ёфтааст, шакли дигари ҳастии ҷамъият мебошад. Истеҳсолоти маънавӣ дар баробари истеҳсолоти моддӣ яке аз ду соҳаи муҳим ва асоси ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад.

Ҳаёти маънавӣ шомили ҳамаи шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, адабиёт, санъат, ахлоқ, дин, фалсафа, ҳуқуқ, илм ва ғ. дар бар мегирад, ки дар ин бобат минбаъд сухан хоҳем гуфт. Хулоса сохтори маънавӣ мураккаб аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, муносибатҳои маънавии байни одамон, ва дастгоҳи тавлиду истеҳсол, интишор ва нигоҳдории арзишҳои маънавӣ мебошад.

Ҳастии моддӣ ва маънавиро Маркс чунин баён кардааст:

"Ҳастии ҷамъиятӣ ҳастии моддӣ ва ҳастии маънавиро шуури ҷамъиятӣ" баён кардааст ва инчунин ҳастии ҷамъиятӣ муаянкунандаи шуури ҷамъиятӣ аст.

## 13.3. Таркиби иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа

Ҷамъият мураккаб аз таркиботи гуногуни иҷтимоӣ, фард, оила, гурӯҳ ва созмонҳои гуногун, синф, табақа, миллӣ ва умумиинсонӣ мебошад.

Сохти иҷтимоӣ низоми таърихан ташакулёфтаю устувори робитаи байни унсурҳои ҷудогонаи ҷамъияти том аст. Дар идораи ин низом таркиби иҷтимоии ҷамъиятиро аслан синфҳо ва гурӯҳи иҷтимоӣ ташкил медиҳад.

Таркиби сиёсии ҷамъият аз унсурҳои ба ҳам алоқаманду гуногунмақсад иборат аст. Ба таркиби сиёсии ҷамъиятӣ дастгоҳи давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои мухталифи ҷамъиятӣ дохил мешавад. Ҳамаи ин унсурҳои таркибии низоми тому сершохаю устаҳками механизме

мебошанд, ки бо ёрии он дар ҷамъият ҳокимияти сиёсӣ татбиқ мегардад. Дар байни ин унсурҳо таъмин намудани тартиботи ҳокимияти давлатӣ аз мақсадҳои асосии сиёсат аст.

Давлат машинаи нигоҳдории манфиатҳои як синф аз болои синфи дигар, ё ин ки ташкилоти ҳокимияти сиёсии синфи аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳукумрон аст. Давлат мувофиқи навъҳои ҳар кадоми фарматсияи ҷамъияти иқтисодии синфӣ ва таркиби иҷтимоӣ-синфӣ дар шаклҳои гуногун барқарор мешавад, навъҳои давлати-ғуломдорӣ, капиталистӣ ва сотсиалистӣ аз ҳамин қабиланд.

**Давлат дорои чунин функсияҳо аст:**

**Функсияи дохилӣ** - пахш намудан ва бартараф кардани муқобилияти синфи мухолиф ва дигар қувваи иҷтимоӣ, функсияи хоҷагидорӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ;

**Функсияи берунӣ** - ҳимояи ягонагии қаламрав аз душманони дохилӣ ва берунӣ, тадбиқи мақсадҳои сиёсати берунӣ

Ҳизбҳои сиёсӣ ҳам, монанди давлат маҳсули тақсими ҷамъият ва синфҳо мебошад.

Ҳизб гурӯҳи муташаккил ва бошуури синф, ки бо мақсади ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ ба ҳам мутаҳид мешавад.

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ яке аз унсурҳои таркибӣ - сиёсии ҷамъият ба ҳисоб рафта, ба сифати ифода кардани манфиатҳои синфҳо ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ баромад мекунад.

## 13.4. Шуури ҷамъиятӣ

Мафҳуми шуури ҷамъиятӣ шуури воқеии ҷамъиятӣ муайян ба ҳисоб рафта, маҷмӯи ақоиди алоқамандии

шуури фардию ҷамъиятиро дар бар мегирад. Таркиби шуури ҷамъиятӣ аз чунин сатҳҳо иборат аст:

- муқарарӣ ва назариявӣ (аз нигоҳи маърифат, яъне генесиологӣ);

ва

- психологияи ҷамъиятӣ (рӯҳияи ҷамъиятӣ) ва идеология (мафкура) (аз нигоҳи сиёсӣ):

шуури муқарарӣ - дар ҷараёни ҳаёти амалии ҳаррӯзаи одамон ба таври табиӣ чун инъикоси таҷрибавии ҷиҳати зоҳирии воқеият пайдо мешавад, ки дар асоси сунатҳо, таҷрибаи рӯзгор, дин ва урфу одатҳои миллӣ ташаккул меёбанд;

шуури назариявӣ - инъикоси робитаву қонуниятҳои воқеиест, ки ифодаи худро дар илм ва дигар шаклҳои шуур меёбад;

психологияи ҷамъиятӣ - маҷмӯи низоми ба тарзи стихиявӣ ташаккулёфтаи таркибҳои маънавӣ буда, чунин ҳолатҳоро дар бар мегирад:

1) вазъи устувори психикии одамон;

2) ҳодисаҳо- анъана, малака, урфу одат ва ғ.

3) протсессҳо - тақлидкунӣ;

4) ақидаҳо - динӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ .

Психологияи ҷамъиятӣ ин шуури гурӯҳ ё оммавӣ васеъ паҳн шудааст, ки бевосита шароити иҷтимоии ҳаёти одамонро инъикос мекунад.

Идеология (мафкура) - зуҳуроти мураккаби маънавие мебошад, ки асари муайяни назариявӣ, барномаю механизми интишор дорад.

Рӯҳияи ҷамъиятӣ маҳсули фаъолияти ҳаммарӯзаи одамон аст. Мафкура бошад, маҳсули эҷодии муасиссаҳои миллӣ, олимон, мутафакирон ва сиёсатмадарон аст.

## 13 5. Шаклҳои шуури ҷамъиятӣ

Шуури ҷамъиятӣ дар чунин шаклҳо ба монанди ақидаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, динӣ, илмӣ, фалсафӣ ва ғайра зоҳир мешавад. Гуногунии шаклҳои шуури ҷамъиятиро гуногунии тарафҳои воқеияти объективӣ муайян карда, эҳтиёҷоти ҳаёти ҷамъиятӣ сабаб шудааст.

Шаклҳои шуури ҷамъиятӣ аз як тараф, аз рӯи предмет ва шаклҳои инъикос, хусусияҳои инкишофу иҷрои функсияҳои иҷтимоӣ аз якдигар фарқ мекунанд, аз тарафи дигар, дар байни онхо робитаи мутакобилаи мураккабе вуҷуд дорад. Масалан: шакли сиёсии шуури ҷамъиятӣ ба ахлоқ, дин, фалсафа ва санъат таъсир мерасонад, санъат ба ахлоқ таъсир мебахшад...

Аз рӯи моҳияти шаклҳои шуури ҷамъиятӣ дар шароити ҳозира шуури сиёсӣ дар мадди аввал меистад.

**Шуури сиёсӣ-** маҷмӯи ақидаҳои сиёсии ба ҳисоб рафта, мазмун ва мақсадҳои муносибатҳои синфҳо, миллатҳо ва давлатҳоро инъикос ва асоснок менамояд. Шуури сиёсӣ ба ду Зина - муқаррари амалӣ ва идеалогию назариявӣ ҷудо мешавад, ки ин ба психология ва идеологияи ҷамъиятӣ таксим кардани тамоми шуури ҷамъиятӣ мувофиқ аст.

**Шуури ҳуқуқӣ-** маҷмӯи меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори ҳатмии одамон дар ҷамъият мебошанд. Ба гуфти К. Маркс **"ҳуқуқ иродаи ба ҳукми қонун даровардашудаи синфи ҳукмрон мебошад"**. Шуури ҳуқуқӣ дар байни шуури сиёсӣ ва шуури ахлоқӣ як навъ мақоми мобайнӣ дорад.

**Шуури ахлоқӣ** - маҷмӯи меъёрҳо, қоидахои рафтори одамон дар ҷамъият ба хисоб рафта, тасаввуроти онҳо ба воситаи мафҳумҳои адолатнокӣ ва беадолатӣ, хубӣ ба бадӣ, шарафнокӣ ва бешарафӣ тавсир карда мешавад. Дар қиёс бо шуури ҳуқуқӣ меъёр ва қоидаҳои ахлоқ дар

қонунҳо дарҷ намеёбанд, балки ба воситаи афкори умум мувофиқи анъанаҳо, урфу одатҳо, воситаҳои тарбия ва қувваҳои бедоркунандаи инсон таъсир мерасонад. Онҳо муносибати одамонро ба ҷамъият, ба оила ва дигар давлатҳо муайян мекунанд.

**Шуури динӣ-** чунин шакли шуури ҷамъиятиест, ки олами моддиро аз асосаш канда, ба он намуди хеле мураккабу ҳатто ба ақлу фаросати инсон дастнорас медиҳад. Одатан ин намуди тасаввуротро боварӣ ба қувваҳои фавқутабиӣ ташкил медиҳад.

Агар дин ҳамчун навъи ҷаҳонбинӣ бо мақсадҳои нек ба хизмати инсон равона карда шавад, дар тарбияи насли наврас ва бой гардонидани ҳаёти маънавии онҳо хизмати шоиста карда метавонанд.

**Шуури эстетикӣ** - ҳамчун шакли шуури ҷамъияти соҳаҳои васеи ҳаёт маънавӣ - адабиёти бадей, мусиқӣ, рассомӣ, ҳайкалтарошӣ, меъморӣ, раққосӣ, театр, кино ва г. фаро гирифта, оламро ба таври махсус инъикос менамояд.

**Илм ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ** - низоми муайяни донишҳои одамон барои олам мебошад. Хусусияти илм аз он иборат аст, ки вай оламро дар мафҳумҳо, қонунҳо ва назарияҳо инъикос менамояд. Хулосаҳои илмро амали ҷамъиятӣ тасдиқ мекунад. Илм ҳукмронии инсонро бар табиат афзун мегардонад, доираи назари ӯро васеътар мекунад ва роҳҳои такмил додани муносибатҳои ҷамъиятиро нишон медиҳад.

Илмҳо аз рӯи мавзӯъ ва методи тадқиқотии худ вобаста ба соҳаҳои муайяни воқеият ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

1) илмҳои табиатшиносӣ;

2) илмҳои техникӣ;

3) илмҳои ҷомеашиносӣ.

**Фалсафа ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ-** амали **қонунҳои умумитарини инкишофи табиат, ҷамъият ва тафаккури инсонро меомӯзад**. Вай ҳамчун низоми махсуси донишҳо оид ба мақоми инсон дар олам, муносибати вай ба муҳити атроф буда, мақсади вай аз ошкор сохтани асосҳои фаъолияти инсонӣ ва қонунҳои хоси вай иборат мебошад.

Хусусиятҳо хоси фалсафа ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ чунинанд:

- ҷавоб додан ба саволҳои- олам аз рӯи табиати худ чӣ гуна аст; оё чизи умумие мавҷуд аст, ки ба тамоми ҷисму зуҳуроти воқеӣ хос бошад ва агар ингуна чизи умумӣ мавҷуд бошад, он аз чӣ иборат аст? оё олам имконият дошта бошад, пас ҳақиқат чист ва ғайра;?

- ҳақиқатро меомӯзад ва маърифат мекунад: яъне ҳақиқат ва маърифат ду паҳлӯи ҳамон масъала- масъалаи донисташавандагии олам мебошанд;

- Кор карда баромадани методи умумии маърифатӣ, моҳияти ин метод тафаккури назариявиест, ки таснифоти мураккабсозии назариявӣ, хулосаҳои гуногун ва ҷустуҷӯи алоқамандии робитаи онҳоро, ки ба назари муқаррарӣ ноаёнанд, дар бар мегирад;

- ҷиҳати муҳими хусусияти фалсафа ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ аз он иборат аст, ки вай ба таърихи афкори худ, ба боигарии офаридашудаи ҳаёти маънавии инсоният бо назари танқидӣ ва инқилобӣ менигарад, ҷаҳонфаҳмии навро пешниҳод мекунад.

## 6. Консепсияи форматсионӣ ва сивилизатсиони (тамаддуни)-и инкишофи ҷомеа

**Дар фалсафаи иҷтимоӣ ду нуқтаи назар дар инкишофи ҷомеа вуҷуд дорад:**

**1) форматсионӣ; 2) тамаддунӣ.**

1. Материализми таърихӣ фалсафаи иҷтимоиест, ки иддаои кашфи ниҳоии қонунияти воқеии такомулу тараққии таърих ва ҷомеаро карда, дар зарфи ду аср роҳи пурмоҷароеро аз назария то амалия тай кардааст. Дар асри XX ҳеҷ як мактаби фалсафие он мақому таваҷҷӯҳи хосеро, ки марксизм ва фалсафаи таърихи вай - материализми таърихӣ дошта, надоштааст. Асосгузорони ин мактаб Карл Маркс (1818-1883) ва Фридрих Энгелс (1820-1895) мебошад, ки қонунияти такомули таърихро мабнӣ бар тараққии "ҳастии ҷамъиятӣ" ва муносибати он бо "шуури ҷамъиятӣ" тарзи истеҳсолоти ҷамъият, муносибатҳои истеҳсолӣ ва воситаҳои истеҳсолот баён кардаанд. Аз ин нуктаи назар тақсимбандии давраҳои рушди таърихро бар асоси шаклиятҳо (фарматсияҳо) - и иқтисодӣ гузоштанд. Маркс вуҷуди панҷ форматсия, ҷомеаи обшинавии ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ, сармоядорӣ (капиталистӣ) ва сотсиалистиро асоснок намуда, рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва фалсафаи таърихи башарро тибқи қонунияти диалектикии ивазшавии ин форматсияҳо баён кардааст. Мақулаи асосии ин фалсафа "ҳастии ҷамъият" мебошад, ки муайянкунандаи мақулаи ҷуфти худ "шуури ҷамъият" аст, ё ба ибораи дигар аввалӣ зербинои ҷомеа (базис) мебошад, ки дуюмин - руйбанои ҷомеа (надстройка) - ро ба вуҷуд меорад ва мӯҳтавои онро муайян мекунад.

2. Дар баробари мактаби сотсиологии тавҳиди (монистӣ)-и марксизм равишҳои сотсиологӣ- монистии

дигаре мавчуданд, ки асосгузор ва намояндагони он дар Фаронса: *Огюст Конт(1798-1857), Эмил Дюркгейм (1858-1917); дар Ингилистон* Г. Спенсер (1820-1903), Г. Т. Бокл; дар *Олмон Фердинанд Теннис (1855-1936), Георг Зиммел (1858-1918), Г. Риккер мебошанд.*

Ҳамчунин дар баробари назарияи монистии таърих назарияи чандгарой (плюралистӣ) дар асри XX ба вучуд омаданд, ки *аз он М. Вебер (1864-1920). К. Ясперс, С.Н. Айзенштадт, Ф. Богби, М. Блок, Л. Фавр. Ф. Бродел ва дигарон пайравӣ мекунанд.*

Дар марҳалаи сеюми асри XX тасаввурот дар бораи таърих чун амалкарди тамаддунҳои чудогона ба майдон омаданд, ки намояндагони он О. Шпенглер, А. Тойнби, П. А. Сорокин ва дигарон *буданд.*

Дар ҳоли ҳозир баъд аз муносибати форматсионии Маркс ба фаҳмиши рушди таърих ва чамъият дувумин навъи муносибат, муносибати сивилизатсионӣ - тамаддунӣ мебошад. Мафҳуми *сивилизатсия* дар ҳоли ҳозир маънои *чомеаи оқилона танзимшудаву олитараққикардаро дорад.*

*Муносибати сивилизатсионӣ нисбат ба шинохти таърих ва чомеа иборат аз он аст, ки таърихи рушди чомеаи башар вобаста аз ивазшавии фарҳангу тамаддунҳои гуногун аст, ки ҳар кадоме марҳалаҳои гуногунро аз таваллуд то марг пушти сар мекунанд. Ин назария бо баъзе тафовут дар осори Н. Данилевский, К. Леонтев, О. Шпенглер, А. Тойнби, Ф. Фукияма ва дигарон ифода ёфтааст.*

Мувофиқи назари ин файласуфон тамаддунҳо новобаста аз якдигар рушд кардаанд.

Тозатарин назария аз назаряи тамаддунӣ *назарияи "се мавчи тамаддун"-и Элвин ва Ҳейди Тофлер мебошад.*

*Мувофқи ин назария мавҷи аввал бо инқилоби кишоварзӣ ё зироӣ (аграрӣ), мавҷи дуюм бо инқилоби санъатӣ ва мавҷи сеюм бо инқилоби ахборӣ (инфарматсионӣ)-компютерӣ оғоз шудаанд. Аз лиҳози замонӣ мавзӯи якӯм дар ҳудуди 8-ҳазор сол пеш аз эраи мо оғоз гардида то солҳои 1650-1750 мавҷи асосӣ буд ва аз ҳамин давраи охир мавҷи аввал ба тадриҷ мавқеи худро ба мавҷи дуюм, мавҷи инқиилоби санъатӣ медиҳад.*

Оғози мавҷи сеюм, аз Амрико дар соли 1955 шурӯъ шуд, то ҳол идома дорад. Аммо бояд гуфт, ки ин се навъ тамаддун дар ҳоли ҳозир дар як вақт вуҷуд доранд. Ҳоло натанҳо мавҷи дуюм, балки мавҷи якум низ мавқеи худро аз даст надодааст ва кишварҳое, ки дар гирдоби ин мавҷ ҳастанд, ё як пой ба мавҷи дуюм ва пои дигар дар мавҷи аввал дорад кам нестанд, аз ҷумла кишварҳои Африқо, кишварҳои Шарқ ва Осиёи Марказӣ.

**Пурсишномаҳои санҷишӣ;**
**Баъди хондани матни лексия ҳар як хонанда худро бо ин саволҳо бисанҷад.**

1. Ҷомеаро таъриф диҳед
2. Ҳастии моддии ҷомеа аз кадом унсурҳо иборат аст?
3. Таркиби сиёсии ҷомеро номбар кунед?
4. Таркиби иҷтимоии ҷомеа
5. Шуури ҷамъиятӣ сатҳҳо ва шаклҳои он
6. Назарияҳои инкишофи ҷомеа

**Тестҳои санҷишӣ**

**1. Унсурҳои ҳастии моддӣ ҷомеа**

A. воситаҳои истеҳсолот, кувваи истеҳсолкунанда, шаклу тарзи муносибатҳои истеҳсолӣ, маҳсулоти истеҳсолшуда.

B. ҳастии ҷамъиятӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ

C. истеҳсоли маънавӣ, шуури ҷамъиятӣ

D. Базис ва надстройка

**2. Сатҳи сохтории ҷамъият?**

A. микросатх, минисатҳ

B. макросатҳ, зерсатҳ

C. микросатҳ ва макросатҳ

D. сатҳи болоӣ ва сатҳи поёнӣ

**3. Шаклҳои идоракунии давлат**

A. унитарӣ ва федеративӣ

B. монархия ва республика

C. тоталитарӣ, фашистӣ, демократӣ

D. федеративӣ ва конфедеративӣ

**4. Таркиби ичтимоӣ ҷомеа**

A. фард, оила, давлат, созмонҳо, умумиинсонӣ

B. фард, оила, гурӯҳ, созмонҳо, синф, табақа, миллӣ ва умумиинсонӣ

C. Давлат,ҳизб ва ҳаракатҳои сиёсӣ

D. ҳизб, ташкилотҳои ичтимоӣ ва сиёсӣ

**5. Унсурҳои асосии таркиби сиёсии ҷомеа**

A. дастгоҳи давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ

B. дастгоҳи давлатӣ, динҳо ва гурӯҳҳои дастаҷамъӣ

C. ҳизбҳои сиёсӣ, дастгоҳи иҷроия ва дастгоҳи қонунбарор

D. фард, оила, гурӯҳ, созмонҳо, синф, табақа, миллӣ ва умумиинсонӣ

**6. Сатҳҳои шуури ҷамъиятӣ**

A. мқаррарӣ, динӣ, илмӣ

B. муқаррарӣ, назариявӣ

C. назариявӣ, идеологӣ

D. сатҳи болоӣ ва сатҳи поёнӣ

**7. Назарияҳои инкишофи ҷомеа**

A. ғуломдоӣ, кишоварзӣ, тамаддунӣ

B. фарматсионӣ, аграрӣ, тамаддунӣ

C. форматсионӣ, тамддунӣ

D. кишоварзӣ, тамаддунӣ, ахборӣ

**8. Давраҳои рушди таърихии ҷомеа аз назари Маркс**

A. аграрӣ, ғуломдорӣ, сармоядорӣ

B. общинаи ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ, сармоядорӣ, намунавӣ

C. ғуломдорӣ,   информатсионӣ, санъатӣ
D. кишоварзӣ, санъатӣ, инфарматсионӣ

**9. Се мавҷи тамаддуни Элвин ва Тофлер?**
A. инқилоби кишоварзӣ, санъатӣ, инфарматсионӣ
B. сармоядорӣ, санъатӣ, ахборӣ
C. сивилизатсионӣ, компютерӣ, фарҳангӣ
D. ғуломдорӣ,   информатсионӣ, санъатӣ

# 14. ШАХСИЯТ, АРЗИШ , ОЗОДӢ

## 14.1. Шахсият ҳамчун предмети таҳлили фалсафӣ

**Фард** - ифодаи намояндаи ҷудогонаи авлоди инсонӣ, маҳсули муносибатҳои ҷамъиятӣ.

**Фардият** - дорои сифатҳои гуногуншакли иҷтимоии нотакрор мебошад, ки ба дигарон хос нестанд. Ба фардият чунин сифатҳо хосанд: *қобилиятнокӣ, истеъдод, характер, боиродагӣ, дараҷаи баланди маънавӣ* ...

**Шахсият** - ифодаи ҷиҳати таърихӣ – *ҷамъиятӣ, гурӯҳӣ ва синфии фардият* мебошад.

Одам ба сифатҳои фардию шахсии худ дар ҷамъият шинохта мешавад. Аз тарафи дигар, сифатҳои шахсӣ дар шакли алоҳидагӣ дида намешаванд, онҳо ҳамеша дар шакли фардӣ - шахсҳо зоҳир мешаванд. Ҳар яке аз ин мафҳумҳо дар ифода намудани сифатҳои "одам" тобиши хоси маъноӣ доранд ва муносибати тартиботии онҳо чунин аст:

Мафҳуми "фардият" нисбат ба мафҳумҳои "фард" ва "шахс" мафҳуми тобеъкунанда буда, худи вай ба мафҳуми "одам" шартан тобеъшаванда аст.

Шахсияти инсонро фардияти иҷтимоии ӯ месозад, яъне маҷмӯи хислатҳое, ки сифати иҷтимоӣ доранд ва ҳастии иҷтимоии ӯро муайян мекунад. Шахсият дорои таркиби мураккаб аст ва фаҳмишҳои мухталиф таҳти ин мафҳум вуҷуд доранд.

Дар психология (равоншиносӣ) таҳти ин мафҳум фард, яъне раванди психикие, ки то андозаи зарурӣ ва устуворанду баргарӣ доранд, фаҳмида мешаванд.

Дар ҷомеашиносӣ (сотсиология) бошад, на ҷиҳатҳои инфиродӣ, балки он вазифаҳои иҷтимоие, ки инсон иҷро мекунад, мавриди омӯзиш қарор мегирад. Ин вазифаҳоро

таркиби ичтимоии ҷомеа, гурӯҳҳои мухталифи ичтимоие, ки фард шомили онхост, муайян мекунад. Дар асоси ин консепсияи нақшавии шахсият ба вучуд омадааст.

Дар охир, масъалаи шахсият дар фалсафа аз он иборат аст, ки моҳияти инсон ҳамчун шахсият дар чист ва чӣ мақоме дар оламу таърих дорад. Дар ин маврид шахсият ҳамчун субъекти ғояҳои ичтимоӣ - арзишӣ ва муносибатҳои ичтимоӣ фаҳмида мешавад.

Ташаккулёбии шахсият дар асоси фаъолиятҳои фард оғоз гардида ба нақши ичтимоие, ки инсон ичро мекунад, марбут аст. Ҳар инсон метавонад худ ба худ дар андешаи чӣ корҳоеро ба нақша бигирад, вале воқеъияти ӯро амали ичро кардааш нишон медиҳад.

**Сотсиализатсия (ичтимоишавӣ)** - ҷараёни азхудкунии фард, низоми донишҳои муайян, меъёрҳо ва арзишҳоеро мепоманд, ки инсон зиндагӣ ва фаъолияташро дар чорчӯбаи ҷомеа мусоид мегардонад.

## 14.2. Олами арзишҳои шахсияти муосир

**Мафҳуми арзиш** - ифодаи моҳияти тамоми шаклҳои мавчудоти ҳодисиҳои олам, ки фаъолияти инсону муносибати вай низ дохиланд ва аз мавқеи фоидаву зарар, некию бадӣ, ростию дурӯғ, зебоию безебӣ, мумкину номумкин, адолату беадолатӣ баҳо дода мешавад.

Мафҳуми арзиш ва муносибатҳои арзишӣ дар ҷараёни маърифатии муҳити моддию маънавии инсон ба вучуд меояд. Фаҳмиши арзишҳо бо масъалаи инсон, шахсияти фард алоқаи ногусастанӣ дошта, майлу рағбат, шавқу ҳавас, талабот ва манфиатҳои онҳоро инъикос менамояд.

Навъҳои арзиш ба се қисм тақсим мешавад:

1. арзишҳои моддӣ - асоси ин арзишҳоро истеҳсолоти моддӣ, техникию технологияи пешқадам, дастовардҳои иқтисодӣ ташкил менамоянд;

2. арзишҳои маънавӣ - фаъолияти илмӣ - маърифатӣ, эҷодиёту санъат, фалсафа, дин, ахлоқ, зебоишиносӣ ва г. – ро дар бар мегирад.

3. арзишҳои иҷтимоию сиёсӣ - фаъолияти барои мустаҳкам намудани сохти иҷтимоию - сиёсӣ равона шударо дар бар мегирад.

Арзишҳо ҳамеша арзиши инсонианд ва онҳо хислати иҷтимоӣ доранд. Арзишҳо аз ҷойи номуайян ё берун аз олами инсонӣ ба вуҷуд намеоянд. Онҳо танҳо дар ҷараёни иҷтимоишавӣ шакл мегирад

Ҳар инсон дар низоми муайяни арзишҳо зиндагӣ мекунад. Арзиши шахсият дар асоси дурнамои низоми арзишҳояш ба вуҷуд меоянд. Низоми мушаххаси арзишҳо идоракунандаи ташаккули шахсият аст. Дурнамои арзиш хислати нисбӣ дорад. Масалан, яке таҳсил мекунад, то даромаде ба даст оварад, дигаре кор мекунад, то имкон барои хондану худтакмилдиҳӣ ба вуҷуд оварад.

Аз анвои гуногуни арзишҳо метавон инсон ва зиндагиашро ҳамчун арзиши мутлақ қабул намуд. Ин арзишро метавон ҳамчун арзиши ҳадафу мақсад, на ҳамчун арзиши васоитӣ қабул дошт. Тавре И. Кант дар замони худ навишта буд "Инсон (ва ҷомеа куллан) - хударзишии арзиши мутлақ аст". Инсон (чун ҷомеа дар маҷмӯъ) субъекти арзишӣ ва муносибатҳои арзишӣ аст. Масъалагузории арзиш аз инсонҳо вобаста аст.

Ҷомеа ҳам субъекти арзишҳо маҳсуб аст, ки ин аз моҳияти иҷтимоии инсон аз ягонагии диалектикии инсон ва ҷомеа ба вуҷуд меояд.

Ба арзишҳои олии инсонӣ, ки дар маҷмӯъ ба кулли башарият мансубанд, аз қабили арзиши зиндагӣ, некӣ, ҳақиқатҷӯӣ, адолат, зебоӣ, озодӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд.

### 14.3. Масъалаи маънии зиндагӣ

Яке аз арзишҳои олии инсонӣ масъалаи маънии зиндагӣ аст, ки ки он бештар аз ҷаҳобинии ҳар фард, фарогирии донишҳо ва маҷмӯи арзишҳои ӯ марбут аст. Дар баробари маънӣ бахшидан ба зиндагӣ, ҳолати гум кардани арзишҳои зиндагӣ низ ба чашм мерасад, ки онро мушкилии "Вакуми экзистетсиалӣ" меноманд. Вакуми экзистетсиалӣ ҳолатест, ки инсон арзишҳои худро гум мекунад, ё инҳоро шинохта наметавонад. Ин ҳолат бештар дар замони муосир тавсеа ёфтааст. Махсусан, вақте ки арзишҳои анъанавӣ рӯ ба инқироз овардаанд ва ин боиси он гаштааст, ки на танҳо ҷавонон, балки миёнсолон низ намедонанд, ки барои чӣ зиндагӣ мекунанд, кӯшишҳояшон ба кадом самт аст ва чӣ мехоҳанд.

Яке аз намудҳои вакуми экзистетсиалӣ ин ранҷурӣ(афсурдагӣ) махсуб аст. Он назар ба эҳтиёҷ хело хатарнок аст, зеро эҳтиёҷ инсонҳоро ба фаъолият кардан ва кӯшиш намудан барои рафъи ниёзҳо равона мекунад. Ранҷурӣ бошад баръакс ба гурез аз воқеият равона мекунад, мисли шаробхорагӣ, бангзадагӣ ва монанди ин. Файласуфи фаронсавӣ Алберт Камю навишта буд: "Агар хоҳӣ, ки аз воқеият нагурезӣ лозим аст, дар он арзиши инсонӣ ба вуҷуд орӣ".

Арзишҳои ҳадафӣ ва арзишҳои васоитӣ мавҷуданд. Бидуни арзишҳои васоитӣ ба даст овардани арзишҳои ҳадафӣ номумкин аст. На ҳамаи мақсадҳои наҷиб воситааҳои наҷибро ҷавобгӯянд. Масалан, агар инсон ба

тасдиқи адолатмандӣ кӯшиш дорад, ҳеҷ гоҳ барои расидан ба ин ҳадаф ба ноадолатӣ роҳ намедиҳад.

На танҳо арзишҳои ҳадафӣ, балки арзишҳои васоитӣ низ барои иҷтимоишавии шахс ёрӣ мерасонад. Шахсият, ки мақоми худро, аҳамияти худро дар ҷомеа шинохтааст, яъне инсоне, ки дарк намудааст, ки барои оила, дӯстон, мамлакати худ лозим аст, моҳияти зиндагиашро дар қурбон намудани худ бахри дигарон мебинад. Ин чунин вазъест, ки ҳар қадар, ки мебахшӣ ҳамон қадар меёбӣ.

Дар олам ду навъи арзишҳои муҳими таърихан ташаккулёфта мавҷуданд:

Шарқӣ; Ғарбӣ.

Дар анъанаҳои Шарқӣ **хислати ягонагии инсон ва ҷомеа тасдиқ шудааст**. Дар Шарқ инсондӯстӣ, самимият, эҳтироми падару модар ва калонсолон ҳукумрон аст. Мавқеи махсусро дар ҷараёни иҷтимоишавии шахсият оила дорост, метавон гуфт, ки ҷомеа низ чун як оилаи калон баррасӣ мешавад. Ҳадафи асосии тарбия ва иҷтимоишавии шахсият на дар тағйир додани ҷаҳон, балки дар тағйир додани худ ва худтакмилдиҳӣ аст.

Дар анъанаҳои Ғарбӣ бошад, муқобилистии шахсият ва ҷомеа хислати он маҳсуб аст, ки арзишҳои инфиродӣ нисбат ба арзишҳои ичтимоӣ бартарӣ доранд. Вобаста ба ин иҷтимоишавии шахсият дар ин ҷо пеш аз ҳама ба тағйир додани муҳити ҷомеа ва олами атроф алоқаманд аст.

Дар замони муосир ҷомеаи мо ба давраи масъулияти таърихӣ - гузариш ба иқтисоди бозорӣ қарор дорад. Аз як тараф, муносибатҳои бозорӣ, бегуфтугӯ, боиси иқдомоти нав, фаъолиятнокӣ, нерӯмандии мардум, тавсиаи имкониятҳо барои рушди тавоноӣ ва эҷодии шахсият мешавад. Аз тарафи дигар, гоҳе баъзе нафарон арзишҳои

олие, ки ҳадафи зиндагиашонро муайян мекунанд ва дар таккомули маънавии шахсияташон мусоидат дорад, аз даст медиҳанд, ки боиси ба вакуми экзистенсиалӣ гирифтор шуданашон мешавад. Ба ин гурӯҳ кӯмаки равоншиносон ва аҳли дин ҳатмист. Ҷомеа алҳол дар ҳолате қарор дорад, ки барои нафароне, ки арзиши ҳадафи зиндагиро аз даст додаанд, созмони хайриявӣ бояд таъсис дода шавад.

Пеш аз ҳама иктисодиёт бояд ба ҷиҳати ичтимоӣ равона карда шаванд, яъне сохторҳои давлатӣ бояд муносибатҳои бозориро танзим созанд, то ин ки либерализми иқтисодӣ ва адолати иҷтимоӣ дар мувозинат бошанд.

## 14. 4. Озодӣ чун арзиш. Озодии вичдон.

Яке аз арзишҳои олии шахсият озодӣ ба ҳисоб меравад. Равоншиноси машҳури собик Шуравӣ навишта буд: "**Шахсиятҳо зода намешаванд, онҳо ба вуҷуд меоянд**". Иҷтимоишавии давомноки фард, созандаи шахсият аст.

Шахсият - ин ҷараён аст. Фарде, ки дар шаклгирии шахсияташ маҷбур аст, ин таназзули шахсият ба ҳисоб меравад. Таназзули шахсият аз он ҷо ба вуҷуд меояд, ки фард пурра зери таъсир ва иродаи дигарон мемонад, ё амалиёташ ба афзори барномакунонидашуда табдил меёбад, ки барои ӯ интихоби озод ва фаъолияти озод вуҷуд надорад. Инчунин, агар фард зери таъсири таблиғоти идеологӣ бошад, ӯ пурра вобастаи иродаи дигарон аст ва дар ин ҳолат ӯ соҳиби ҷаҳонбинии худу соҳиби тафаккури мустақили худ нест.

Майзадагӣ ва нашъамандӣ низ ба таназзули шахсият оварда мерасонад, зеро дар ин ҳолат ҳам инсон бандаи

маводи мухадира мешавад, ки дар ӯ интихоб ва озодӣ вуҷуд надорад.

Фарде, ки ақл ва муҳокимарониашро аз даст додааст дар ӯ низ амалияи озод вуҷуд надорад, зеро ирода ва ақли ӯ ба амалиётҳои аз ҷониби ӯ ба вуҷуд омада масъул нестанд, бе озодӣ масъулият вуҷуд надорад. Ба назар чунин мерасад, ки ҳодисаю воқеаҳои аз ҷониби онҳо ба амал омада, ба онҳо вобаста нест, зеро онҳо ақлу иродаи худро роҳбарӣ карда наметавонанд. Аз ин рӯ, онҳоро гунаҳкор кардан нашояд.

Пас, озодӣ яке аз сифатҳои шахсият аст. Инак чанд сухан перомуни ҷиҳати озодии шахсият, яъне озодии виҷдон хоҳем гуфт.

Озодии виҷдон бозгӯи ҳуқуқи инсон аст, оиди муътақид будани ӯ бо ин ё он дин ё умуман эътиқод надоштан ба ҳеҷ як дин. Бояд зикр кард, ки озодии виҷдон ин сифати шахсият аст. Озодии виҷдон нишондиҳандаи интихоби огоҳонаи шахсият ин ё он ҷаҳонбиниро дар назар дорад. Агар инсон зери таъсири ин ё он омили беруна, на аз рӯи эътиқоду бовариҳои худ динеро қабул намояд, пас ин озодии виҷдон нест. Албатта дар шаклгирии ҷаҳонбинии инсон омилҳои умумӣ нақш мебозанд, аммо тасдиқи ин ё он эътиқод аз шахсият вобастааст.

**Пурсишномаҳои санҷишӣ;**

**Баъди хондани матни лексия хар як хонанда худро бо ин саволҳо бисанҷад.**

1. Шахсият чист?
2. Мафхуми арзиш чиро ифода мекунад?
3. Арзишҳои шаркӣ ва ғарбӣ?
4. Маънии зиндагии инсон чист?
5. Озодии инсон чӣ маъно дорад?
6. Озодӣ ин зарурат аст?

**Тестҳои санҷишӣ:**

**1. Шахсият чӣ рисолат дорад?**

A. шахсият - дорои сифатҳои гуногуншакли иҷтимоии нотакрор мебошад

B. шахсият - маҳсули муносибатҳои ҷамъиятӣ

C. шахсият – рисолоти таърихӣ-иҷтимоӣ, гурӯҳӣ ва синфии фардият мебашад

D. шахсият- офарандаи таърих аст.

**2. Навъҳои арзиш**

A. арзиши инсонӣ, арзиши истеҳсолӣ, арзиши ахлоқӣ

B. арзиши моддӣ, маънавӣ, иҷтимоию сиёсӣ

C. арзиши аввалия ва арзиш аз даромад

D. арзиши иктисодӣ ва сиёсӣ

**3. Вакуми экзистенсиалӣ**

A. арзишҳои инсонӣ гум мешаванд ва ё ношинохтаанд

B. инсон ба воқеият арзиш медиҳад

C. шахсият аҳамияти худро дар ҷомеа гум мекунад

D. шахсият танҳо ба гузашта арзиш қоим аст

**4. Намуди арзиши таърихан ташаккулёфта:**

A. арзишӣ, арзиши озодӣ, арзиши динӣ

B. арзиши васоитӣ ва арзиши ҳадафӣ

C. арзиши шарқӣ ва арзиши ғарбӣ

D. арзиши динӣ, таърихӣ ва муосир

**5. Арзишҳои ҳадафӣ чӣ маъно дорад?**

A. инсон барои маъно бахшидани зиндагӣ арзиши ҳадафӣ меҷӯяд

B. арзиши ҳадафӣ- ҳадафҳои инсонанд барои бемаъноӣ

C. арзиши ҳадафӣ, арзишиҳои иҷтимоиянд

D. арзиши ҳадафӣ ин арзиши васоитист.

**6. Озодии шахсият чист?**

A. озодии шахсият-сифатҳои шахсият аст

B. озодии шахсият-озодии интихоби виҷдони ӯст

C. озоди шахсият-нишондиҳандаи интихоби огоҳонаи шахсияти ӯст

D. озодии шахсият –озодии мутлақи ӯст.

## 15. МАДАНИЯТ ВА ТАМАДДУН. ПЕШГӮИИ ИҶТИМОӢ. ҶАҲОНШУМУЛИЯТ ВА МАСОИЛИ ҶАҲОНИ МУОСИР

**15.1. Маданият** - ***маҷмӯи тамоми комёбиҳои инсонӣ дар соҳаи меҳнати фикрию ҷисмонӣ ва тарзи ба даст овардану истифодаи ин комёбиҳо ба манфиати ҷамъият мебошад.***

**Маданият ду намуд дорад:**

**1) маданияти моддӣ; 2) маданияти маънавӣ.**

- маданияти моддӣ - комёбиҳое, ки нишондиҳандаи дараҷаи ҳукмронии инсон аз болои қувваҳои табиат мебошад, ташкил медиҳанд, *воситаҳои истеҳсолот, предмети меҳнат ва маҷмӯи омилҳое, ки инсон ба хотири қонеъ кардани талаботи моддии худ офарида аст;*

- маданияти маънавӣ - маҷмӯи комёбиҳои ҷамъият дар соҳаи илм ва татбиқи он дар истеҳсолоту рӯзгору маишат, дараҷаи инкишофи маориф, хизматрасонии тиббӣ, инкишофи санъату меъёрҳои рафтори ахлоқӣ, дар арсаи инкишофи талаботу ҳаваси мардумро дар бар меирад.

***Тамаддун - нишондиҳандаи инкишофи маданияти моддию маънавӣ дараҷаи инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, натиҷаи фаъолияти иҷтимоӣ-мадании ҷомеа ва нақши он дар ҳалли масъалаҳои умумиинсонӣ ва пешрафти ҷомеаи инсонӣ мебошад.***

**Дар инкишофи маданият ду қонуи мавҷуд аст:**
**1) анъана; 2) навоварӣ.**

- анъанаҳои маданӣ - ҷиҳати устувори маданият буда, тавассути вай ҷамъшавии арзишҳои маданӣ ба амал меояд ва аз насл ба насл, ба мерос меравад;

- навоварӣ - бунёди нав дар маданият, ки аҳамияти умумиҷаҳонӣ дорад ва нишонаи пешрафти маданият мебошад. Маданият чун восита, механизми фаъолияти одамон мебошад ва аз ҳамин ҷиҳат маданият чун технологияи фаъолияти одамон хизмат менамояд.

Маданият дорои хусусиятҳои гурӯҳӣ ва умумибашарӣ мебошад:

- аломати умумибашарии маданият омили муайянкунанда дар раванди инкишофи ҷамъият ифодакунандаи манфиату зиддиятҳои умумии давраҳои мушаххаси инкишофи маданият мебошад;

-хусусияти гурӯҳии маданият бошад, вобаста ба синфҳо ифода меёбад ва дар шакли идеология ба маданият зуран бор карда шавад. Онгоҳ раванди инкишофи маданият халалдор мегардад.

Манбаи гуногуншаклии маданият аз ҳам ҷудогии маҳалҳо, мустақилияти нисбии онҳо. Дар ҳамин замина хусусиятҳои махсуси маданияти ҳар як маҳал ташаккул меёбад. Ҳар яке аз ин шаклҳои маданият такрорнашаванда, аз ҳамин сабаб маданияти ҳамаи миллату халқҳо баробаранд.

Дар ҷараёни инкишоф маданиятҳои гуногун ба ҳам таъсир мерасонанд ва якдигарро бой мегардонанд.

Омилҳои наздикшавии маданиятҳо инҳоянд:

инқилоби илмӣ - техникӣ;

равандҳои инкишофи умумиилму маърифат;

ҷойивазкунии аҳолӣ;

таксимоти умумичахонии мехнат.

Вазифахои ичтимоии маданият иборатанд, аз:

-интиколи тачриба - дониш, аз насл ба насл, дар ашёхо мучассам гаштани мехнат;

- дар чараёни инкишофи чамъият аз пешниходхои бисёри маданият интихоби ичтимой ба амал меоянд ва комёбихои бехтарини илму техника санъату адабиёт ба хазинаи умумибашарӣ дохил шуда, ба пешрафту инсоният хизмат мекунад.

## 15.2. Пешгӯии ичтимоӣ ва масъалахои муштараки муосир

### Пешгӯи ичтимоӣ ва навъхои он

**Пешгӯи - дониш дар бораи оянда, яъне дар бораи он аст, ки ҳанӯз дар вокеият вучуд надошт, факат дар шакли заминахои имконпазирии айнию зехнии чараёни инкишоф мавчуд мебошад.**

Асоси назарияи пешгӯиро кобилияти инъикоси пешакии вокеият аз чониби системаи олии асаб ташкил медихад.

Дакикӣ, сахехӣ ё эхтимолияти пешгӯии илмӣ вобаста ба он аст, ки назарияе, ки ба вай пешгӯи такя менамояд, то чӣ андоза мукаммалу сахех ва то чи андоза робитахои реалияти объективиро дуруст инъикос менамояд.

Дар асоси пешгӯихои илмӣ барномахои дарозмуддати (энергетикӣ, экологӣ, ичтимоӣ, демографӣ, шахрсозӣ, илмӣ - техникӣ...) аз доираи асри мо берун пешниход мешаванд.

Меъёри илмии пешгӯи - пешгӯии ичтимоӣ сохаи махсуси илм гардидааст, марказхои зиёди илми таъсис ефтаанд ва чунин роххои асосии пешгӯи пешниход шудаанд:

- усули экстраполятсия (имтидодӣ) - ба илм такя карда донишро мантиқан аз гузашта ба имрӯз ва аз он ба дарки оянда равона мекунад;

-усули қиёс ё шабоҳати таърихӣ - хеле маҳдуд мебошад зеро ки оянда инсониятро ба ҳеч вачҳ наметавон ба такрори хусусиятҳои асосии гузашта шабоҳат дод;

-усули санчишӣ - усули боэътимоде мебошад, дар ҳамон сурат, ки агар назарияи амиқи илмӣ такя намуда, натичаҳои бадастовардаро дуруст шарҳ диҳад.

Пешгӯиҳо вобаста ба моҳияту таъиноташон ба чаҳор навъ тақсим мегаванд:

1. чустучӯи - тартиб додани тамсили оянда дар асоси тамоюли рушди риштаҳои мухталифи фаъолияти чамъиятӣ;

2. меъёрӣ - тавсияҳои гуногуни амалиро барои татбиқи нақшаю барномаҳо дар бар мегирад;

3. таҳлилӣ - барои муайян кардани арзишҳои маърифатӣ, усули воситаҳои тадқиқи оянда истифода бурда мешавад;

4. огоҳикунанда - ба хотири таъсири бевоситаи зеҳну рафтори одамон, ки азояндаи дар назар дошташуда чилавгарӣ бояд бикунанд, тартиб дода шавад.

## 15.3. Раванди чаҳоншумулият (глобализатсия) ва масоили чаҳоншумули чомеаи муосир.

Чаҳошнумул гардидани раванди рушди ичтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии тамаддуни имрӯзаи инсоният яке аз падидаҳои нодири охири асри XX ва ибтидои XXI мебошад. Он дар чи зоҳир мегадад! Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки чаҳоншумулӣ ҳам ба ҳалли масоили ичтимоию иктисодӣ ва ҳам ба хусусияти тамаддуни садаи XXI тааллуқ дорад.

Дар асри нав ва дар дурнамои ҳазорсолаи сеюм маълум аст, ки ҳеҷ як миллате ва аксар аз он, ҳатто митақае наметавонад, чи аз ҷиҳати молиявию маблағгузорӣ, чи аз нигоҳи техникию технологӣ ва чи аз лиҳози барномарезиву тарроҳӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, истеҳсолӣ, таъмини маҳсулот ва маводи хом сад дар сад худкифо, новобаста ба иқтисоди ҷаҳонӣ бошад. Аз ин рӯ раванди ҷаҳон-шумулиро мо ҳадди ақал дар соҳаҳои зерини ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷаҳон мушоҳида мекунем;

1.Ҳифзи табиат (экология), пешгирӣ ва наҷот аз ҳодисаҳо ва фоҷиаҳои табиӣ; зилзила, туфон, сухтори ҷангал; фоҷиаҳо ва гасодуфҳои баҳриву ҳавоию кайҳонӣ ва ғайраро, ки рӯз аз рӯз афзуда, хусусияти ҷаҳоншумулӣ-глобалӣ пайдо карда истодаанд, фаро мегирад.

2. Пайдоиши бозорҳои ҷаҳонии маҳсулоти технологӣ, молиявӣ, сармояи хориҷӣ ва вобаста ба он ба вуҷуд омадани ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳонӣ; Созмони ҷаҳонии Тиҷоратӣ (ВТО), Фонди Байналмилалии Арз (МВФ) ва ғайра, ки ба хулосаву карордодҳои онҳо ҳамаи кишварҳо итоат мекунанд; ҳамчунин ширкатҳо ва корпоратсияҳои байналмилалӣ, ки қудрати иқтисодиву молиашон ҳатто бештар аз баъзе кишварҳо мебошанд - ин ҳама баёнгари ҷаҳоншумул гардидани иқтисоди ҷаҳонӣ аст.

3. Дар соҳаи ҳифзи саломатию беҳдоштии инсон; мубориза ба муқобили касалиҳои охири асри XX- СПИД, саратон, афъюзадагӣ (наркомания), таъмини оби нӯшокӣ, пешгирӣ аз гуруснаги, марги кӯдакон, танзими оила ва таваллуд.

4. Ҷаҳоншумулӣ ҳамчунин ҳамкорӣ дар таҳқиқот, маблағгузорӣ ва барномарезӣ ва коркард ва ҳалли мушкилот дар соҳаҳои мухталифи илм, фатҳи кайҳон,

истифодаи атом, хифзи қабати озонии курраи Замин ва ғайраро дар бар мегирад.

5. Ҳамкори дар ҳалли масоили сиёсию бехатарӣ; мубориза ба муқобили гурӯҳҳои ҷиноии байналмилалӣ, терроризм, ҳифзи сулҳу амонӣ, пешгирӣ аз ҷангҳои нави ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, интиқоли маводи муҳаддир ва мубориза бо он, таъмини халалнопазирии сарҳадҳои миллӣ, ҳалли ихтилофҳо аз тарқаи сиёсӣ ва гуфтушуниди мусолиматомез.

Ба раванди оламшумулӣ пайвастани соҳаҳои фарҳангу тамаддунро метавон дар кӯшиши барқарор кардани муколама (диалог)-и фарҳангҳо ва тамаддунҳо дид. Маълум аст, ки хусусияти ҷаҳоншумул пайдо кардани сиёсатҳо иқтисоду истеҳсолот, тиҷорат, илму техноложи ва ғ-ра ба фарҳангу маънавият, тарзи зиндагӣ ва ташаккули тамаддуни навини ҷаҳонӣ умуман ва ҳар миллат ва халқият хосатан, бетаъсир нахоҳад буд. Дар ин робита аз ҳама *муҳимтарин шохиси асосии асри 21* ин хусусияти оламшумул пайдо кардани фарҳанги иттилооти ё ташаккули тамаддуни типпи нав *"тамаддуни иттилоотӣ" ("информационная цивилизация")* мебошад. Ин тамаддун, на тамаддуни минтақавӣ, балки воқеъан тамаддуни ҷаҳоншумул мегардад. *Он тамоми маҳдудиятҳои асосии классикӣ-маконӣ, замонӣ, марзӣ, идеологӣ, сиёсӣ, милӣ, мазҳабиро аз сари роҳи худ бар медорад.*

Алоқа ва рабита аз тариқи Интернет, алоқаҳои моҳворавӣ, телефонҳои мобайлӣ (сайёр ва сареъусайр), ТУ-ҳои байниқоравӣ ва ғайра тамоми сарҳадхо, марзҳо ва монеаҳои хоси асри 20-ро аз байн хоҳанд бардошт.

Рушди маърифатӣ, фарҳангиву илмӣ, интеллектуалии ҳар миллате дар асри 21 вобаста аз он хоҳад буд, ки то чи

андоза ин миллат бо системаи Интернет ва аз тариқи сайт ва иттилоот дастрасӣ дорад.

Ҳадди ақал раванди ҷаҳоншумулгардии рушди иҷтимоию фарҳангии инсониятро метавон боҳамин далоил собит кард.

Ҳамин тавр агар ҷиҳатҳои мусбии ҷаҳоншумулиятро ҷустуҷӯ кунем, имрӯз инсоният он андоза ба ҳам наздик шудааст, ки фосилаи замону маконро эҳсос намекунад. Ҷаҳоншумулият инсониятро табдил ба як хонаводаи бузурги дорои равобити наздик, бидуни деворҳои аз ҳам ҷудокунанда, сарнавишти кулли инсониятро ба ҳам банду басти ногусастнӣ додааст.

**Пурсишномаҳои санҷишӣ:**

**Баъди хондани матни лексия ҳар як хонанда худро бо ин саволҳо бисанҷад.**

1. Фаҳмиши маданият ва фарҳанг?
2. Тамаддун чиро ифода мекунад?
3. Маданияти моддӣ ва маънавӣ?
4. Пешгӯии иҷтимоӣ чӣ гуна мешавад?
5. Навъҳои пешгӯии иҷтимоӣ?
6. Ҷаҳоншумулиятро тафсир кунаед?
7. Масъалаҳои муосири башарӣ кадомҳоянд?
8. Роҳҳои ҳалли ин масоил чӣ гуна аст?

**Тестҳои санҷишӣ:**

**1. Намудҳои маданият?**

A. моддӣ, маънавӣ

B. фарҳангӣ, тамаддунӣ, динӣ

C. иҷтимоӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ

D. динӣ ва сиёсӣ

**2. Қонунҳои маданият?**

A. анъана ва стериотип

B. анъана ва навоварӣ

C. маданӣ ва фарҳангӣ

D. моддӣ, маънавӣ

**3. Пешгӯӣ чӣ маъно дорад?**

A. пешгӯӣ - фолбинӣ аст

B. пешгӯӣ – ҷодугарист

C. пешгӯӣ - аз назари илм ояндабинист

D. пешгӯӣ -дониш дар бораи оянда, яъне дар бораи он аст, ки ҳанӯз дар воқеият вуҷуд надошт, фақат дар шакли заминаҳои имконпазирии айнию зеҳнии ҷараёни инкишоф мавҷуд мебошад.

**4. Роҳҳои пешгӯии иҷтимоӣ кадомҳоянд?**

A. усули экстраполятсия ва қиёсу фолкушоӣ

B. усули қиёс ва санҷишу пешгӯӣ

C. усули экстрапоятсия, қиёс ва санҷишӣ

D. қиёсу фолкушоӣ

**5. Навъҳои пешгӯиҳо?**

A. ҷустуҷӯӣ, санҷишӣ, меъёрӣ

B. ҷустуҷӯӣ, меъёрӣ, таҳлилӣ ва огоҳикунанда

C. огоҳикунанда, эстраполятсия, таҳлилӣ

D. экстраполятсия ва қиёсу фолкушоӣ

**6. Ҷаҳоншумулиятро чӣ тавр мефаҳмед?**

A. баҳамоӣ, наздикшавии инсоният новобаста аз забону дин ва урфу одату халқияту миллат дар соҳаҳои иқтисод, тиҷорат,ҳифзи табиат, беҳдошт, пешгирӣ аз ҷангҳои локалию байналмилалӣ,маблағгузорӣ ва ҳамкорӣ барои ҳалли мушкилоти умумиинсонист.

B.Ҷаҳоншумулият - ҷаҳонгардист

C. Ҷаҳоншумулият- сайру саёҳат аст

D. Ҷаҳоншумулият- Дар ҷаҳон зистан аст

## Шарҳи истилоҳоти фалсафӣ

### 1. Предмет ва вазифаҳои фалсафа

1. Ҷаҳонбинӣ- маҷмӯи ақидаҳо дар бораи олам ва мақоми инсон дар ин олам

2. Асотир-аввалин шакли таърихии ҷаҳонбинӣ аст, ки ба ҳамаи воқеияти олам хусусияти инсонӣ дода, дар маркази таваҷҷӯҳаш худоён ва қаҳрамонон қарор мегирад.

3. Дин -инъикоси воқеиёт дар тахаюлоти инсон дар маркази тавваҷҷӯҳи он як қувваи фавқултабиӣ Худо қарор мегирад.

4. Фалсафа- шакли назариявии ҷаҳонбинӣ аст, ки такягоҳи асосии он донишҳои ба исбот расида ва илмӣ мебошанд.

5. Фалсафа- илм дар бораи қонунҳои умумитарини инкишофи табиат, ҷамъият ва тафакури инсонӣ аст.

6. Онтонология- (ҳастишиносӣ )- таълимот дар бораи ҳастӣ.

7. Гнесеология- (маърифатшиносӣ)- таълимот дар бораи маърифат ё шинохт (назарияи маърифат).

8. Анторопология- (инсоншиносӣ)-таълимоти фалсафӣ дар бораи инсон.

9. Футурология - (ояндабинӣ)- таълимот дар бораи оянда.

10. Аксиология- (арзишшиносӣ)- таълимоти фалсафӣ дар бораи арзишҳо.

11. Материализм - (моддигароӣ)- ҷараёни фалсафист, ки материяро аввал шуморида моддаро дуюмин мешуморад.

12. Идеализм - (мусулгароӣ)- ҷараёни фалсафиест, ки ба ҳайси нахустмабдаи ҳастӣ (идея)- ро якумин шуморида, моддаро офаридаи шуур медонад.

13. Субстансия - (ҷавҳар)- нахустмабдаи ҳастӣ, ки барои вуҷуд доштан ба чизи дигар эҳтиёҷ надорад.Ҷиҳати асосӣ доимӣ тағирнаёбандаи предмету падидаҳо, ки асли онҳоро ташкил медиҳад.

14. Аксидесия-(араз)-ҷиҳати берунӣ, муваққатӣ ва номуҳиму тағирпазири падидаю ашёҳо.

15 Монизм - (ваҳдаттарой)- ба ҳайси олам як ҷавҳарро эътироф менамояд.

16. Дуализм - (дугарой)- ба ҳайси нахустмабдаи олам ду ҷавҳар ё ду ибтидоро эътироф мекунад.

17. Агонситсизм - (лоадрия)- ҷараёни фалсафиест, ки пурра донисташавии оламро инкор мекунад.

18. Диалектика- методи маърифатиест, ки оламро чун ҷараёни инкишоф ба тамоми робитаҳои мураккабаш мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

19. Метафизика- (мовафавқултабиат )- методи маърифатиест, ки падидаю ходиса ва воқеаҳои оламро бе дар назардошти робита ва инкишофашон мавриди омӯзиш қарор мегирад.

20. Идеализми объективӣ - (айнӣ)- ба ҳайси нахустмабдаи ҳастӣ шуури объективиро (идеяи мутлақ ё худ "эйдос")-ро эътироф мекунад.

21. Идеализми субъективӣ - (зеҳнӣ) - оламро ба ҳайси маҷмӯи ҳиссиётҳои субъектро эътироф мекунад.

## 2. Фалсафаи бостон

1. Буддоия - таълимоти Ҳинди Қадим аст, асрҳои (VI-V)-и п.м. Асосгузораш Ситхатра Гаутама, ки бо тахаллуси Буддо машҳур аст. Таълимоти ӯ ахлоқию амалӣ аст.

2. Ҷайния - таълимоти динию фалсафии Ҳинд дар асрҳои VI-V то милод асосгузораш Варт Ҳамона (Маохира- қаҳрамони бузург, Чина- ғолиб) таълимоти

ахлоқист, Бартариаш аз буддоия ин аст, ки меъёрҳои ҳатмии ахлоқиро пешниҳод менамояд.

3. Конфутсия - мактаби фалсафии Чини Қадим аст. Асосгузораш Кун Тсзи мебошад. Таълимоти ахлоқӣ ва сиёсиест, ки дар маркази ахлоқи ӯ табиати инсонӣ, дар зиндагии оилавӣ ва тарзи давлатдорӣ ташкил медиҳад.

4. Зардуштия - ҷараёни диннию фалсафиест, дар Эрони бостон, ки характери дуалистӣ дошта, ду мабдаро эътироф мекунад, Аҳурамаздо ва Аҳриман.

5. Космотсентризм - (кайҳонмарказият) - хусусияти хоси фалсафаи антиқа, ки дар маркази таваҷҷӯҳаш масъалаи кайҳон қарор мегирад.

6. Макрокосмос - (олами акбар)- тамоми ҳастӣ.

7. Микрокомос - (олами асғар)- Инсон.

8. Эйдос - идея (дар фалсафаи Афлотун).

### 3. Фалсафаи асри миёна

1. Теосентризм - хусусияти хоси фалсафаи асри миёна аст, ки дар маркази таввачӯҳаш Худо қарор мегирад.

2. Апологетика - шакли аввалияи фалсафаи асримиёнагӣ аст, он барои ҳимояти насрония ба вуҷуд амада буд.

3. Патристика - таълимоти фалсафии “падари муқаддас”. Намояндаи барҷастаи ин равия Августини Кудсӣ аст.

4. Сихоластика - фалсафаи насронии асри миёна аст.

5. Реализм - яке аз ҷараёнҳои фалсафаи схоластикӣ аст, онҳоро ақида ин буд, ки мафҳумҳои куллӣ дар воқеият вуҷуд доранд.

6. Номинализм - баръакси реализм аст ва онҳо ақида доранд, ки танҳо ҷӯзъиёт дорои воқеияттанд.

7. Универсал - Мафҳуми куллӣ

8. Креаталонизм- таълимотест, дар борай офариниши олам аз тарафи Худо, яъне худои қодир ва офаридгор.

9. Машшоия- (препотетик)- пайравони Арастуро дар Шарқ машшоия меноманд. Асосгузори ин мактаб дар Шарқ Абу Юсуф Яъкуб ибни Исхоқ Алкиндӣ мебошад.

10. Асҳоби хаюлло - мактаби модигароии асри миёна аст, ки дар асоси Фалсафаи пеш аз исломии Дахрия ва Таббоия ба вуҷуд омадаст. Намояндагони машҳури ин мактаб Ибни Ровандӣ ва Абубакри Розианд.

11. Калом - фалсафаи динии асри миёнагӣ аст, ки барои ҳимоят аз ислом ба вуҷуд омадааст. Намояндагони барчастааш Мухаммади Ғазолӣ ва Насриддини Тӯсӣ.

12. Тасаввуф- ҷараёни динию фалсафии асрҳои миёнаи Шарқ аст, ки аз омехташавии ақоиди Зардуштӣ, Исломӣ, Ҳиндӣ ва Навафлотуния ба вуҷуд омадааст.

13. Судур- (Эмонатсия) дар асоси ин назария оламро худо ба иродаи худ не, балки бо роҳи судур (ҷори шудан аз худо) дар асоси зарурат ва аз ин чунин хулоса бар меояд, ки худо чун ибтидо абадист ва олам ҳам абадист.

### 4. Фалсафаи замони Эҳё

1. Антропосентризм- (Инсонҷавҳарият)- хусусияти хоси фалсафаи замони эҳёст, ки дар маркази ин фалсафа масъалаи инсон қарор мегирад.

2. Гуманизм- (инсонгарой)- ҷараёнест, ки инсонро ҳамчун шахсият эътироф мекунад ва ӯро соҳибҳуқуқ ба озодӣ ва хушбахтӣ медонад.

3. Натурфалсафа - фалсафаи табиӣ, хусусияти хоси фалсфаи замони эҳё аст, ки бо пешрафти улуми табии пайвастагӣ дорад.

4. Пантеизм-(ваҳдати вуҷудият)- худо ва табиатро як медонанд.

5. Геосентризм - (заминмарказият) ҷараёнест, ки тибқи он замин маркази ҳамаи коинот маҳсубшуда беҳаракатаст.

6. Гелиосентризм - (офтобмарказият) ҷараёнест, ки дар замони Эҳё пайдо шуда, дар асоси илм исбот менамояд, ки замин маркази коинот набуда, балки офтоб маркази коинот аст.

7. Деизм - ҷараёни фалсафиест, ки худоро ҳамчун нахустсабаб ва аввалин мутаҳарики ҷаҳон маънидод мекунад.

### 5. Фалсафаи замони нав

1. Эмпиризм - ҷараёни маърифатиест, ки асоси дониш, таҷриба ва мушоҳидаро меҳисобад.

2. Индуксия - хулосабарории мантиқӣ аз ҷузъ ба кулл.

3: Ратсионализм - (ақлгароӣ) ҷараёни маърифатиест, ки асоси ҳосилшавии донишро ақл мешуморад.

4. Дедуксия - хулосабарории мантиқӣ аз куллиёт ба ҷузъ мегузарад.

5. Монада- мафҳумест, ки дар фалсафаи Лейбнитс истифода шудааст, ғайримоддӣ маркази фаъолияти қувваҳо.

6. Сенсуализм - ҷараёни маърифатиест, ки оғози маърифат ҳиссиётро медонад ва ба назари пайравони ин ҷараён маърифати ҳисси асоси шинохт аст.

7. Атеизм - Инкори мавҷудияти худо.

8. Сифати аввалин ва дувумин - дар таълимоти Ҷон Лок сифати аввалин шакл, ҳаракат ва оромӣ ҳисоб меёбад. Сифати дувумин бошад буй, ранг, садо ва таъм аст.

### 6. Фалсафаи классикии Олмон

1. Космогония - Илм дар бораи пайдоиши кайҳон.

2. Трансцендентӣ - он суй барои ҳис ва ақл дастнорас.

3. фалсафаи трансенсденталӣ - дар фалсафаи Кант истифода шудааст, таълимот дар бораи трансенсдент.

4. Априорӣ - то таҷрибавӣ, яъне донишҳое, ки инсон дар бораи падида ё ҳодиса то таҷриба кардани онро дорад.

5. Апостеорӣ - таҷрибашуда, яъне донишҳое, ки дар инсон баъд аз таҷрибаи ҳодисаю падидаҳо ҳосил мешавад.

6. Феномен - падидаҳо он чӣ ки инсон аз ҳодисаю воқеиёт маърифат мекунад.

7. Ноумен - "чизҳо дар худ", яъне қисмати маърифат нашудаи падидаҳо ва ҳодисот аст.

8. Идеяи мутлак - дар фалсафаи Гегел категорият марказист, ки ифодагари хиради соф мавҷуд буда, то ба вуҷудаш объект ва субъект.

9. Категория - (мақула) мафҳумҳои кулли, фундаменталӣ ва ниҳоӣ.

10. Қонун - робитаи устувори зарурӣ ва моҳиятан такроршавандаи ҳодисаҳо аст.

11. Материализми антропологӣ - яке аз шаклҳои материализм аст, ки дар маркази он модда не, балки инсон қарор мегирад.

## 7. Фалсафаи марксистӣ

1. Материализми диалектикӣ - шакли материализмест, ки дар асоси методи маърифатии диалектикӣ ҳамаи ҳодисаҳои табиию иҷтимоиро баррасӣ менамояд.

2. Базис - ин маҷмӯи муносибатҳои истеҳсолию иқтисодӣ (зербино).

3. Надстройка - (рубино) маҷмӯи ақидаҳо ва шакли шуури ҷамъиятӣ (муносибати ақида дар соҳаҳо).

4. Истеҳсолоти моддӣ - истеҳсоли маҳсулоти мавриди ниёз.

5. Ҳастии ҷамъиятӣ - мносибати моддии одамон байни ҳам ва бо табиат.

6. Шуури ҷамъиятӣ - тамоми маънавиёти ҷомеаро дар бар мегирад ва дар шаклҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, динӣ, санъатӣ (эстетикӣ), илмӣ ва фалсафӣ зоҳир мегардад.

7. Амалия - тарзи азхудкунии воқеият аз тарафи инсон, меъёри асосии ҳақиқат.

## 8.Фалсафаи муосир

1. Стсентизм - (илмгароӣ) шакли фалсафӣ ва ҷаҳонбиниест, ки илмро ҳалкунандаи ҳамаи мушкилоти иҷтимоиоти башар медонад.

2. Антистсентизм - ҷараёни фалсафиест, ки муқобили стсентизм, ки нуфӯзи илмро инкор карда, онро вайронкунанда ва манфӣ меноманд.

3.Ирратсионализм - (ақлнобоварӣ) ҷараёни фалсафиест, ки нуфӯзи ақлро инкор мекнад. Ин ақидаро намояндагони мактаби "Фалсафаи ҳаёт" ва фалсафаи психоаналитикӣ пайравӣ мекунад.

4. Экзисистенсиализм - фалсафаи вуҷуди, ки масъалаи маркази он вуҷуди инсон аст.

5. Фалсафаи психоаналитикӣ - фалсафи З. Фрейд ва К. Юнг, ки зимни таҳқиқи ҳолати таҳтушшуурӣ ба вуҷуд омадааст. Махсусан, Фрейд аҳамияти ғаризаи ҷинсиро дар ҳаёти инсон таҳқиқ мекунад ва инро бо мафҳуми лебидо ифода мекунад.

6. Неотомизм - фалсафаи калисои католикӣ аст ва дар асоси фалсафаи Фомаи Аквинӣ ба вуҷуд омадааст.

7. Герменевтика - санъат ва назарияи интерпритатсияи матнҳо (мувофиқгардонии матнҳо ё тафсир).

8. Идеяи Русӣ - идеяи махсуси халки Рус, идеяи руси муқаддас, " Москва - Римӣ III"- пайрави ҳақиқии таълимоти насронӣ, барои он абадӣ аст.

9. Славянофилҳо - ҷараёни фалсафии рус аст, ки бар зидди нуфӯзи Ғарб баромад мекунад.

10. Ғарбгароён - гурӯҳе буданд, ки гароиш ба тамаддуни Аврупои Ғарбӣ дошта, калисоро зери танқид гирифта, тамоюл бар материализм доштанд.

11. Космизм - ҷараёни фалсафиест, ки вазифаи худ на танҳо донистани олам, балки тағйир додану нигоҳ доштани оламу инсон меҳисобад.

## 9. Фалсафаи ҳастӣ

1. Ҳастӣ- куллитарин категорияи фалсафӣ аст ки дар худ тамоми вуҷудро фаро гирифтааст.

2. Материя- *категорияи фалсафаест, ки барои ифодаи воқеияти айне, ки инсон таввасути эҳсосоташ онро дарк мекунад. Воқеияти айние, ки новобаста ба эҳсосот вуҷуд дошта, нусхаи он ва акси он дар эҳсосҳоямон тӯҷассум меёбад.*

3. **Ҳаракат** – ҳама гуна баҳамтаъсиррасонию тағйирот тарзи мавҷудияти материя мебошад.

4. ҳаракати механикӣ - тағйирпазирӣ нисбати як чиз ба чизи дигар;

5. ҳаракати физикӣ - ҳаракати зарраҳо, атом;

6. ҳаракати кимёвӣ - реаксияҳои кимиёвӣ, бухоршавӣ...

7. ҳаракати биологӣ - аз афтиши дона то сабзишу инкишоф ва фанопазирии он;

8. ҳаракати иҷтимоӣ - рушди оила, кавм, кабила, рушди иқтисодиёт, сиёсат.

*9.* **Фазо** - ифодакунандаи тартиби ҷойгиршавии объектҳои ҳамзамон вуҷуд доштааст.

*10.* **Вақт** – бошад, пайдарҳамии ҳаводиси якдигарро ивазкунанда мебошад.

### 10.диалектика – назарияи инкишоф

1. **Диалектика** - *таълимотест, ки оламро бо тамоми робитаю муносибати таъсири мутақобили чиз, воқеа ва равандҳо мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Яъне, диалектика пеш аз ҳама қонуни такомулу тараққӣ ва рушд дар заминаи зиддиятҳо ва ихтилофҳои дохилии ҳастӣ, таълимот дар бораи вобастагиҳо, тазодҳо ва таноқузҳои қонунию бунёдӣ дар инкишофи табиат, ҷамъият ва маърифат аст.*

2. **Қонун** - *вобастагӣ аз робитаҳо ва алоқамандиҳои айнӣ, зарурӣ, куллӣ ва доимо такроршаванда дар руйдодҳо, пайдоишу пешшавии ҳастиҳои моддӣ, маънавӣ ва иҷтимоӣ буда, ниҳоятан муайянкунандаи шаклу раванди тағйирот ва такомули онҳо мебошад*

3. **Мафҳуми миқдор** - дар худ мафҳумҳои андоза, ченак ва нишонаҳои миқдорӣ чун, *калон, хурд, вазнин, сабук, оҳиста, тез, дароз, кӯтоҳ, ҷавон, пир ва г.* дар бар мегирад.Соддатарин навъи ин ченакҳоро **миқдор** меноманд

4. **Сифат**- *Маҷмӯи хосиятҳои чизҳо ва ҳодисаҳо, ки яклухтиву якпорчаги ва асолати онҳоро ташкил медиҳад, сифат номида мешавад*

5. **Меъёр**- *ҳудуди тағиротҳое, ки ашё сифати худро нигоҳ медорад.*

6. **Ҷаҳиш**- *лаҳзаи шикаста шудани меъёр ва бавуҷудомадани сифати нав.*

7. **Фард** - чиз, ашё, ҳодиса, раванд ва воқеаҳои алоҳидаест, ки аз ҳамдигар аз рӯи хосияти замонӣ, маконӣ

аз чизу ашё ва ҳодисаҳои дигар, аз ҷумла ҳамшабоҳат фарқ мекунанд.

8. **Кулл** - тавсифест, ки мавҷудияти айнӣ, шабоҳати чизҳои ҷузъӣ ба ин ё он гурӯҳи ҳодисаҳо ё низоми ягонаи робита нисбатдоштанро ифода мекунад.

9. **Хос** - ҳалқаи байни фарду кулл, ифодаи андоза ва тарзи иттиҳоди куллу фард дар як ходиса мебошад.

10. **Зуҳурот** - ҷиҳати берунӣ, мушоҳидавӣ ва одатан мутаҳаррику мутағайири ин ё он чиз мебошад.

11. **Моҳият** - ҷиҳатҳои дохилӣ, амиқ, махфӣ ва нисбатан устувори ин ё он чиз, ходиса ва ашё мебошад.

12. **Ҷузъ** - унсурҳое, ки дар робитаи диалектикии худ чизи нави нисбатан мураккабро ташкил медиҳанд.

13. **Том** - маҷмӯи қисмҳое, ки дар робитаи ҳамдигарӣ сифати наврo ташкил мекунад. Том нисбат ба қисмҳояш устувортар аст. Робита қисм ва томро бой гардонида категорияҳои нав - *унсур, таркиб, низомро ташаккул медиҳад.*

14. **Низом** - як қатор унсурҳои ба ҳам робитадору ба тартиб даровардашуда,ки бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд.

15. **Унсур** - дар доираи ҳамин низом ва ҳамин тарзи таҳлил воҳиди тақсимнопазир.

16. **Таркиб** - тарзи нисбатан устувори робитаи унсурҳои ин ва ё он томи мураккаб.

17. **Том** нисбат ба ҷузъ устувортар аст, вале том ҳам абадӣ нест, вай ҳам тағйирпазир аст. Тому ҷузъ робитаи ҳамдигарӣ доранд, онҳо ҳамзамон бо якдигар вуҷуд доранд.

18. **Мазмун** - маҷмӯи унсурҳои гуногун ва гаъсири мутақобилаи онҳо мебошад, ки навъу хислати ин ё он чизро муайян мекунад.

19. **Шакл** - усули тартиб ва тарзи мавҷудияти ин ё он мазмун аст.

20. **Сабаб** робитаи генетикии ҳодисаҳо буда, дар он як чиз - сабаб ва дар шароити муайян чизи дигари ба вуҷуд омада - **натиҷа** мебошад.

21. **Тасодуф** - чунин робитаи сабабию натиҷаест, ки дар он амали гаштани ҳар кадоме аз натиҷаҳои алтернативӣ имконпазир аст, ба таъбири дигар тасодуф ногаҳонӣ буда метавонад вуҷуд дошта бошад ва метавонад вуҷуд надошта бошад.

22. **Зарурат** - чунин робитаи сабабии ҳодисаҳоеро меноманд, ки дар он ҳодиса натиҷаро ба вуҷуд меорад.

23. Эҳтимолият - андозаи имконоти фарорасии ҳодисаҳои тасодуфист. Тасодуфу зарурат нисбианд, *зарурат метавонад дар як шароит чун тасодуф ва дар шароити дигар тасодуф метавонад чун зарурат баромад кунад.*

24. **Имконият** - инъикос ҳамон марҳалаи ҳаракату инкишофи ҳодисаҳо мебошад, ки дар намуди замина ё ба сифати тамоюл вуҷуд дорад.

25. **Воқеият** - имконияти амалишуда ва асоси ташаккули имкониятҳои нав аст.

## 11.Масъалаи инсон дар фалсафа

1. **Инсон**- *намуди биологии боақлу хирад дорои қобилияти офаринандагӣ, нутқ ва камоли маънавӣ*

2. **Антропология** (антропос - инсон ва логос - илм) *бахши фалсафа буда, дар бораи инсон, пайдоиш, таҳаввул, табиат ва моҳияти инсон, такомули инсон баҳс мекунад*

3. **антропосотсиогенез** - *раванди ягонаи таҳаввули биологӣ ва иҷтимоии инсониро антропосотсиогенез меноманд.*

4. ***Панбиологизим*** *–онҳое, ки танҳо ҷиҳатҳои биологии инсонро мӯхим ва асосӣ медонанд.*

5. ***Пансотсиологизим*** *–онҳое ки инсонро мавҷуди иҷтимоӣ меҳисобанд ва ҷиҳатҳои иҷтимоиро барои ӯ асос медонанд.*

6. ***моҳияти инсон****-маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоии инсон, ки мақому мавқеи ӯро муайян мекунанд.*

7. ***Табиати инсон****- маҷмӯи унсурҳои ба ҳам пайваст аз қабили «ман», «тан» ва «олами инсонӣ» баҳисоб мераванд.*

8. **Шуур** - *шакли олии таҷрибаи ботинии инъикоси ҳадафноку маънавии воқеият ва идроки моҳияти ҷавҳарию зотии инсон аст, ки вайро бар олами ҳайвонот бартарӣ диҳанд*

## *12.Назарияи маърифат*

*1.* ***Гносеология****-назарияи маърифат*

*2.* Маърифат - ҷараёни иҷтимоӣ, таърихии фаъолияти эҷодии одамон буда, дониши онҳоро дар асоси инъикоси фаъоли олами воқеӣ ташаккул медиҳад ва дар заминаи он марому мақсади фаъолияти одамон муайян мешавад.

*3.* **Субъекти маърифат.** Ҷамъият, коллектив фардест, ки дорои шуури қобилияти ба таври мақсаднок ва эҷодкорона дигаргунсозии объект аст.

*4.* **Объекти маърифат.** Қисми олами айниест, ки ба доираи муносибатҳои маърифати амалӣ дохил карда шудааст.

*5.* **Сенсуализм**-*ҷараёни фалсафие, ки асоси дониш ҳиссиётро меҳисобад.*

*6.* **ратсионализм**-*ҷараёни фалсафие, ки асоси дониш ақлро меҳисобад.*

7. **Эмпиризм** - *ҷараёни фалсафие, ки асоси дониш таҷрибаро меҳисобад*

8. **Ҳақиқат** - он донишест, ки мувофиқат ва мутобиқат ба олами воқеии мавҷуд берун аз зеҳну шуури инсон дошта бошад.

9. **ҳақиқати объективӣ** - мазмуни донишҳое, ки новобаста аз инсон ва инсоният вуҷуд дорад.

10. **ҳақиқати нисбӣ** - ифодаи маҳдудияти ҳақиқати объективӣ буда, як зинаи маърифати ҳақиқати объективӣ аст ва ҳақиқати нисбӣ низ метавонад ба ҳақиқати объективӣ табдил ёбад;

11. **ҳақиқати мутлақ** - маҷмӯи ҳақиқатҳои нисбиро ҳақиқати мутлақ меноманд.

12. **Амалия**- меъёри тасдиқи ҳақиқат таҷрибаи амалияи инсон ва муфид будани ин ё он ҳукмро собит менамояд.

13. Ҳақиқатро дониста, онро таҳриф кардан дурӯғ аст.

14. Ҳақиқатро надониста, баррасӣ кардани фикре, ки мухолифи он аст, иштибоҳ ном дорад.

15. **Дониши ҳиссӣ** - инъикоси бевоситаи объекти маърифат таввасути панҷ узви ҳиссиёте, ки ҳар кадом таъсири ҳодисаю зуҳуротҳои воқеиро ба таври хос қабул менамояд.

16. **эҳсос** - *лаҳзаи таъсиррасонии ашёи беруна ба аъзои ҳис ва расидани он то нуқтаи муайяни он узви ҳис дар мағзи сари инсон ва мутассир шудани он аст;*

17. **идрок** - яъне, дарки он эҳсос ва таъсири он шаклгирӣ, аксбардорӣ пурра ва сабтгардонии намуду шакл, хусусияти ашё ва ҳаводис дар зеҳн ва ба хазинаву бойгонии зеҳн супорида шудани он таъсирот ва маводи идрок шудааст;

*18.* **тасаввур** - амали аз нав пеши назар овардани предмету зухуротҳоест, ки мо қаблан дарк кардаем ва ҳоло мавчуд нестанд ё дар гайби онҳо.

*19.* **Дониши ақлӣ** - шакли бавоситаи (бавоситаи дониши ҳиссӣ) маълумоти олам таввасути чамъбастнамоӣ, умумиятдиҳӣ бо иштироки забон мебошад

*20.* **Мафҳум-** чунин шакли колаби фикриест, ки муҳимтарин нишонаҳо ва хусусияти фарқкунандаи объектро инъикос мекунад;

*21.* **ҳукм ё** *муҳокима чунин шакли тафаккурест, ки робита, муносибати ин ё он ҳолат, ё хусусияти ашё ё ҳодисаҳоро дар шакли тасдиқӣ ё инкорӣ ифода карда аст.*

*22.* **хулоса** - *чараёни муқоиса намудуни ҳукумҳои пештара буда, дар натичаи вай дониши нав баровварда мешавад ва бо ҳамин пайдо шудани назарияи нав ё радди назарияи пешина имконият пайдо мешавад.*

### *13. Фалсафаи ичтимоӣ*

*1.* **Чамъият** - *низоми таърихан ташаккулёфтаи фаъолият ва муносибатҳои ичтимоии одамон мебошад, ки барои дастёби ба манфиатҳои фардӣ ва умумӣ, масъулият дар адои нақши ичтимоӣ ва адолати ичтимоӣ устувор аст.*

*2.* **Сохти ичтимоӣ** низоми таърихан ташакулёфтаю устувори робитаи байни унсурҳои чудогонаи чамъияти том аст. Дар идораи ин низом таркиби ичтимоии чамъиятиро аслан синфҳо ва гурӯҳи ичтимоӣ ташкил медиҳад

*3.* **Таркиби сиёсии** чамъият аз унсурҳои ба ҳам алоқаманду гуногунмақсад иборат аст. Ба таркиби сиёсии чамъиятӣ дастгоҳи давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои мухталифи чамъиятӣ дохил мешавад.

4. *Давлат* - ин дастгоҳи ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва судӣ, машинаи нигоҳдории манфиатҳои як синф аз болои синфи дигар, ё ин ки ташкилоти ҳокимияти сиёсии синфи аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳукумрон аст.

5. *Демократия* -ҳокимияти халқ; шакли ҳокимияти давлатӣ.

6. **Мафҳуми шуури ҷамъиятӣ** -шуури воқеии ҷамъиятӣ муайян ба ҳисоб рафта, маҷмӯи ақоиди алоқамандии шуури фардию ҷамъиятиро дар бар мегирад

7. **шуури муқарарӣ** - дар ҷараёни ҳаёти амалии ҳаррӯзаи одамон ба таври табиӣ чун инъикоси таҷрибавии ҷиҳати зоҳирии воқеият пайдо мешавад, ки дар асоси сунатҳо, таҷрибаи рӯзгор, дин ва урфу одатҳои миллӣ ташаккул меёбанд;

8. **шуури назариявӣ** - инъикоси робитаву қонуниятҳои воқеиест, ки ифодаи худро дар илм ва дигар шаклҳои шуур меёбад;

9. **психологияи ҷамъиятӣ** - маҷмӯи низоми ба тарзи стихиявӣ ташаккулёфтаи таркибҳои маънавӣ буда, ин шуури гурӯҳ ё оммавӣ васеъ паҳн шудааст, ки бевосита шароити иҷтимоии ҳаёти одамонро инъикос мекунад.

10. **идеология (мафкура)** - зуҳуроти мураккаби маънавие мебошад, ки асари муайяни назариявӣ, барномаю механизми интишор дорад.

11. **Шуури сиёсӣ**- маҷмӯи ақидаҳои сиёсии ба ҳисоб рафта, мазмун ва мақсадҳои муносибатҳои синфҳо, миллатҳо ва давлатҳоро инъикос ва асоснок менамояд.

12. **Шуури ҳуқуқӣ**- маҷмӯи меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори ҳатмии одамон дар ҷамъият мебошанд..

13. **Шуури ахлоқӣ** - маҷмӯи меъёрҳо, қоидаҳои рафтори одамон дар ҷамъият ба ҳисоб рафта, тасаввуроти онҳо ба воситаи мафҳумҳои адолатнокӣ ва беадолатӣ,

хубӣ ба бадӣ, шарафнокӣ ва бешарафӣ тавсир карда мешавад. Дар қиёс бо шуури ҳуқуқӣ меъёр ва қоидаҳои ахлоқ дар қонунҳо дарҷ намеёбанд, балки ба воситаи афкори умум мувофиқи анъанаҳо, урфу одатҳо, воситаҳои тарбия ва қувваҳои бедоркунандаи инсон таъсир мерасонад. Онҳо муносибати одамонро ба ҷамъият, ба оила ва дигар давлатҳо муайян мекунанд.

*14.* **Шуури динӣ-** чунин шакли шуури ҷамъиятиест, ки оламй моддиро аз асосаш канда, ба он намуди хеле мураккабу ҳатто ба ақлу фаросати инсон дастнорас медиҳад. Одатан ин намуди тасаввуротро боварӣ ба қувваҳои фавқутабиӣ ташкил медиҳад.

*15.* **Шуури эстетикӣ** - ҳамчун шакли шуури ҷамъияти соҳаҳои васеи ҳаёт маънавӣ - адабиёти бадеӣ, мусиқӣ, рассомӣ, ҳайкалтарошӣ, меъморӣ, раққосӣ, театр, кино ва г. фаро гирифта, оламро ба таври махсус инъикос менамояд.

*16.* **Илм ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ** - низоми муайяни донишҳои одамон дар бораи олам мебошад, ки дар мафҳумҳо, қонунҳо ва назарияҳо онро инъикос менамояд.

*17.* **Фалсафа ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ**- амали **қонунҳои умумитарини инкишофи табиат, ҷамъият ва тафаккури инсонро меомӯзад**. Вай ҳамчун низоми махсуси донишҳо оид ба мақоми инсон дар олам, муносибати вай ба муҳити атроф буда, мақсади вай аз ошкор сохтани асосҳои фаъолияти инсонӣ ва қонунҳои хоси вай иборат мебошад.

## 14.Шахсият. арзиш. озодӣ

1. **Фард** - ифодаи намояндаи ҷудогонаи авлоди инсонӣ, маҳсули муносибатҳои ҷамъиятӣ

2. **Фардият** - дорои сифатҳои гуногуншакли иҷтимои нотакрор мебошад, ки ба дигарон хос нестанд. Ба фардият чунин сифатҳо хосанд: *қобилиятнокӣ, истеъдод, характер, боиродагӣ, дараҷаи баланди маънавӣ* ...

3. **Шахсият** - ифодаи ҷиҳати таърихӣ – *ҷамъиятӣ, гурӯҳӣ ва синфии фардият* мебошад

4.**Мафҳуми арзиш** - ифодаи моҳияти тамоми шаклҳои мавҷудоти ҳодисиҳои олам,ки фаъолияти инсону муносибати вай низ дохиланд ва аз мавқеи фоидаву зарар, некию бадӣ, ростию дурӯғ, зебоию безебӣ, мумкину номумкин, адолату беадолатӣ баҳо дода мешавад.

5. ***Вакуми экзистетсиалӣ*** ҳолатест, ки инсон арзишҳои худро гум мекунад, ё инҳоро шинохта наметавонад.

6. **Сотсиализатсия (иҷтимоишавӣ)** - ҷараёни азхудкунии фард, низоми донишҳои муайян, меъёрҳо ва арзишҳоеро меноманд, ки инсон зиндагӣ ва фаъолияташро дар чорчӯбаи ҷомеа мусоид мегардонад.

7. **Озодӣ** - зарурати шинохта шудааст.

8. **Озодии виҷдон** бозгӯи ҳуқуқи инсон аст, оиди муътақид будани ӯ бо ин ё он дин ё умуман эътиқод надоштан ба ҳеҷ як дин.

## 15.Маданият ва тамаддун. Пешгӯӣ,ҷаҳоншумулият ва масоили ҷаҳони муосир

1. **Маданият** - *маҷмӯи тамоми комёбиҳои инсонӣ дар соҳаи меҳнати фикрию ҷисмонӣ ва тарзи ба даст овардану истифодаи ин комёбиҳо ба манфиати ҷамъият мебошад.*

2. ***Тамаддун*** *- нишондиҳандаи инкишофи маданияти моддию маънавӣ дараҷаи инкишофи муносибатҳои*

*ҷамъиятӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, натиҷаи фаъолияти иҷтимоӣ-мадании ҷомеа ва нақши он дар ҳалли масъалаҳои умумиинсонӣ ва пешрафти ҷомеаи инсонӣ мебошад*

3. ***Пешгӯи*** - дониш дар бораи оянда, яъне дар бораи он аст, ки ҳанӯз дар вокеият вуҷуд надошт, фақат дар шакли заминаҳои имконпазирии айнию зеҳнии ҷараёни инкишоф мавҷуд мебошад

4. ***Ҷаҳоншумулият*** - баҳамоӣ, наздикшавии инсоният новобаста аз забону дин ва урфу одату халқияту миллат дар соҳаҳои иқтисод, тиҷорат,ҳифзи табиат, беҳдошт, пешгирӣ аз ҷангҳои локалию байналмилалӣ, маблағгузори ва ҳамкорӣ барои ҳалли мушкилоти умумиинсонист.

**Адабиёт:**

**1.Адабиёти асосӣ**


1. Абдулозода Шерзод. Мукаддимаи фалсафа. Душанбе-2004.
2. Баррасиҳо аз таърихи фалсафаи тоҷику форс. Душанбе-2002.
3. Ғаффорова М. Асосҳои фалсафа. Душанбе-1999.
4. Ёқуби Камол. Типҳои таърихии фалсафа. Душанбе-1996
5. Қулматов Н. Очеркҳои таърихи фалсафа. Душанбе-1982.
6. Наврузов С. Н. Саидов Н. Ч. Муаммои инсон дар фалсафа Душанбе-2003.
7. Расулов Қ. Асосҳои Фалсафа. Душанбе -2004.
8. Спиркин Г.К . Асосҳои фалсафа. Душанбе-1990.
9. Фалсафа: Китоби дарсӣ барои мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иборат аз ду қисм. Қисми 1. Душанбе. Маориф 1997.
10. Фалсафа: Китоби дарсӣ барои мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иборат аз ду қисм. Қисми 2. Душанбе. Маориф 1997.
11. Фалсафа аз оғози таърих ҷилди 1. Душанбе - 1990.
12. Фалсафа аз оғози таърих ҷилди 2. Душанбе - 2005.
13. Введение в философию. Учебник для вузов. В2Т
14. Философия: Учебник. Под. ред. проф. В.Н Лавриенко. М., 1998.
15. Алексеев П.В., Панин А.В. Философия. Учебник для вузов. М., 1998
16. Мир философии. Книга для чтения. М.,1991.
17. Спиркин Философия. М.,-1999. Сприкин А.Г Философия. М., 1999.

18. История философии. Чебное пособие для вузов. М., 1997.

19. Философия. Под.ред.проф. Л.А Никитич.М,,-2000.

20. Философия Под.ред,проф Ю.А Харина. М., 2000.

21. Введение в философию. В.В Бобров. М., Новосибирск,2000.

22. Философский энциклопедический словарь. М., 1999.

23. В.А Канке. Философия: Учебник. М.,2001.

**2.Адабиёти иловагӣ:**

**оиди мавзӯи 1.**

1. Асмус В.Ф. Античная философия. Учебное пособие. М.,1976

2. Ильянков А.В. Философия и культура. М., 1991

3. Лосев А.Ф. Философия. Мифология. Культура. М.,1991

4. Ленин В.И. Философские тетради ЛПСС. Т22

5. Желнов М.В. Предмет в истории философии. М.1981

6. Мифы народов мира. В.2т. М.,1980, 1982

7. Мифологический словарь. М.,1980

8. Кун Н.А Легенды и мифы Древней Греции. М.,!957.

9. Хук С.Г. Мифология Ближнего востока. М.,1991

**оиди мавзӯи 2.**

1. Асмус В.Ф. Античная философия. М.,1976

2. Донских О.А. Качупин А.Н. Античная философия. М., 1991

3. Чанышев А.М. Курс лекции по древней средневековой философии. М.,1991

4. Антология мировой философии. В У т. Т 1. М.,1969

5. Платон. Апология Сократа. Парменид. Государство. Соч. В3т. М.,1968-1971
6. Богомолов А.С. Античная философия. М.,1985
7. Лукрецкий Кар. О природе вещей. М.,1946
8. Лосев А.Ф. Тахо-Годи А.А. Платон. Арестотель. М.,1994

**оиди мавзўи *3-4*.**

1. Соколов В.В. Средневековая философия. М.,1983
2. Штраус Д.Ф. Жизнь Иисуса. М.,1992
3. Чанышев А.Н. Курс лекций по древней и средневековой философии. М.,1991
4. Григорян С.Н. Из истории философии Средней Азии и Ирана VII-ЧII вв.-М: АН СССР, 1960
5. Аль-Фараби. Историко-философские трактаты. Пер. с араб.-Алма-Ата, 1985
6. Великие Мыслители Востока. Пер. с англ. М.,1999
7. Томпсон М. Восточная философия. Пер. с англ. М.,2002
8. Богоутдинов А.М. Очерки по истории таджикской философии. Сталинабад, 1961
9. Диноршоев М.Д. Натурфилософия Ибн Сины. Д.,1985
10. Додхудоев Х.Очерки философии исмаилизма. Д.,1976
11. Арабзода Н. Исмаилитская философия Носира Хусрава. Д.,1997

**оиди мавзўи 5.**

1. Данте Божественная комедия (любое издание).
2. Галилей. Диалог о двух системах мира… М.,1948

3. Горфункель А.Х. Философия эпохи Возрождения. м.,1980

4. Бэкон Ф. Новый органов. Соч. 62м. М.,1978

5. Беркли Дж. Трактат о принципах человеческого знания. Соч. М.,1978

6. Декарт. Рассуждения о методе. Избр. произв. М.,1950

7. Вольтер. Философические письма . М.,1988

8. Гольбах. Система природы. М.,1940

9. Спиноза. Этика. Избр. произв. М.,1957

10. Солонин Ю.Н. Декарт - образ философа в образе эпохи. СПБ., 1994

**оиди мавзӯи 6.**

1. Энгельс Ф. Людвиг Фейербах и конец классической немецкой философии

1. Маркс К., Энгельс Ф. Соч.-2-е издание Т.21

2. Асмус В.Ф. Кант. М.,1973

3. Кант. И. Критика чистого разума. Соч.Т.6 . М.,1964

4. Кант.И. Критика практического разума. Соч. Т.6. М.,1965 (Т4)

5. Гегель. Энциклопедия философских наук. М.,1974

6. Соколов В.В. Европейская философия ЉVI-ЉVII вв. М., 184

**оиди мавзӯи 7.**

1. Маркс К.Тезисы о Фейербахе. Маркс К., Энгельс Ф., Соч. 2-е изд. Т.42

2. Энгельс Ф. Людвиг Фейербах и конец классической немецкой философии.

1. Маркс К., Энгельс Ф., Соч. 2-е изд. Т.21

2. Ленин В.И. Карл Маркс. Полное собрание Соч. Т26

3. История марксизма –ленинизма. . М., 1974

4. Лапин Н.Н. Молодой Маркс. 3-е изд. М. 1986

**оиди мавзӯи *8.***

1. Лосский Н.О. История русской философии . М. 1991

2. Зеньковский В.В. История русской философии. Л.1991

3. Чаадаев П.Я. Статьи и письма. М., 1987

4. Громов М.Н., Козлов Н.С. Русская философия мысль Ҷ-ҶVII вв. М., 1995

5. Зернов Н.М. Три русских пророка. Хомяков. Достоевский. Соловьев. М., 1995

6. Лосев А.Ф. Владимир Соловьев и его время. М., 1990

**оиди мавзӯи *9.***

1. Буржуазная философия ҶҶ в. М., 1974

2. Богомолов А.С.Немецкая буржуазная философия после 1965 года . М., 1969

3. Философия и культура. М. 1987

4. Автономова Н.С. Рассудок Разум. Рациональность . М., 1988

5. Современные зарубежные концепции диалектики . М., 1987

6. Григорян Б.Т. Философская антропология . М., 1982

7. Философия. Религия. Культура. М., 1982 Часть 2

**оиди мавзӯи *10.***

1. Маркс К., Энгельс Ф. Немецкая идеология. Маркс Л., Энгельс Ф. Избр. соч. В 9 м . М., 1985. Т.2

2. Энгельс Ф. Анти-Дюринг Маркс К., Энгельс Ф. Соч. 2-е изд. Т 20

3. Ленин В.И. Материализм и эмпириокритицизм. Полн. Собр. Соч. Т18

4. Диалектика в науках о природе и человеке. М., 1983

5. Энгельс Ф. Диалектика природы. Маркс К. Энгельс Ф., соч. 2-е изд. Т.20

6. Розенталь И.Л. Элементарные частицы и структура Вселенной. М., 1984

